**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ БАРОИ ДУХТАРОН) СИНФИ 8-УМ

**бароио омӯзгорони**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373. 167. 1 (072)**
**ББК Я72+74.263**
**А-37**

**А-37.** Ш. Азизов., А. Азизов. **Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон) барои синфи 8-ум.** Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, 180 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-485-8**
**© Маориф, 2017**

## МУНДАРИЧА


| | |
|---|---|
| **Муқаддима** | 5 |
| Стандарти фанни технология (таълими меҳнат)барои синфи 8 | 7 |
| I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 7 |
| 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 7 |
| 1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 12 |
| 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 12 |
| 1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 12 |
| 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат) | 14 |
| **II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)** | 15 |
| 2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ | 16 |
| 2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ | 16 |
| 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ | 17 |
| 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо | 17 |
| 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон | 18 |
| **III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАШТУМ** | 19 |
| 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан | 20 |
| 3.2. Принсипҳои таълими самаранок | 20 |
| 3.3. Омодагии омӯзгор ба дарс | 20 |
| **IV Равиши дарси фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи 8** | 28 |
| **V.АРЗЁБӢ** | 28 |
| Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 8 | 36 |
| **БОБИ I. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ** | 40 |
| Машғулияти муқаддимавӣ-1 соат | 40 |
| Асосҳои истеҳсолот.Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон-1 соат | 43 |
| Корхона ва ташкилот-звенои асосии хоҷагии халқ-1 соат | 48 |
| Хусусияти мазмуни меҳнат ва корхонаи хоҷагии халқ-1 соат | 50 |
| Асосҳои технология. Маълумот дар бораи раванди технологӣ-1 соат | 54 |
| Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон-1 соат | 59 |
| Назорат ба сифати маҳсулот-1 соат | 64 |
| **БОБИ II. ИНТИХОБИ КАСБ-1 соат** | 68 |
| Интихоби касб. Касбҳои хоҷагии халқ. Таснифи касбҳо-1 соат. | 68 |
| Шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон-1 соат | 71 |
| Мафҳуми асосии касбнома, хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб-1 соат | 76 |
| Майлу рағбат ба касб-1 соат | 80 |
| **БОБИ III. БАРҚ ДАР РӮЗГОР** -1 соат | 85 |
| Маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ-1 соат | 85 |
| Сохти лампочка ва қисмҳои он-1 соат | 91 |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи чангкашак-1 соат | 96 |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мӯйхушккунак (фен) -1 соат | 100 |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи яхдон-1 соат | 104 |
| Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ-1 соат | 108 |
| Шиносоӣ бо дарзмол ва вазифаи он-1 соат | 112 |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи дарздӯзӣ-1 соат | 118 |
| **БОБИ IV.КУРТАИ МИЛЛИИ ЗАНОНА**-1 соат | 123 |
| Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдор-1 соат | 123 |
| Амсиласозии остин ва гиребон-1 соат | 126 |
| Технологияи тайёр кардани либос ва кор дар паси мошинаи дарздӯзии барқӣ-1 соат | 129 |
| Қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии барқӣ-1 соат | 134 |
| Таҳияи остин-1 соат. | 137 |

| | |
|---|---|
| Дӯхти пурраи куртаи миллӣ-1 соат | 141 |
| **БОБИ V.ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ**-1 соат | 144 |
| Куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак-1 соат | 144 |
| **БОБИ VI.КАСБУ ҲУНАРИ МИЛЛӢ**-1 соат | 147 |
| Ҷӯлоҳӣ-1 соат | 147 |
| Қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот-1 соат | 153 |
| Бофтани қаторҳо ба навъҳои гуногуни ҷӯлоҳӣ-1 соат | 156 |
| Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана-1 соат | 160 |
| Бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана. Бофти пурраи нимтанаи бачагона-1 соат | 164 |
| Нигоҳубин ва таъмири либос-1 соат | 167 |
| **БОБИ VII. БЕҲДОШТИ ДУХТАРОН** | 171 |
| Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак-1 соат | 171 |
| Бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) -1 соат | 175 |

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин, ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши асосӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: **“... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.**

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст. Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар зинаи таҳсилоти болоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-ро дар синфи ҳаштум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро бо воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти болоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад. Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим

натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

– Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ.

– Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон.

– Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия.

– Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм(мо ба тавсия ва маслиҳатҳои Шумо ниёз дорем).

– Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқамананданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

**Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум**

# I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 8

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум

### 1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАШТУМ

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Амсиласозӣ** – давоми такмили тарҳи либос мебошад. Такмил ва интихоби модел дар лоиҳаи умумии маснуот нишон дода мешавад.

**Ангуштпона** – ҳанӯз дар асри IV маълум буд. Аввалҳо ангуштпонаро аз чарм, тилло ва дигар филизот сохта, нақшу нигор меандохтанд. Баъдтар, яъне аз асри XVI ва XVII ангуштпонаро бо усули фабрикавӣ аз алюминий, пӯлод, нуқра, пластмасса месохтанд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Бахиядӯзӣ** – бахияро аз рӯйи нусхаи махсус медӯзанд. Бо ин дарз асосан либосҳо – китфҳо, нӯги остини камзӯл, пеши синаҳо, домани пешбандак, домани либосҳоро оро медиҳанд. Ба чокҳои бахиядӯзӣ дар рӯйи матоъ чокҳои кашидаи бошумор, чоки ироқӣ, чокҳои кашидашуда (навъҳои гул, ҳайвон, рустаниҳо ва ғайра) дохил мешаванд.

**Буранда** – шахсест, ки аз рӯйи нақша қолиб месозад ва онро ба матоъ гузошта мебурад.

**Бӯри дӯзандагӣ** – барои кашидани тарҳи ҷузъҳо ҷойи буридани матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир кардани ҷойи кисаҳо, ангулаи тугмаҳо ва ғайра истифода мешавад.

**Давраи ташкилӣ-тайёрӣ** – қадами аввлин дар роҳи лоиҳакашӣ интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Қадами оянда ин раванди конструксиясозии маҳсулот мебошад. Самти дигари давраи ташкилӣ-тайёрӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.

**Дарзмол** – намуди зоҳирии либос ба сифати дарзмолкунӣ вобаста аст. Бинобар ин дуруст анҷом додани ин амалиёт аҳамияти калон дорад. Дарзмоли барқӣ тавассути унсури гармибахши дохилӣ пас аз васл кардан ба шабакаи барқ тафсонида мешавад.

**Дарзҳои дастӣ** – барои ороиши либосҳои замонавӣ, рахти хоб, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ васеъ истифода мебаранд. Сифати дарздӯзӣ ба таркиб ва хосиятҳои физикию механикии матоъ вобаста аст. Дар вақти интихоби матоъ ба назар гирифтан лозим аст, ки он ба зебоӣ ва сифати дӯхт мадад расонад.

**Дарзи мошинӣ** – нисбат ба дарзи дастӣ мустаҳкам, зебо ва ҳамвор буда, дар муддати кӯтоҳ иҷро мешавад. Мошинҳои дарздӯзии барқӣ ҳамакора (универсалӣ) мебошанд, ки ба воситаи онҳо амалиёти гуногунро иҷро кардан мумкин аст. Онҳо медӯзанд, пайваст мекунанд, ангула (сӯрохии тугма) месозанд, гулдӯзӣ мекунанд ва ғайра.

**Дарзи сӯзан ба пеш** – аз рост ба чап, ё ин ки аз боло ба поён дӯхта мешавад. Андоза ва фосилаи байни қадамҳои дарз бояд як хел бошад. Сӯзани ресмон гузаронидашударо бо дасти рост, ресмонро бо ангушти калони дасти чап дошта, сӯзанро аз боло ба поён рост мегузаронанд. Дар аснои баровардани сӯзан ресмонро аз ангушти чап раҳо мекунанд, он гоҳ ресмон таги сӯзан мемонад ва ҳалқа ҳосил мешавад.

**Дарзи юрма** – бо ёрии дарафши чангакдор ё сӯзан дӯхта мешавад, ки дар тарафи ростаи матоъ занҷири ҳалқаҳо ва дар тарафи чаппаи он хатҳои рост ҳосил мешавад. Ҷиҳак (шерозӣ), ҳошияи чизҳои ороишӣ, баъзе қисмҳои кашидаи калон юрмадӯзӣ карда мешаванд.

**Дастовард (пешрафт)** – дар педагогика дастовард (пешрафт) ба фаҳмиши мувофиқи омӯзиш алоқаманд аст. Агар мақсадҳои таҳсилоти мактабӣ аз оғоз ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инкишофи салоҳиятҳо равона шуда бошад, пас барои ин фаҳмиши “васеътар”-и омӯзиш зарур аст, ки тамоми вазифаҳои мактабро дар бар мегирад, яъне ҳосил намудани ақидаю эътиқод, қобилият, маърифат, дониш, маҳорат.

**Дидактикаи тахассусӣ** – илм дар бораи ҷараёнҳои таълимии тахассус дар соҳаи фанни додашуда мебошад. Вай ба қисматҳои алоҳидаи дидактикаҳои тахассусии фанҳои таълимӣ тақсим мешавад. Масалан, дидактикаи математика, дидактикаии техника, дидактикаи химия. Дидактикаҳои тахассусии алоҳида ҳамчун силсилаи пайвасткунандаи байни илми тахассусии мувофиқ ва илм дар бораи тарбия хизмат мекунанд.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назарн мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ии хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Дӯзанда** – шахсест, ки пораҳои буридашударо ба ҳам пайваст карда медӯзад.

**Занҷири барқӣ** – ноқилҳои манбаи неруи барқ ва истеъмолкунанда ба ҳам пайваст шуда, занҷири барқиро ба вуҷуд меоваранд. Барои тасвири занҷири барқӣ дар қоғаз расми лампочка, аккумулятор, батарея ва дигар қисмҳои занҷирро бо аломатҳои шартӣ нишон медиҳанд.

**Иттиҳодияи усулӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори усулӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Қолиб** – нақшаи ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст. Як маснуот аз якчанд ҷузъ иборат мебошад.

**Қайчӣ** – афзори тези дӯзандагӣ. Он барои буридани матоъ, ришта ва ғайраҳо зарур аст. Андозаи онҳо аз №1 (калон) то №8 (хурд) мешавад. Барои матоъҳои борик №1 ва барои риштаҳо №8-ро истифода мебаранд. Қайчи-ро аз пӯлод месозанд.

**Қадами чок** – масофаи байни ду захми сӯзан

**Қаторнуқта (пунктир)** – аз калимаи лотинӣ гирифта шуда маънояш нуқта аст.

**Қолиб** – нусхаест аз картон, қоғаз, клеёнка, ки ба рӯйи он нишона гузошта, ҷузъҳои маснуотро мебуранд.

**Қолибсозӣ** – касбест дар саноати сабук; қолибсоз шахсе, ки қолиб месозад. Ӯ бояд тарзи андозагирии қолиб, техникаи сохтани нақшаи андозаҳои гуногун, қоидаҳои тарҳсозии маснуот, шароитҳои техникӣ ва усулҳои тайёр кардани қолибҳоро хуб донад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Лампочкаи муқаррарӣ**, ки мӯяки волфрамӣ дорад, лампочкаи тафсониш меноманд.

**Лампа** – калимаи фаронсавӣ (манбаи аввалин) ва юнонӣ (люминессенсия) гирифта шуда, барои равшандиҳии умумӣ истифода мешавад.

**Либос** – ҳамчун василаи муҳофизати инсон аз таъсири гуногуни беруна (гармою сармо, обу оташ, гарду чанг ва ғайра) пайдо шудааст. Либоси аввалини одамони қадим аз пӯсти ҳайвонот, баргу пӯстлохи дарахтон, пару пӯсти парандагон ва ғайра буд.

**Лоиҳа** – кори лоиҳавӣ, усули байнифаннӣ, демократии таълими ба амалҳои мушаххас равонашуда мебошад. Дар рафти он хонандагон барои коркарди ягон супориш ё проблема муттаҳид мегарданд ва бо масъулияти бештар, фаъолона иштирок намуда, дониш аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ иҷрои мустақилонаи супориш ё проблема аз ҷониби гурӯҳ мебошад. Вай аз банақшагирӣ, ташкилу гузаронидан то муаррифии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Мавзӯи лоиҳаро, одатан гурӯҳи хонандагон

худашон интихоб мекунанд. Дар анҷом натиҷаҳое ба даст меоянд, ки аз ҷониби тамоми гурӯҳ арзёбӣ мегардад, ба тарзи оммавӣ муаррифӣ карда мешавад.

**Лоиҳаи эҷодӣ** – кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш ба дараҷаи мундариҷаи қисмҳои гуногуни барномаро аз худ кардани хонанда, ва мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати ӯ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста аст.

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолиятест, ки дар инсон дар натиҷаи таълиму такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Марҳалаи технологӣ** – фаъолиятест, ки дар ҷараёни технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Иҷрои ин кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

**Марҳалаи хотимавӣ** – назорати охирин ва озмоишии объекти лоиҳашударо дар бар мегирад. Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маҳсулот гузаронида мешавад.

**Матоъ** – дар натиҷаи бофтани риштҳои тору пуд ҳосил мешавад.

**Матои абрешимӣ** – аз пилла ва матои пашмиро аз пашми чорво, асосан, аз пашми бузу гӯсфанд ҳосил мекунанд.

**Усул** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Машшота** – мутахассиси ороиши мӯй аст. Калимаи машшота аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш ороишгар, ороишдиҳандаи мӯй мебошад.

**Методика** – калимаи юнонӣ буда, маънои санъати амалҳо аз рӯйи нақшаро дорад. Ашёи таҳқиқотии усулҳои таълим, усулҳои машғулият, яъне тарзу усулҳои ташкили ҷараёнҳои омӯзиш мебошад. Ҳангоми баррасии системавӣ методика як қисми соҳаи дидактика ба шумор меравад.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Мошинаи дарздӯзӣ** – барои дӯхтани маснуот хизмат мекунад. Истифодаи мошинаи дарздӯзӣ кори дӯзандаро осон мегардонад, суръат ва сифати корро баланд мебардорад.

**Мӯд** – ҳукмронии муваққатӣ дар ҷамъиятҳои муайян мебошад, ки табъи ҳархела дорад ва таъсири он дар намуди либосҳо зоҳир мешавад. пешрафт ва дигаргуншавии мӯд ҳодисаи байналмилалӣ буда, дар натиҷаи кашфиёти илмӣ ба амал меояд ва пайваста ба равобити фарҳангӣ ва иқтисодии байни давлатҳо таъсири калон мерасонад.

**Мӯй** – аз ду қисм: тана ва реша иборат буда, давраи муайяни сабзиш дорад ва пас аз ин мерезад. Мӯйи сар хеле зуд ва абрувон суст месабзанд.

**Назарияҳои омӯзиш** – амсилаеро фаро мегиранд, ки шароит ва равандҳои омӯзишро мефаҳмонанд. Ҳамин тариқ, онҳо чаҳорчӯбаро барои гузоштани дидактики саволҳо пешниҳод мекунанд. Зери мафҳуми умумии назария таълимоти бихевиористӣ, когнитивӣ-конструктивӣ дар назар дошта мешавад.

**Нақшаи барқӣ** – тавассути аломатҳои шартӣ ба таври графикӣ тасвир намудани занҷири барқиро меноманд.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълимест, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Усули озмоишӣ** – усули маъмул дар соҳаи техника мебошад. Озмоишгар кӯшиш мекунад дар шароитҳои сунъӣ ташкилшуда омилҳои алоҳидаи таъсиррасон ба ҷараёнро ҷудо намояд. Онҳоро мунтазам иваз мекунад ва ба ҳамин васила нишондиҳандаҳои алоҳидаи ба тамоми система таъсиррасонро ошкор мекунад.

**Патрон** – калимаи франсавӣ буда, воситае барои маҳкам доштан ва ба манбаи барқ пайваст кардани лампочка мебошад.

**Портфолио** – аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – ҷараёни мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Раппорт** – он аз такрори қисми нақша ва ё нусха иборат мебошад. Дар навишт раппорт одатан чун ситорача (*) ифода шудааст.

**Резинка** – пайиҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста. Масалан, 1 роста, 1 чаппа ё 2 роста, 2 чаппа ва ғайра.

**Резинкаи дуранга** – миқдори ҳалқаҳо бояд ба 6 тақсим шавад, ҷамъи 3, ҷамъи 2.

**Ришта (ресмон).** Дар чокбуриву дарздӯзӣ ғайр аз ин асбобу анҷом боз риштаҳои гуногунро истифода мебаранд. Риштаҳо вобаста ба таъйиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешаванд. Риштаҳоро аз наххҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ (пилла), катонӣ, химиявӣ мересанд.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии усулӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Супоришҳои лоиҳакашӣ** – усули маъмули омӯзишӣ дар машғулиятҳои меҳнат ва техника. Мактаббачагон аз рӯйи принсипи ихтироъкорӣ дар ягон ҷараён оид ба ҳалли проблема кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникию амалӣ ва техникию лоиҳакашӣ инкишоф меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани проблема, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила мақсаднок тайёр кардани ҳалли умумиро меомӯзанд.

**Сӯзан** – асбоби дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим истифода мешавад. Одамон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро истифода мебурданд. Баъд сӯзанро аз нуқра, мис, тилло ва оҳан месохтанд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, равиши дарси фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Тасмаи ченакгирӣ** – соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клеёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгирӣ асосан 150 см, бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш филиз часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирӣ аз ҷусса, чен кардани матоъ ва ҷузъҳои маснуот истифода мешавад.

**Таҳлили ҷойи корӣ** – яке аз усулҳои маъмул барои машғулиятҳо доир ба меҳнат ва техника мебошад. Ҷойи корӣ, ки дар он кор гузаронида мешавад, аз рӯйи меъёрҳои муайян тасвир меёбад. Меъёрҳо вазифаи гузошташуда,

ҷараёнҳои кор, воситаҳои меҳнат, мавзӯъ оид ба техникаи бехатарӣ ва муҳофизати меҳнат мебошад.

**Таҳлили маҳсулот** – усули маъмули таълим барои машғулиятҳои доир ба меҳнат ва техника. Ашёи маҳсулоти техникӣ, зеҳнӣ ё дастӣ ҷудо намоиш дода мешавад. Ба воситаи он дар хонандагон қобилияти фаҳмидани алоқамандиҳои техникию амалии ҷараёнҳои саноат ва арзёбии онҳо инкишоф меёбад.

**Таҳсилот** – ҳамчун ҷараёни кушодан ва инкишоф додани қобилиятҳои инсон, аз заминаҳои он мебошад, ки воситаи тарбияи ҳавасманд ва идора кардан мебошад.

**Таълим додан** – маънояш омӯзонидан, ё дониш ҳосил кунондан буда, ҳамчун рафтор муайян кардан мумкин аст, ки тавассути он ба таври мақсаднок таҷриба ва дониш интиқол дода мешавад.

**Таррохии либос** – раванди аз матои ҳамвор тайёр кардани ҷилди ҳаҷмдор аст, ки бадани одамро мепӯшонад. Раванди ченкунии бадани одамро бо мақсади таррох андозагирӣ меноманд.

**Таррох** – шахсест, ки аз ҷуссаи одам андоза гирифта, аз рӯйи он нақшаи либосро мураттаб месозад.

**Техника** – дар бар мегирад: миқдори объектҳои сунъӣ ашёшудаи ба манфиат равонашуда (артефактҳо, системаи ашёҳо); миқдори амалҳои инсонӣ ва иншооте, ки дар он системаи ашё пайдо мешаванд; миқдори амалҳои инсонӣ, ки дар он системаи ашёҳо истифода мешаванд.

**Технология** – илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дар ихтиёр дошта мебошад.

**Трикотаж** – калимаи франсавӣ буда, маънояш матоест, ки бо ёрии мошин бофта шудааст.

**Таносуб** – (пропорсия)-муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани пропорсия (таносуб) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Таҳлили дидактикӣ** – мақсади он ба таври асоснок ба сохтор даровардани соатҳои таълимӣ мебошад. Бо таҳлили дидактикӣ як қатор қарорҳои пешакии педагогӣ алоқамананд, ки ҳар маротиба аз нав иҷро карда мешавад. Маҳаки асосии таҳлили дидактикӣ "тахфифи дидактикии" маводди таълимӣ мебошад. Дар ин радиф бояд асоснок инъикос гардад, ки кадом ҷузъҳои маҷмӯи мавод барои гурӯҳи таълимӣ бояд интихоб карда шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин шавад. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳо манфиатноканд: аҳамияти замонавӣ, аҳамияти оянда, сохтори фан, аҳамияти намоишдиҳии намунавӣ, дастрасӣ.

**Стандартҳои таҳсилот** – стандартҳо муайян мекунанд, ки мактаббача дар охири соли таҳсил ё анҷоми гурӯҳи синнусолӣ кадом натиҷаҳои омӯзишро ба даст меорад. Ин ҷо сухан дар бораи дониш, ақида, эътиқод, майлу рағбат ва қобилиятҳои асосӣ меравад, ки хонандаю толибагон бояд аз худ кунанд.

**Ҷадвал** – метр аз тахтаҷӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар, бараш 3-5 см буда, барои кашидани нақша ва андозаи либос чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ ва ғайра истифода мешавад.

**Ҷадвали микёсӣ** – (масштаби 1:4) барои нисбатан хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми корӣ истифода бурда мешаванд.

**Чоки одӣ** – гуфта, пайвасти ду қисми ҷузъҳои болои ҳам гузоштаро меноманд. Дар ин маврид васеии чокро 1,5 см монда дӯхтан лозим аст.

**Ширеш** – моддаи часпандаест, ки дар вақти сахтшавӣ қабати мустаҳкамро ҳосил мекунад, ки он сатҳҳои ширешшавандаро мепайвандад.

**Штепсел** – калимаи франсавӣ буда, пайвандаки иттисолии душоха (вилка) буда, барои ба манбаи барқ пайваст кардани асбобҳои барқӣ хизмат мекунад.

**Штрих** – аз забони немисӣ гирифта шуда маънояш «хатча», «рах» аст.

**Дидактика** – илм (таълимот) дар бораи донишандӯзӣ ва умуман таълим мебошад. Вай ба омӯзиши ҳамаи шаклҳо, гирифтани ҳамаи навъи донишҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсил бе назардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълимӣ машғул аст.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш "эҳсос" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарқкунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.

## 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАШТУМ

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои хонандагони синфи ҳаштум дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори №145 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию усулӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАШТУМ

Доираи татбиқи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи ҳаштум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои 8-ум буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию усулӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии усулӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти болоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии фанҳои зинаи таҳсилоти болоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба – кафедраи таҳсилоти болоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ҳаштум ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи ҳаштум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАШТУМ

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– раванди муттасили таҳсил;

– ҳавасмандгардонии шахс ва ба маърифатнокшавии рушди истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

– **ба қобилияти фардии хонанда диққат додан.** Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати заминавии хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- ❖ хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон таълим гиранд;
- ❖ хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- ❖ раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- ❖ барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ❖ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- ❖ омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ❖ ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- ❖ раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "доир ба чӣ фикр кардан";
- ❖ ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- ❖ нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

–**ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

–**ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

–**инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ рушди арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

–**алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

–**омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва рушд беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз,"Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон" раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

–**арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

### 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум

Стандарти мазкур бо мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳаштум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон малакаю маҳорати меҳнатӣ ва зебоипарастӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

Мақсади асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз инҳо иборат аст:

– муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи ҳаштум аз фанни технология (таълими меҳнат);

– ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи ҳаштум;

– муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синнусолии хонандагони синфи ҳаштум.

– мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим ба ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;

– бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;

– мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;

- мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, пазандагӣ, ороишгарӣ ва эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;
- тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;
- шиносоӣ бо асос ва намудҳои бофандагӣ ва ташаккули малакаю маҳорати рӯзгордорӣ;
- дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;
- омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ва худхизматрасонӣ;
- рушди қобилияти амалӣ, фикр ва эҷод.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ба меҳнат ва зебоипарастӣ омода кардани хонандагон мебошад, ва аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Дар айни замон омӯзиши ин фан дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хосса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

- Шиносоии хонандагон бо асосҳои илмӣ ва илмӣ-техникии истеҳсолот.
- Мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо дониш ва маҳорати аввалия дар соҳаи техника ва технологияи муосир.
- Дар хонандагон ташаккул додани тафаккури эҷодкорӣ ва навоварӣ.
- Муносибати эҷодкорона ба меҳнат ва шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ.
- Тарбияи меҳнатӣ ва маданияти меҳнат, ташаккули маънавиёт.
- Шиносоии хонандагон бо касбҳои гуногун ва ёрӣ расонидан дар муайян намудани роҳи ҳаётии худ.

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои одитарини меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, фаҳмиши рангҳо, бофтан ва

дӯхтани маснуот аз қисмҳои додашуда, пухтани навъҳои гуногуни хӯрокҳои миллӣ, дӯхтани маснуот, кор бо мошинаҳои дарздӯзии мошинӣ, истифодаи дурусти рӯзгордорӣ ва дӯзандагӣ, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ ва монанди инҳо мебошад.

- вазифаҳои асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат дар зиндагӣ;
- ташаккули қобилияти эҷодию тахайюли бадеӣ, зебоипарастӣ, эҷодкории хонандагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиши маснуот ва маҳсулот, ҳунармандӣ;
- шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои марбут ба меҳнати дастӣ;
- дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба кор ва меҳнат;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳаштум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодкорӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, пазандагӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

**Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 8 дар нақшаи таълим**

Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 8 дар нақшаи таълимӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи технология (таълими меҳнат) ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **8** | 1 | 34 | 34 |

Технология (таълими меҳнат) ҳамчун ҷузъи зебоипарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкорӣ омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни технология (таълими меҳнат) бедор намояд. Ҳангоми дарси технология (таълими меҳнат) хонандагон инчунин, бояд қобилияти эҷодкорӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ–маҳфилҳои дӯзандагӣ, бурандагӣ, бофтан, амсиласозӣ, рӯзгордорӣ, ороиши рӯй (машшота) ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Кор инсонро «офаридааст», яъне тавассути меҳнат ба инсон табдил ёфтааст ва аз ҳайвоноту мавҷудоти дигари зинда фарқ мекунад. Пас ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатро омӯзад, ба кор омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

## II. Салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум

Фасли мазкури стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

– аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.

– мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.

– хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.

– дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам меоваранд. Дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул мeёбад.

**2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ**

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона бо меҳнат:**

8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.

**Салоҳияти интихоби касб:**

8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ**

**8.4.1. ДОИР БА КАСБҲОИ ГУНОГУН МАЪЛУМОТИ МУШАХХАС ДОДА МЕТАВОНАД.**

**2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ**

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

**<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>**

– дар бораи коркарди мавод ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;
– сохт ва нуқсонҳои маводро фарқ карда метавонад;
– хосиятҳои физикӣ ва механикии маводро ба назар гирифта метавонад;
– хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, хуҷҷатҳои графикии маводҳоро тасвир карда метавонад;
– равандҳои иҷро кардани маснуотро шарҳ дода метавонад;
– истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда метавонад;
– ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
– эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад;
– қолиб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
– мафҳумҳои фан (абзорҳои ченкунанда, афзорҳои назоратӣ)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.

**<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>**

– Бо маснуотҳои гуногун ғояҳоро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад.
– Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад;

**Салоҳияти интихоби касб:**

– 8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
– дар бораи касбҳо маълумот дода метавонад;
– хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад;
– барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ**

8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.

*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*

– ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад;

– хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
– урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
– табиатро қадр карда, ҳифзи онро шарҳ дода метавонад.

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти болоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | мунтазам | одатан | баъзан |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба зимма мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори вай ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |

| | |
|---|---|
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият хифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноӣ ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз вай хоҳиш кунанд, масъулиятро ба уҳда мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс, кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Дараҷаи баланди фикрронӣ дорад | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкор аст | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни технология (таълими меҳнат) омӯзгори синфҳои ҳаштум бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

–назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;

–тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;

–усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

–усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

–натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

–роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

–Барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз усулҳои интерактивӣ ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– Ҳар як мавзӯи барнома бояд бо усулҳои интерактивӣ ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.




**III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум**

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва азёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва рафти омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд;

2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар гардонидани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд меафзояд. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот ба шумор меравад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши равиши дарс, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон бояд талаботи ягона гузошта шавад дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин, дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";
- ҳама дар ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. ОМОДАГИИ ОМӮЗГОР БА ДАРС

Дар тайёрӣ ба машғулият ҷойи марказиро банақшагирии раванди таълим ишғол мекунад.

Ба туфайли банақшагирӣ амалҳои омӯзгор ва хонанда дар машғулиятҳои дар устохона вобаста бо мақсад ва масъалаҳои таълими технология, принсипҳои он ва ва дигар талаботҳое, ки бо хонандагон дар кор муқаррар карда шудааст, имконпазир

мешавад. Дар рафти банақшагирии раванди таълим чунин масъалаҳои дидактикӣ ҳал мешавад:

1.Барои таъмини раванди таълим бо маводди ҳозиразамон замина ба вуҷуд меорад. Инчунин, пешакӣ муҳлати таъмини устохонаи таълимӣ бо ин ё он мавод ва афзорҳо маълум мегардад.

2. Робитаи байни мазмуни машғулиятҳои таълими технология (таълими меҳнат) бо дигар фанҳои таълимӣ кушода мешавад. Маводди таълимиро тақсим карда омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон кадом донишҳоро аз дарсҳои физика, химия, риёзиёт, санъати тасвирӣ, нақшакашӣ, таърих ва ғайра гирифтаанд дар он вақт, ки онҳо мавзӯи мушаххасро аз таълими технология (таълими меҳнат) меомӯзанд; вобаста ба ин таъмини алоқаи дидактикиро байни таълими технология (таълими меҳнат) ва асосҳои илм ба роҳ мондан мумкин аст.

3. Дар раванди машғулият ҳангоми банақшагирӣ, амсиласозӣ, буридан ва дӯхтани маснуот дар кабинети технология (таълими меҳнат) мумкин аст маҷмӯи маҳсулоте тайёр карда шавад, ки аз навъи матои табиӣ ва химиявӣ иборат мебошад. Дар ин ҳолат кори хонандагон вақт мувофиқа карда мешавад, ки дар рафти банақшагирӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

4. Ҳангоми натиҷабардорӣ санҷидани иҷрои барномаи таълимӣ ба омӯзгор осон мегардад. Барои ин ба нақша гирифтани иҷрои кор ва бо ҳаҷми воқеан иҷрошудаи он муқоиса кардан лозим аст.

5. Аз тарафи қисми таълим ва маориф назорат аз болои раванди таълим осон мешавад.

**2. Тайёрии омӯзгор ба соли хониш.** Омодагии омӯзгор ба соли таълимии навбатӣ аз охири соли ҷорӣ сар мешавад.

Омӯзгори таълими технология (таълими меҳнат) ҳолати таҷҳизот ва афзорҳоро месанҷад. Камбудиҳои худро худи омӯзгор ислоҳ мекунад. Агар таъмири асосӣ ё харидории асбобу таҷҳизот лозим бошад, омӯзгор ба роҳбарияти мактаб ба таври хаттӣ муроҷиат мекунад.

Банақшагирии кори таълим аз омӯхтани барномаи мактабӣ ва навиштаҷоти фаҳмонидадиҳии он оғоз меёбад. Барномаро омӯхта, бодиққат таҳлил намуда, бояд вазифаи таълимро муайян кард. Инчунин, бо мазмуни барнома дар ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакае, ки хонандагони ҳар як синф бояд соҳиб шаванд, бо нишондоди ин ё он мавзӯъ, шумораи соат, номгӯйи объектҳои меҳнат бодиққат шинос шудан лозим аст.

Интихоби маҳсулот, яъне объекти меҳнат давраи масъулиятноки омодагии омӯзгор ба гузаронидани машғулият ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз он, маҳсулот бояд аз рӯйи таъйиноти худ бояд барои ҷамъият фоиданок бошад. Аз ин сабаб ба онҳо як қатор талабот муайян карда шудааст:

1.Коркарди маҳсулот бояд аз амалиёти меҳнатии тибқи барномаи таълимӣ иборат бошад.

2.Кори ба сохтани маҳсулот вобастабуда бояд барои хонанда дар дақиқӣ ва меъёри вақти банақшагирифта мувофиқи қувваи онҳо бошад.

3.Аз рӯйи таъйинот ва сохти маҳсулот ба фаҳмиши хонандагон дастрас бошад. Ин талабот хусусан барои он лаҳза, ки хонандагон амсилаҳои гуногун месозанд.

**3.Тайёрии омӯзгор ба машғулиятҳои мавзӯи навбатӣ.** Омодагии омӯзгор ба машғулият аз рӯйи мавзӯъ аз тартиб додани нақшаи тақвимӣ оғоз меёбад.

Вобаста ба шароит нақшаи тақвимӣ якбора ба тамоми соли хониш, нимсола ё як чоряк тартиб дода мешавад. Агар мактаб кабинети технология (таълими меҳнат) ва пойгоҳи хуби моддӣ дошта бошад, нақша ба тамоми соли хониш тартиб дода мешавад. Агар масолеҳ барои сохтани объекти меҳнат кам бошад, ё аз сарчашмаҳои тасодуфӣ ворид шавад, нақшаи тақвимӣ барои ним сол ё як чоряк тартиб дода мешавад.

Барои он мактабҳо, ки ба омӯзиши фронталии ҳамаи гурӯҳҳо қудрат надоранд, ҷадвали (график) алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, агар мактаб ба шумораи лозима таҷҳизот ва афзорҳо надошта бошад ё шумораи хонандагон зиёд бошад, ҷадвал тартиб медиҳанд, ки хонандагон бо навбат кори дар барнома муқарраршударо иҷро менамоянд.

Барои истифодаи пурраи таҷҳизот варианти сохтани маҳсулот мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки бо навбат аз дастгоҳ ё таҷҳизот истифода мебаранд, яъне кор чунин ташкил мешавад.

Ҳамаи маводди таълимиро, ки мазмуни таълимро ифода мекунад, омӯзгор ба машғулият (дарс) тақсим мекунанд, навъи дарс ва робитаи байни онро муайян мекунад, усулҳои таълимиро қайд менамояд, объекти кори хонандаро интихоб мекунад.

Таҳлили кори омӯзгорони пешқадам нишон медиҳад, ки системаи дарсро доир ба ин ё он мавзӯъ тартиб дода, аз рӯйи чунин дастур кор кардан лозим аст: 1) ҷойи мавзӯъ дар фанни таълимӣ ва доираи дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагон бояд соҳиб шаванд; 2) робитаи назария бо амалия; 3) аҳамияти маводди мавзӯъ барои имконияти инкишофи дониши хонандагон; 4) тайёрии хонандагон ба азхуд кардани мавзӯи нав; 5) аз рӯйи мантиқ баён кардани маводди таълимӣ; 6) имконияти эҷодии кори хонандагон; 7) натиҷаҳои дар назар дошташуда баъди омӯзиши мавзӯъ; 8) робитаи дарс бо корҳои беруназсинфии хонандагон.

Омӯзгор, ки мазмуни ҳар як дарсро пешакӣ медонад, имконияти муайян кардани тайёрии хонандагонро дорад ва дар назди онҳо доир ба такрор намудани маводди гузашта бояд вазифа гузорад. Дар натиҷаи ҳамаи корҳои дар боло нишон додашуда нақшаи тақвими омӯзиши мавзӯъҳои дар пеш истодаро тартиб додан мумкин аст.

**Намунаи нақшаи тақвимӣ доир ба мавзӯи «** Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак **» (синфи VIII)**

| № | Мавзӯи дарс | Маълумоти техникӣ | Кори амалӣ | Объекти кор |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак | Беҳдошти рӯй. Маълумоти мухтасар дар бораи нигоҳубини пӯсти рӯй. Навъҳои пӯсти рӯй. Нигоҳубини рӯй. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва техникаи бехатарӣ. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак дар рӯй. Ниқобҳо барои рӯй | Тайёр кардани ниқоб (интихобӣ) | Афзор ва таҷҳизоти зарурӣ барои тайёр намудани ниқоб барои рӯй |

Омӯзгорон метавонанд аз нақшаи тақвимии шуъбаи маориф, ки аз тарафи омӯзгорони пешқадам тартиб дода шудааст, ё аз газетаю маҷаллаи пешниҳод мешавад истифода баранд.

**4.Тайёрии омӯзгор ба дарс.** Дар омодагии омӯзгор ба дарс чунин чорабиниҳои характери ташкилӣ, усули дошта, инчунин, чорабиниҳои доир ба баланд бардоштани ихтисосро ҷудо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дониши омӯзгор бояд васеъ ва амиқтар бошад, назар ба он чӣ аз хонандагон талаб карда мешавад. Омӯзгор бояд ба ҳамаи саволҳои берун аз барномаи хонандагон тайёр бошад. Вай бояд ба малакаҳои касбӣ вобаста бо самтҳои таълими технология (таълими меҳнат) соҳиб бошад. Аз ин лиҳоз, барои ба шахсан тайёр шудани омӯзгор китоб ё устои таълим чун сарчашма хизмат мекунад.

Омодагии усулии омӯзгор ба дарс аз кор бо адабиёти усулӣ сар мешавад. Омӯзгор китоби дарсӣ барои хонандагонро дида мебарояд, то ки ҳангоми баёни маълумоти нав ин маводро ба назар гирад. Омӯзгор, инчунин ба адабиёти таълимӣ оид ба асосҳои илм шинос мешавад. Чунин раҳнамоӣ аз рӯйи ду сабаби асосӣ зарур аст. Якум, дар китоби дарсӣ маводди минималӣ барои иҷрои барномаи таълимӣ ба қадри кифоя ифода ёфтааст. Дуюм, мазмуни дар китоби дарсӣ ифодаёфтаи маводди таълимӣ ба дараҷаи инкишофи умумии хонандагон ва дониши онҳо оид ба асосҳои илм, мувофиқ мебошад.

Барои омодагии муаллим ба дарс шиносоӣ бо адабиёти усулӣ, ки дар он таҷрибаи кории омӯзгорон ва мактабҳои беҳтарин ҷамъбаст шудааст, аҳамияти калон дорад. Дар адабиётҳои усулӣ тавсияҳо доир ба сохтани раванди таълим, интихоби объекти меҳнат ва

оид ба дигар саволҳо, ки бо иҷрои масъалаҳои таълимӣ дар дарсҳои таълими технология (таълими меҳнат) алоқаманд аст, дида мешавад. Омӯхтани таҷрибаи дигар омӯзгорон зарур аст. Иштирок дар дарсҳои кушод, дарсҳои намунавӣ, ки барномаро камтар пешгузарӣ мекунад, барои омӯзгор ҳатмӣ мебошад.

То саршавии машғулият ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки мустақилона объекти меҳнати барои хонандагон ба сифати вазифаи меҳнатӣ қайдшударо, тайёр кунанд. Ин аз нуқтаи назари усулӣ аз рӯйи чунин сабабҳо зарур мебошад: якум, мешавад, агар хонандагон бинанд, ки омӯзгор бо пуррагӣ ба тарзҳои меҳнатӣ соҳиб мешавад ва ӯ чун намунаи шахсӣ хизмат карданаш мумкин аст. Дуюм, объекти меҳнате, ки омӯзгор месозад, барои хонандагон чун намуна хизмат мекунад. Сеюм, омӯзгор раванди меҳнатиро мустақилона иҷро намуда, аниқ тасаввур мекунад, ки дар хонандагон чӣ гуна мушкилӣ пеш меояд ва ҳангоми иҷрои кор ба кадом хатоҳо роҳ медиҳад.

Дар омодагии омӯзгор ба дарс таҳлили хатоҳои хонандагон ҷойи асосиро ишғол мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 10% вақти таълимӣ ба ислоҳи хатоҳо сарф мешавад. Хатоҳои хонандагон аз сабабҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан бо гуноҳи омӯзгор, агар ӯ маводди навро пурра баён карда натавонад.

Баъзан бо гуноҳи хонандагон, агар онҳо бодиққат суханӣ омӯзгорро гӯш накарда бошанд. Хато баъзан ба таври объективӣ (воқеӣ) ба амал омаданаш мумкин аст (рушди ҷисмонии хонандагон).

Сифати гузаронидани дарс ба коркарди пешакии саволҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Ҳар як хонанда бояд бо афзорҳои лозима ва масолеҳ таъмин бошад. Аз омӯзгор тайёр намудани аёният (ҳуҷҷатҳои техникӣ, нақша, харитаи технологӣ, овезаҳои бехатарии кор, амсилаҳо ва ғайра) талаб карда мешавад.

Тайёрии омӯзгор ба дарс бо тартиб додани нақшаи дарс ба охир мерасад.

Чӣ қадаре ки нақшаи дарс пурра, муфассал бошад, ҳамон қадар ба омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс кумак мерасонад.

Нақшаи дарс аз рӯйи чунин шакли намунавӣ тартиб дода мешавад:

**Мавзӯъ: «Шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон»**

**Барнома:** Шиносоӣ (дар комбинати таълимӣ-истеҳсолии байнимактабӣ, сехи таълимӣ, корхона ва ғайра) бо таҷҳизоти ҷойи кор, мазмун ва ташкили меҳнат, масолеҳ, тарзҳои коркарди онҳо, усулҳои муносибат бо афзорҳои назоратию ченкунӣ ва корӣ, қоидаву меъёрҳои муҳофизати меҳнат. Иҷро кардани корҳои амалӣ ва супоришҳо аз рӯйи меҳнат.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Мақсади шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагонро шарҳ дода тавонад;
- Оид ба маркази таълимӣ шарҳ дода, вазифаҳои асосии маркази таълимиро муайян карда тавонад;
- Қоидаҳои корро сехҳои истеҳсолӣ шарҳ дода, тарзи дурусти муносибат кардан бо таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасонро муайян карда тавонад.
- Касбҳои гуногунро шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба касб шарҳ диҳед.

2.Дар саноати дӯзандагӣ кадом намуди касбҳо бештар фаъолият мебаранд?

3.Нақшаи умумии таснифи касбҳоро шарҳ диҳед.

4.Вобаста ба меҳнат тамоми касбҳоро ба чанд навъ тақсим кардан мумкин аст?

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон гузаронида, доир ба мақсади беҳтар намудани омодагии хонандагон ба меҳнат, омӯзиш ва интихоби касбу ҳунар, вазифаи асосии маркази таълимӣ, равияҳои фаъолияти маркази таълимӣ, тайёрии касбии таълимгирандагони маркази таълимӣ, синфхона ва сехҳои истеҳсолӣ, тарзи дурусти муносибат бо таҷҳизот ва афзорҳои ёрирасон, шароити сехи комбинати таълимӣ шарҳ дода мешавад.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти бештар дода шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани омодагии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба меҳнат, омӯзиш ва интихоби касбу ҳунар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи низомномаи намунавии маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон" қарор қабул кардааст.

Маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон (минбаъд маркази таълимӣ) муассисаи таълимӣ ҳисобида мешавад.

Вазифаи асосии маркази таълимӣ аз инҳо иборат аст:

1.Омода намудани хонандагон ба интихоби бошууронаи касб.

2.Омӯзиши майлу рағбати хонандагон ба касбу ҳунар.

3.Ҳамоҳангсозии фаъолияти мактаб, волидайн ва ҷомеа дар татбиқи мақсадноку бошууронаи касбинтихобкунии хонандагон.

4.Муҳайё намудани шароити мусоид ба хонандагону волидони онҳо барои касбинтихобкунӣ ва касбомӯзии хонандагон.

5.Ҳамкории марказ бо муассисаҳои маълумоти ибтидоӣ, миёнаи махсус, олии касбӣ ва корхонаю муассисаҳо барои таъйин намудани майли ба касбу ҳунар доштаи хонандагон;

6.Шинос намудани хонандагон бо намудҳои касб, мутахассисони соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва навигариҳои техникӣ.

7.Таъйини тамоюли касбӣ ва тарғиби касбу ҳунар;

8.Таъмини малакаи аввалини меҳнатӣ оид ба касбҳои дилхоҳи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ,

Дар маркази таълимӣ зиёда аз 25 – 30 навъи касбро омӯзонидан мумкин аст. Масалан, яке аз касбҳое, ки дар комбинати таълимӣ меомӯзонанд, касби ошпазӣ аст. Дар ин сехи комбинати таълимӣ барои омӯхтан, шинос шудан бо ошпазӣ ва иҷрои кор шароитҳо бояд муҳайё бошад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи асосии маркази таълимиро шарҳ диҳед.

2.Маркази таълимӣ фаъолияти таълимии худро аз рӯйи кадом равияҳо таъмин мекунад?

3.Омодагии касбии таълимгирандагони маркази таълимӣ чӣ гуна ба охир мерасад?

4.Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом касбҳоро дар бар мегирад?

5.Дар сехи комбинати таълимӣ кадом шароитҳо бояд муҳайё бошад?

**5.Истифодаи усули "Чархи ақидаҳо"**

Методи «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад).
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Масъала**: *«Дар бораи шароитҳои сехи комбинати таълимӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




**6. Кори амалӣ.** Пухтани манту

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ доир ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** плитаи газӣ ё барқӣ, дег, кафгир, афзорҳои зарурӣ барои маҳсулоти ашёи хом.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор доир ба омода намудани таҷҳизот ва афзорҳои зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки як нафар аз хонандагон ба талаботи хамир кардан риоя намуда, хамирро барои пухтани манту таҳти назорати омӯзгор омода созад.

3.Супориш дода мешавад, ки аз хамири тайёршуда завола гирифта, 30 дақиқа дам дода шавад.

4.То дамгирии завола маҳсулоти дарунии манту, яъне қима омода карда шавад.

5.Барои омода намудани қима мувофиқи талабот пиёз ва гӯшт реза карда, ё аз гӯштқимакунак гузаронида, мувофиқи табъ намак, зира, мурч ва дигар дорувор андохта шавад.

6.Равғани дунба дар алоҳидагӣ ба ҳиссачаҳои секунҷа ё чоркунҷа, лӯнда ё дарозрӯя интихобан бурида шавад.

7. Супориш дода мешавад, ки зуволаи тайёрро даврашакл тунук карда, ғафсиаш 1-2 мм бояд бошад.

8.Пас аз тунук кардани завола бо андозаи 10х10см ё мувофиқи табъ барои манту ҳиссачаҳо бурида шавад.

9. Ба ҳар як пораи хамир як чумча гӯшти қима ва камтар равғани дунба андохта, печонида шавад.

10.Супориш дода мешавад, ки бо мақсади шах нашудани рӯйи мантуи хом онро бо дастархон пӯшонида шавад.

11.Ба деги манту об андохта, ба оташ гузошта шавад;

12.Баъди ҷӯшидани об ба лаъличаҳои сӯрохдори деги манту равған молида, мантуи хом чида шавад;

13.Сипас ҳамаи лаъличаҳоро рӯйи якдигар гузошта, сарпӯши дег махкам карда шавад.

14.Муҳлати пухтани манту дар буғ 35-40 дақиқа мебошад.

15.Мантуи тайёрро дар табақ кашида, мувофиқи табъ бо мурч, кабудӣ, қаймоқ, ҷурғот, пиёздоғ ва ғайра ороиш дода мешавад.















***Раванди пухтани манту***






***Навъҳои гуногуни бастани манту***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Мақсади шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагонро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Доир ба маркази таълимӣ сухан ронда, вазифаҳои асосии маркази таълимиро муайян карда метавонад? | | | |
| Қоидаҳои сехҳои истеҳсолиро шарҳ дода, тарзи дурусти муносибат кардан бо таҷҳизот ва афзорҳои ёрирасонро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳо маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |

## IV. Равиши дарси фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи 8

Фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳаштум таълим мешавад ва таълими якҷояи фанни пештараи таълими меҳнатро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон коркарди маҳсулотро анҷом медиҳанд, хӯрокҳои миллӣ, қаннодӣ ва ғайра пухта, мувофиқи табъ ороиш медиҳанд, маснуотро бурида, медӯзанд, ороиш медиҳанд, мебофанд, доир ба асосҳои истеҳсолот, сохтори хоҷагии халқ, корхона, асос ва равандҳои технологиро дар соҳаи гуногуни хоҷагии халқ шарҳ дода метавонанд, оид ба касбҳои хоҷагии халқ маълумот гирифта, мафҳуми асосии касбнома, майлу рағбатро медонанд ва касби дуруст интихоб карда метавонанд, ба сифати маҳсулот назорат карда метавонанд, оид ба истеҳсоли барқ маълумоти пурра дошта, асбобҳои барқиро истифода бурда метавонанд, куртаи миллӣ амсиласозӣ менамоянд, матоъро интихоб мекунанд; дар дӯхти пайдарҳам дӯхтани онро дар мошини дарздӯзӣ иҷро менамоянд, оид ба касбу ҳунари миллӣ: бофтани маснуот мебароянд; нигоҳубин ва таъмири либос, пухтани хӯрокҳои миллӣ ва шириниро шарҳ дода метавонанд, оид ба беҳдошти духтарон аҳамияти ҷиддӣ дода, нигоҳубини пӯсти рӯй, пешгирии доғи кунҷитак ва бартараф намудани нуқсони рӯйро медонанд, ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – маълумоти назариявӣ ва қисми дуюм кори амалӣ ё баръакс, вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводди кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати корӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу эҷодӣ фанни мазкур ба 8 самти зерин таксим карда шудааст.

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълим дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

– бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;
– бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли таҳсил интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);
– бояд ба мақсади таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, алоқаи мушаххас дошта бошад;
– мувофиқ бошад, яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда аз вай хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст;
– воқеӣ бошад. Ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем;
– дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);
– дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;
– усулҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);
– қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);

– принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).
– Барои таъмини пай дар пай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:
– роҳбарони иттиҳодияҳои усулии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;
– дурустӣ ва мувофиқати воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;
– натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои усулӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан, роҳбарони иттиҳодияҳои усулӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии усулӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои хонандагон оид ба фанни технология (таълими меҳнат) тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо ва сифати кори иҷрошуда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:
– саволҳои пурсишнома баяд дар доираи маводди барномаи таълим бошад;
– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
– тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошад;
– пурсиш мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳад:
– маҳорати истифодаи воситаҳои меҳнат;
– ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинамии рангҳо;
– муҳайё намудани асбобу маводди кор;
– риояи қоидаи бехатарӣ;
– сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;
– муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва маснуоти дӯхташаванда;
– коршоямии маснуоти сохташаванда, дӯхташаванда;
– дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни технология (таълими меҳнат) дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғайра. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда “портфолио”-и вай нақши хеле калонро дорад. Дар вақтҳои охир дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо чунин таҷриба анъана шуда истодааст, ки бунёди ҷузвдон (портфел)-и комёбиҳои таълимии шахсии хонандагонро пешниҳод мекунад. Ҳар сол шумораи муассисаҳое, ки фаъолона ба ҷамъоварии дастовардҳо барои бунёди чунин портфолио зиёд шуда истодааст. Дар анъанаҳои таҳсилоти Ғарб чунин таҷриба кайҳо истифода мешавад ва мафҳуми “портфолио” ин равандро инъикос мекунад. Портфолио чун яке аз ғояҳои асосии таҳсилоти даҳсолаи охир қабул шудааст. Чунин қарор мавҷуд аст, ки мактаби асри XXI мактаби портфолио мебошад. Аз ин лиҳоз, ғояи портфолио ҳамчун унсури навкунии (модернизатсия)-и таҳсилоти мактаб ва умуман таҳсилот, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, баромад мекунад. Мафҳуми навкунӣ модернизатсияи таҳсилот чиро дар бар мегирад ва бо кадом роҳ амалӣ мешавад? Низоми таҳсилот дар ин ҳолат дар намуди низоми таҳсилоти яклухт, ки дар якҷоягӣ бо ҳамаи низомҳои тағйирёбанда, ки ба тамаддуни муосир ва ҳамаи доираи ҳаётиро дарбар мегирад, инкишоф мeёбад. Бунёди ҷаҳони меҳнат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Симои зоҳирии портфолио ба

тахайюлот ва қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад. Портфолио мумкин аст дар намуди ҷузвдон, карточка, қуттӣ ё чизи дигар ороиш дода шавад. Дар ин ҷо хонандагон озодона худашон метавонанд захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро идора кунанд ва ташаббуси мустақилона зоҳир кунанд, ки дар ин кор фақат маъқул дониста мешавад. Фақат ба як талабот диққат додан лозим аст – ин мувофиқ будани нигоҳдорӣ ҳангоми бунёди чунин портфолио. Мазмуни асосии портфолио аз чӣ иборат мебошад? Мақсади портфолио нишон додани "ту чӣ қобилият дорӣ? " аст. Хонанда ҳангоми бунёди портфолио бояд ташаббускор бошад. Мафҳуми "портфолио" муайянкунандаи зиёди гуногун дорад.

1. Портфолио ҳамчун тарз, ки комёбиҳои шахсии хонанда дар ин ё дигар давраи таълими ӯ қайд карда мешавад, ҷамъ карда, баҳогузорӣ карда мешавад. Портфолио ба дараҷаҳои "аутентӣ" (саҳеҳ), яъне ҳақиқӣ, баҳогузорӣ наздик мебошад. Дар ин ҷо баҳо фардӣ кунонида мешавад. Портфолио ба баҳогузорӣ аз рӯйи нуқтаи назари аслии баҳо ва худбаҳодии хонандагон муайян карда мешавад.

2. Портфолио ҳамчун папкаи файлии корист, ки маълумоти гуногуни доир ба малака ва комёбиҳои хонандагонро гирд овардааст.

3. Мақсади портфолио ба фаъолияти такмилӣ, иҷтимоӣ, коммуникативӣ, эҷодӣ нигаронида шудааст. Он унсури асосии муносибат ба раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ инъикоси комёбиҳои шахсӣ бидуни фаъолияти таҳсилотӣ барои хонандагони зирак, боистеъдод аст, ки вазъияти фаъолро ишғол мекунанд".

Мафҳуми "портфолио" амсилаи баҳогузории ҳақиқӣ (аутентӣ) мебошад, ки дар дараҷаи калон, назар ба баҳогузории анъанавӣ барои зоҳир намудан: (расми 1)




Гуфтаҳои дар боло қайдкардашударо ба назар гирифта, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки портфолио на фақат шакли баҳодиҳии муосир, балки чунин вазифаҳои асосиро ҳал мекунад:

***Вазифаҳои портфолио***

- **Дастгирии сабабияти баланди таълими хонандагон**
- **Баланд бардоштани мақоми кӯдак дар оила**
- **Ташаккули маҳорати умумӣ, таълимӣ ва малака ҳамчун воситаи баланд бардоштани маданияти меҳнати фикрӣ**
- **Барои фаъолӣ ва мустақилӣ ҳавасманд мекунад**
- **Васеъ гардонидани имкониятҳои таълим ва худтаълимгирӣ**
- **Инкишофи малакаи фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳи (худбаҳодиҳӣ)-и хонандагон**
- **Ба фардикунонӣ ва касбикунонии маълумотнокии хонандагон ёрӣ мерасонад**
- **Ташаккули маҳорати хонандагон: гузоштани мақсад, банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти таълимии фардӣ**
- **Тарбия намудани чунин сифатҳои шахсӣ: ростқавлӣ, мақсаднок будан, устуворӣ дар комёбӣ ва ғайра**
- **Барои бомуваффақият худамалигардонӣ имконият медиҳад**

Портфолио ба таври анъанавӣ интихоби маҷмӯи корҳо бо мақсади намоиши комёбиҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Портфолио тарзи имконпазири баҳодиҳӣ нисбат ба шакли имконпазири баҳодиҳии анъанавӣ ба ҳисоб меравад, ба монанди тест ё имтиҳон.

**Портфолио аз ҳисоби васеъ гардидани иқтидори функсияҳои таълимии мониторинги педагогӣ ба он чунин имкониятҳо пешниҳод мекунад:**

зоҳир намудани камбудӣ; фарқи донистан аз надонистан дар раванди ҳимояи портфолио, ки аз рӯйи чунин меъёрҳо ба амал меояд;

| а) | б) | в) | г) | ғ) | д) |
|---|---|---|---|---|---|
| дақиқӣ | мантиқи баёни мавод дар портфолио | мавҷуд будани ҳамаи корҳо, ки аз рӯйи бахш ба нақша гирифта шудааст | инъикоси ҷойи шахсии хонанда (худтаҳлилкунӣ аз рӯйи мавзӯъ) | ҳақиқӣ будани корҳои эҷодӣ ва муносибати креативӣ ба раванди ҳалли муаммо | ҷавоби салоҳиятнок додан ба саволҳои рафиқон аз рӯйи мавзӯи омӯзишӣ |

2) таъминот ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар баҳодиҳӣ ба комёбиҳои фардии хонандагон дар чунин усули корҳои коллективӣ, чун лоиҳакашӣ ва ҳамкории алоқаи баръакс (аз хонанда ба омӯзгор)

3) сабабият, ки ба зарурат ва фоиданок будани мониторинг меоварад, ба худи хонанда, чунонки дар натиҷаи худбаҳодиҳии доимӣ ва худназораткунии хонандагон дониши худро такмил диҳанд, онҳо ба як системаи муайян мубаддал мешаванд ва ба инкишофи тафаккур ва хотира мусоидат мекунанд.

4) мониторинги шахсӣ ба раванди таълим дар ташкили машғулият ва азхудкунии мавод маҳсулнок мешавад.

***Портфолио ба хонандагон чунин имкон медиҳад:***

Амиқ фаҳмидани сабабҳои комёбӣ ва нокомӣ дар таълим дар асоси таҳлили худҳисобдиҳии хонандагон оид ба мавзӯъ, боб ё фанни омӯхташуда

Дараҷаи фаъолнокии онҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъ, боб ё фан

Пайгирӣ намудани прогресси фардии хонанда, ки дар рафти таълим муваффақ шудааст, бидуни муқоиса ба комёбиҳои хонандагони дигар

Хулоса, вазифаҳои асосии портфолио баҳодиҳии комёбиҳо, таҳсилоти он, пурра намудан (ё иваз кардан)-и натиҷаҳои тестӣ ва дигар мониторингҳои шакли анъанавӣ; ҳуҷҷати ҷамъбастии портфолио ӯ монанди (аналог) аттестати ӯ, монанди шаҳодатнома дар бораи натиҷаи тест; назорати инкишофи фардии хонандагон дар раванди гирифтани таҳсилот, ки бо комёбиҳои дигар хонандагон муқоиса карда нашудааст.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни технология (таълими меҳнат), ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, навъҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**<u>Истифода ва асосҳои коркарди мавод:</u>** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва воситаи технологиро истифода бурда метавонад.

**<u>Муносибати эҷодкорона дар меҳнат:</u>** вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад.

**<u>Интихоби касб:</u>** вобаста ба синф (синну сол) доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад.

**<u>Асосҳои тарбиявӣ:</u>** вобаста ба синф (синну сол) хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Намунаҳои арзёбӣ**

**Истифода ва асосҳои коркарди мавод**

Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурдани воситаи технологӣ (компютер, мошинаи дарздӯзӣ, истифодаи асбобҳои барқӣ барои рӯзгор ва ғ...).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ инчунин, донистани вазифаи онҳо равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**<u>Усули “Супориш”</u>**. Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.
Масалан:
1. Сохт ва вазифаи чангакро шарҳ диҳед.

2. Намуд
3. Навъи бофтро аз назар гузаронед ва қоидаҳои иҷрои онро дар хотир доред.
4. Доир ба интихоби ресмон барои бофтани маснуот шарҳ диҳед.
5. Мувофиқи хоҳиши худ навъи бофтро интихоб намуда, онро бофед ва ғ...

**<u>Усули “Тест”:</u>** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:

**1. Мазмуни меҳнатро кадом омил муайян мекунад?**

а) хусусияти касб;
б) мазмуни ихтисос;
в) муҳтавои касб;
г) мақсад.

**2. Пешрафти илмию техникӣ боиси тағйироти доимии чӣ мегардад?**

а) мазмун ва хусусияти меҳнат;
б) мақсади касбинтихобкунӣ;
в) дараҷаи ихтисоси коргарон;
г) моҳияти интихоби касб.

**3. Дар истеҳсолоти замонавӣ чӣ гуна конвейерҳо бештар паҳн шудаанд?**

а) тасмагӣ;
б) чӯбӣ;
в) занҷирӣ;
г) мурватшакл.

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои омӯзгор ба таври шифоҳӣ ҷавоб медиҳад. Масалан, омӯзгор ашёро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онҳоро мепурсад.




Вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои гуногун эҷод карда тавонистани ғояҳои навро шарҳ дода тавонистани он.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ). Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав мебошад. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Кори амалӣ”**

**Шиносоӣ бо кор дар сехи конструкторӣ. Тартиб додани нақшаи ҳамён ё борхалта.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ доир ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** нақшаи ҳамён ва борхалта, қоғаз, қаламҳои ТМ ё М, қайчӣ, ҷадвал.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор доир ба омода намудани афзор, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш дода мешавад.

2.Супориш дода мешавад, ки ченакҳо бодиққат муайян карда шавад.

3.Мувофиқи ченакҳо нақшаи ҳамён ё борхалта тасвир карда шавад.

4.Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки хатҳои асосӣ ва яклухт дар нақша муайян карда шавад.

5.Барои ҳосил намудани боварӣ ба дурустии кори иҷрошуда аз тарафи хонандагон супориш дода шавад, ки ченакҳо дуруст ва аниқ бори дигар санҷида шавад;

5.Омӯзгор супориш медиҳад, ки аз рӯйи хатти яклухти нақша хонандагон мустақилона қолироб аз рӯйи китоби дарсӣ тайёр намоянд;

6.Омӯзгор супориш медиҳад, ки мувофиқи хоҳиш намуди зоҳирии ҳамён ё борхалтаро интихоб намуда, нақша ва қолаби он омода карда шавад;

7.Баъди иҷрои кори амалӣ омӯзгор ба дурустии ченакҳо ва сохтани қолиб аҳамият дода, мувофиқи иҷро баҳогузорӣ мекунад.






***Навъҳои ҳамён ва борхалтаи миллӣ***

**Интихоби касб**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани касбҳои гуногун, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин, шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Арзёбӣ намудани кори худ”.** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, камбудиҳову бартариҳои худро ёфта, онро мегӯяд.

Масалан, хонанда ягон маснуот мебофад, хӯрок тайёр менамояд, ё маснуот медӯзад, омода менамояд. Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, камбудиву бартариҳои худро ёбад.

**Усули “Арзёбӣ намудани кори дигарон”.** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои маснуоти бофташуда, истифодаи барқ дар рӯзгор, меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи маснуоти бофташуда, куртаи дӯхташударо мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва камбудиву бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад ё не ва сабабаш дар чист.




Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани касбҳои гуногун ва сифатҳои шахсият, ки ба мавзӯи мазкур мувофиқ аст.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба хусусиятҳои шахсияти хонанда ва қобилияти онҳоро арзёбӣ карда тавонистан, инчунин, шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Намунаи арзёбии самти асосҳои тарбия**

Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми ба кор омода кардани асбобҳои барқӣ ба қоидаҳои бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот ва мавод сарфакориро ба таври сода риоя карда метавонад? | | | |
| Ба покизагӣ дар раванди бофтани маснуот риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

– санҷиш бо мақсади ташаккул додани хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ;

– саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;

– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;

– тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

| |
|---|
| Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани заҳматпарастӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд. |

**Нақшаи тақвимӣ**
**Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 8**
**(Ҳафтае 1 соат, ҳамагӣ 34 соат)**

| **Номгӯйи мавзӯъҳо** | Миқдори соат | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | |
| Машғулияти муқаддимавӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Асосҳои истеҳсолот. Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 | | | | | | | | | | |
| Корхона ва ташкилотзвенои асосии хоҷагии халқ | 1 | | | | | | | | | | |
| Хусусияти мазмуни меҳнат ва корхонаи хоҷагии халқ | 1 | | | | | | | | | | |
| Асосҳои технология. Маълумот дар бораи раванди технологӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон | 1 | | | | | | | | | | |
| Назорат ба сифати маҳсулот | 1 | | | | | | | | | | |
| Интихоби касб. Касбҳои хоҷагии халқ. Таснифи касбҳо | 1 | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон | 1 | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1 Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мафҳуми асосии касбнома, хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Майлу рағбат ба касб | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохти лампочка ва қисмҳои он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи чангкашак | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мӯйхушккунак (фен) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи яхдон | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2 Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо дарзмол ва вазифаи он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи дарздӯзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдор | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Амсиласозии остин ва гиребон | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Технологияи тайёр кардани либос ва кор дар паси мошинаи дарздӯзии баркӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии баркӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Таҳияи остин | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхти пурраи куртаи миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2<br>Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бофтан (ҷӯлоҳӣ) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бофтани қаторҳо ба намуди гуногуни ҷӯлоҳӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана. Бофти пурраи нимтанаи бачагона | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нигоҳубин ва таъмири либос | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

## Дарси 1
## Мавзӯъ: Машғулияти муқаддимавӣ

**Барнома:** Шиносоӣ бо талаботи беҳдоштӣ дар ҷойи кор. Риояи қоидаи санитарию беҳдоштӣ. Бехатарии кор дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифодаи таҷҳизоти он. Муҳофизати меҳнати хонандагон. Ороиши синфхона.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Талаботи ҷойи корро шарҳ дода, қоидаҳои санитарию беҳдоштиро риоя карда тавонад;
- Бехатарии кор дар синфхонаи технология (таълими меҳнат)-ро шарҳ дода, ҳангоми истифодаи таҷҳизот ба қоидаҳои бехатарии кор риоя карда тавонад;
- Ороиши синфхонаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
- Навъҳои кор бо асбобҳо, воситаҳои ёрирасонро шарҳ дода, номгӯйи талаботро муайян карда тавонад;
- Ҷойи кории хонандагонро шарҳ дода, онро дуруст ташкил карда тавонад;
- Касби дӯзанда ва ихтисоси онро шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Касби дӯзандаро шарҳ диҳед.

2.Дар оянда ба худ касби дӯзандагиро интихоб мекунед?

3.Ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати дӯзандаро баён намоед.

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба талаботи беҳдоштиро дар ҷойи кор гузаронида, оид ба риояи қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ, бехатарии кор дар синфхонаии технология (таълими меҳнат) ва ҳангоми истифодаи таҷҳизоти он, ҷойгиршавии дурусти таҷҳизот, ҳарорат дар синфхонаи технология (таълими меҳнат), ороиши синфхона бо иштироки хонандагон, муҳофизати меҳнати хонандагон, навъҳои кор бо асбобҳо, воситаҳои ёрирасон ва номгӯйи талаботу риояи қоидаҳои зарурӣ: кор бо сӯзан ва сӯзанак, кор бо қайчӣ, кор бо мошинаи дарздӯзии барқӣ, қоидаҳои бехатарии сӯхтор, ташкили ҷойи кори хонандагон, омодагӣ ба кор, афзормонак барои ҷойгир кардани афзорҳои зарурии корӣ шарҳ дода мешавад.

Ҳар сол пеш аз саршавии машғулият ҳолати санитарию беҳдоштӣ ва техникии таҷҳизотро аз назар гузарондан лозим аст. Хонандагон бояд қоидаҳои заруриро донанд.

*Ороиши синфхона бо иштироки хонандагон.* Дар ороиши синфхона рангубор додани деворҳои он аҳамияти калон дорад. Маълум аст, ки рангҳо ба узви босира ва системаи асаби инсон таъсири гуногун мерасонанд.

Пардаҳо бояд чашми хонандагонро аз таъсири нури офтоб нигоҳ доранд ва якранг бошанд. Онро худи хонандагон бояд дар маҳфилҳои беруназсинфӣ гулдӯзӣ кунанд.

Дарозии пардаовезак бояд барои дар вақти зарурӣ пурра ва ба як тараф кушодани парда мувофиқ бошад.

Девори пушти хонандагон бояд барои намоиши корҳои тайёри хонандагон, адабиёти тавсияшуда, гӯшаҳо доир ба таълиму тарбия ва касбинтихобкунии хонандагон истифода бурда шавад.

*Муҳофизати меҳнати хонандагон.* Барои бехатарии кори хонандагон дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) ба ғайр аз талаботи умумии бехатарии кор, боз бояд қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ, техникаи бехатарӣ доир ба истифодаи афзор ва воситаи меҳнат дар вақти кор мавҷуд бошанд ва онҳоро донистани хонандагон ҳатмист.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумот пурра шарҳ дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Талаботи беҳдоштӣ дар ҷойи корро шарҳ диҳед.

2.Мувофиқи талабот парда дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) чӣ гуна бояд бошад?

3.Роҷеъ ба муҳофизати меҳнати хонандагон маълумоти муфассал диҳед.

4.Ҷойи кори хонандагон чӣ гуна бояд ташкил кард шавад?

5.Ҳар як хонанда бояд кадом навъи афзор ва маводди заруриро дошта бошад?

**5. Истифодаи бозии “Изофаро ёбед”**

Ба хонандагон овезаи таълимӣ бо расмҳо пешниҳод карда мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки бояд расми изофаро ёбанд ва сабаби онро муайян намоянд. Ба интихоб намудани расми дуруст ва фаҳмонидан ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.












**6.Кори амалӣ:** Дӯхтани афзормонак барои афзорҳои дӯзандагӣ ва воситаҳои ёрирасон.

**Таҷҳизот:**қаламҳои ТМ ва ё М, қоғаз, қайчӣ, ченактасма, ҷадвал, сӯзан, ришта, мошини дарздӯзӣ, ангуштпона ва ғайра.

**Марҳала:**

1.Доир ба омода намудани асбоб ва воситаҳои ёрирасон аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад;

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки нақшаи афзормонак мувофиқи табъи хонандагон тартиб дода шавад;

3. Мувофиқи табъи худ матоъ интихоб карда шавад;

4.Мувофиқи нақшаи тартибдодашуда матои интихобшуда бурида шавад;

5.Афзормонак аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда дӯхта шавад;

6.Баъди дӯхтани афзормонак сифати чокҳо бори дигар аз назар гузаронида шавад;

7.Мувофиқи талабот маснуоти дӯхташуда коркарди намию гармӣ гузаронида шавад;

8.Баъди гузаронидани коркарди гармию намӣ афзору воситаҳои ёрирасон бояд ба афзормонак гузошта шавад;

9.Аз тарафи омӯзгор мувофиқи иҷрои кори амалӣ баҳогузорӣ карда шавад.




 


***Навъҳои афзормонак барои гузоштани афзорҳои зарурии корӣ***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи талаботи ҷойи кор шарҳ дода, қоидаҳои санитарию гигиениро риоя карда метавонад? | | | |
| Бехатарии кор дар синфхонаи технология (таълими меҳнат)-ро шарҳ дода, ҳангоми истифодаи таҷҳизот ба қоидаҳои бехатарии кор риоя карда метавонад? | | | |
| Ороиши синфхонаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Навъҳои кор бо афзорҳо, воситаҳои ёрирасонро шарҳ дода, номгӯйи талаботро муайян карда метавонад? | | | |
| Ҷойи кории хонандагонро шарҳ дода, онро дуруст ташкил карда метавонад? | | | |
| Касби дӯзанда ва ихтисоси онро шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 2

### Мавзӯъ: Асосҳои истеҳсолот. Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Барнома:** Мазмун, мақсад ва вазифаҳои курси асосҳои истеҳсолот. Асосҳои поли-техникии истеҳсолот. Сохти хоҷагии халқи Тоҷикистон.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Асосҳои истеҳсолотро шарҳ дода тавонад.
- Навъҳаи калони фаъолиятро шарҳ дода тавонад.
- Доир ба саноат маълумот дода, вазифаи соҳаи саноатро муайян карда тавонад.
- Соҳаҳои саноатро шарҳ дода, фарқи байни соҳаҳоро муайян карда тавонад

- Шакли муайяни ташкили истеҳсолотро медонад ва шаклҳои онҳоро шарҳ дода тавонад
- Касби дӯзанда ва ихтисоси онро шарҳ дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Талаботи беҳдоштӣ дар ҷойи корро шарҳ диҳед.

2.Мувофиқи талабот парда дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) чӣ гуна бояд бошад?

3.Роҷеъ ба муҳофизати меҳнати хонандагон маълумоти муфассал диҳед.

4.Ҷойи кори хонандагон чӣ гуна бояд ташкил дода шавад?

5.Ҳар як хонанда бояд кадом навъи афзор ва маводди заруриро дошта бошад?

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба асосҳои истеҳсолот гузаронида, оид ба сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, навъҳои соҳаҳои калони фаъолият: истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, саноати сабук, саноати мошинсозӣ, саноати маводди сохтмон, нақлиёт, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ, шакли муайяни ташкили истеҳсолот: касбҳо вобаста ба саноати сабук шарҳ дода мешавад.

Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад, ки он ба моликияти давлат будани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Мувофиқи тақсими меҳнат хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду соҳаи калони фаъолият дорад: истеҳсолӣ (соҳаи истеҳсолоти моддӣ) ва ғайри истеҳсолӣ. Ба соҳаи истеҳсолоти моддӣ тамоми соҳаҳое, ки неъматҳои моддиро истеҳсол мекунанд ё ба истеъмолкунандагон бурда мерасонанд дохил мешаванд. Ба соҳаи ғайри истеҳсоли хоҷагии халқ соҳаҳое мансубанд, ки хизмати тиббӣ, фарҳангиву маишии аҳолӣ, идоракунӣ, планкашӣ ва дигар вазифаҳои барои ҷамъият заруриро ба ҷо меоранд.

Соҳаҳое асосие, ки неъматҳои моддӣ истеҳсол менамояд, саноат ва соҳаи кишоварзӣ мебошанд. Саноат дар навбати худ ба гурӯҳҳои соҳавии гуногун тақсим мешавад, ки ҳар яки онҳо вазифаи худро дорад:

1.Саноати вазнин (воситаҳои истеҳсолӣ истеҳсол мекунад) .

2.Саноати сабук (ашёи истеъмолӣ истеҳсол мекунад).

3.Саноати хӯрокворӣ маҳсулоти соҳаи кишоварзиро кор карда мебарояд.

4.Саноати сӯзишворӣ ангишт, газ, нафт ва ғайра истеҳсол менамояд .

5.Саноати электроэнергетика неруи барқ истеҳсол мекунад.

6.Саноати химия маҳсулоти химиявӣ: пластмасса, нахи сунъӣ, кислота, ишқор, дорувор, ранг ва ғайра истеҳсол менамояд .

7.Саноати мошинсозӣ мошинҳои гуногун месозад.

8.Саноати металлургӣ филизоти сиёҳ ва ранга истеҳсол мекунад.

9.Саноати масолеҳи бинокорӣ – масолеҳи бинокорӣ: семент, хишти пухтаю силикатӣ, санг, рег, оҳак, шифер, тол ва ғайра истеҳсол менамояд.

10.Нақлиёт – роҳҳои оҳан, роҳҳои мошингард, киштиҳои обӣ, роҳи ҳавоӣ: боркашониро таъмин менамояд .

11.Соҳаи кишоварзӣ озуқаворӣ, чорво, мева, тухм, пашм ва ғайра истеҳсол мекунад.

Комплекси мошинсозӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро бо воситаҳои меҳнат таъмин мекунад ва вобаста ба ин суръати тараққиёти он ва самаранокии истеҳсолотро муайян мекунад. Он мошинсозии энергетикӣ, вазнин ва нақлиётӣ, химия ва нафт, сохтмонӣ, мошинҳои роҳсозӣ ва коммуналӣ, саноати дастгоҳсозӣ ва асбобсозӣ, электротехникӣ, электронӣ, саноати автомобилсозӣ ва баъзе соҳаҳои дигарро дар бар мегирад. Ҳукумат тараққиёти афзалиятноки комплекси мошинсозӣ, дар навбати аввал

чунин соҳаҳо ва истеҳсолот, ба монанди дастгоҳсозӣ, истеҳсоли техникаи ҳисоббарор, асбобсозӣ, саноати электротехникӣ ва электрониро пешбинӣ кардааст. Дараҷаи тараққиёти онҳо, пеш аз ҳама, ба пешрафти илмию техникӣ вобаста аст.

Ба комплекси истеҳсоли масолеҳи конструксионӣ филизоти сиёҳ ва ранга, саноати химия ва химияи нафт, ҷангал, селлюлозаю коғаз ва чӯббарорӣ, саноати масолеҳи бинокорӣ дохил мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати он афзалиятнокии ин комплексҳоро пеш аз ҳама, дар он мебинад, ки оҳо ба пешрафти илмию техникӣ вобаста мебошад ва аз ин рӯ Ҳукумат барои ривоҷи онҳо чора меандешад. Роҳи дигаргунии пурзур намудани истеҳсолот, баланд бардоштани сифат ва самараи он пеш гирифта шудааст. Воситаи асосии амалӣ гардонидани ин сиёсат прогресси илмию техникӣ, компютерикунонӣ, ба куллӣ аз нав сохтани қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ, таҷдиди амиқи хоҷагии халқ дар асоси комёбиҳои илму техника мебошад. Ин таҷдид тамоми соҳаҳо ва комплексҳои хоҷагии халқ, пеш аз ҳама, индустрияи саноати вазнинро, ки таҳкурсии иқтисодиёти ҷумҳуриро дар бар мегирад.

Босуръат тараққӣ додани саноати сабук ва соҳаҳои дигаре, ки бевосита барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ зарур аст, аҳамияти калон дорад.

Ба характери прогресси истеҳсолӣ омилҳои бисёр таъсир мерасонанд. Аз онҳо муҳимтаринаш ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда ва номгӯйи он мебошад. Вобаста ба онҳо типи муайяни ташкили истеҳсолот ба вуҷуд меояд: ҷудогона, сериявӣ ва оммавӣ.

Дар сурати истеҳсолоти ҷудогона номгӯйи маҳсулот гуногун, вале аз ҷиҳати миқдор кам ва гоҳе як дона мебошад. Мошинҳои кишоварзӣ, семент, нуриҳои маъдани ба ҳисоби 100% моддаи серғизо, конструксия ва масནуоти васлшавандаи бетонӣ, масолеҳи деворсозӣ, нахи пахта, шоҳивори тайёр, пойафзор, қолинҳо ва молҳои қолинӣ, яхдон, равғани чорво, маҳсулоти шири холис ва ғайра.

Ба истеҳсолоти сериявӣ тайёр кардани маҳсулоти якхела бо номгӯйи нисбатан кам, ки бо серияҳои ҷудогона бароварда мешавад, хос аст. Дар ин ҷо ҳаҷми истеҳсолот ба садҳо ва ҳазорҳо хели маснуот ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба андозаи ба истеҳсолот даровардани серия истеҳсолоти калонсериявӣ, миёнасериявӣ ва хурдсериявӣ фарқ карда мешавад. Типи сериявии истеҳсолот мошинсозӣ ва коркарди филизот мебошад. Мисол истеҳсоли дастгоҳҳо, дар саноати сабук, истеҳсоли куртаҳо, пойафзор, ҷуробҳо, дар саноати хӯрокворӣ консервҳои меваҷоту сабзавот ва ғайра бештар паҳн шудааст. Истеҳсолоти оммавӣ ба миқдори зиёд, тайёр кардани маҳсулоти ҳамном дар муддати дуру дароз, мисол дар истеҳсоли матоъ, ресмон ва ғайра мебошад. Вай бо дараҷаи баланди механикӣ ва автоматӣ асосан ташкили пайдарҳамии раванди технологӣ фарқ мекунад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.

2.Соҳаи калони фаъолият ба чанд хел тақсим мешавад?

3.Соҳаҳои саноатро номбар кунед.

4.Вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ чист?

5.Дар ҷойи истиқомати шумо кадом навъи саноати истеҳсолӣ мавҷуд аст?

**5.Истифодаи усули кластер**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси мушкилоти эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст, ва имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр кардани пиромуни мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; рушди малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумоти иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер**

**Марҳалаи якум** – дар маркази тахтаи синф (ё вараqи сафед) давра тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ва он ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад.

**Марҳалаи дуюм** – хонандагон доир ба мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд.

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб ва шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва ба низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд.

**Марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда бо хатҳои рост бо мафҳум ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикррҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад, ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду навъ мешавад: **сода** ва **мураккаб.**

Кластери сода – дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб – дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Намунаи кластери мураккаб: Мавзӯъ:** «Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Савол: Дар бораи хоҷагии халқ чӣ медонед?**

Доир ба хоҷагии халқ ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.



**Дар натиҷа хонандагон:** доир ба мафҳум ё мушкилоти асосӣ амиқ андеша карда, донишҳояшонро доир ба он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**6.Кори амалӣ:** Таснифоти касбҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ

**Марҳала:**

1.Доир ба касбҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ аз тарафи омӯзгор шарҳ дода мешавад: Амсиласоз–тарроҳ амсилаҳои навро таҳия мекунад. Маводди зарурии усулиро омода месозад, расм ва ангораи маснуотро мекашад, тарзи тайёр кардани маҳсулотро назорат мебарад, агар зарурат пайдо шавад, лоиҳаи худро кор карда, имкониятҳои сехҳои дӯзандагӣ ё фабрикаро ба назар гирифта, молҳои худро ба намоиш ва фурӯш пешниҳод менамояд. Дар намоишгоҳҳои либос иштирок намуда, амсилаҳои худро намоиш медиҳад.

**Ҷойи корӣ.** Дар истеҳсолот амсиласоз ҳамчун тарроҳ-менеҷер оид ба фурӯши маснуоти тайёр ё матоъ фаъолият мебарад. Артелҳои алоҳидаи шахсиро ташкил карда, коллексияи нави худро ба намоиш пешниҳод мекунад.

**Сифатҳои асосӣ.** Амсиласоз-тарроҳ бояд табъи зебоипарастӣ, тахайюли бадеӣ, маҳорати рассомӣ ва нақшакашӣ, ҳиссиёти хуб ва интихоби ранг, ҳаракати панҷаҳо, дониши хуби математикӣ дошта бошад, таърихи либос ва мӯди муосирро донад.

**Дониш ва маҳорат.** Амсиласоз-тарроҳ бояд мӯдҳои нави муосирро донад, дар бораи матоъшиносӣ маълумот дошта бошад, тибқи харитаи дастурдиҳӣ ва технологӣ кор барад, ҳисоби иқтисодии маснуотро донад.

Амсиласоз-тарроҳ бояд таҳияи амсилаҳои нав, ҳуҷҷатҳои техникиро бо истифодаи технологияи муосир, системаи автоматикиро хуб донад, маҳорати кор ва муносибат бо қайчиро тавонад.

1. Ҷадвали дар поён овардашуда дар дафтари корӣ тасвир карда шавад.
2. Вазифаи ҳар як кори дӯзанда-амсиласоз дар ҷадвал бударо баён созед.
3. Ҷойҳои холии ҷадвалро мувофиқи супориш пурра намоед.
4. Вобаста ба дурустии иҷрои супориш ва маълумоти пурра додани хонанда аз омӯзгор ба хонандаи фаъол баҳои баланд мегӯзорад.

**Касби дӯзанда-амсиласоз**

| Ихтисос | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Амсиласоз-тарроҳи маснуоти дӯзандагӣ | Амсиласоз – тарроҳи маснуоти пашмӣ | Технологияи маснуоти дӯзандагӣ | | | |

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Асосҳои истеҳсолотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Навъҳои соҳаи калони фаъолиятро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Доир ба соҳаҳои саноат маълумот дода, вазифаи соҳаи саноатро муайян карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Соҳаҳои саноатро шарҳ дода, фарқи байни соҳаҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Шакли муайяни ташкили истеҳсолотро медонад ва шаклҳои онҳоро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Касби дӯзанда ва ихтисоси онро шарҳ дода метавонад? | | | |

**Дарси 3**

**Мавзӯъ: Корхона ва ташкилот – звенои асосии хоҷагии халқ**

**Барнома:** Корхонаҳо. Роҳҳои асосии интенсивонии истеҳсолот. Корхона (иттиҳодия)-звенои асосии хоҷагии халқ. Сохти он. Раванди истеҳсолот ҳамчун асоси фаъолияти корхона. Дараҷаи маҳорати коргарон.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи корхона ва ташкилот маълумоти муфассал дода тавонад;
- Вазифаи корхонаро шарҳ дода, онро муайян карда тавонад;
- Доир ба равандҳои асосии истеҳсолот дар корхона маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад;
- Роҷеъ ба вазифаи сехҳо ва коргоҳҳои корхона маълумот дода, раванди истеҳсолот дар корхонаро муайян карда тавонад.
- Оид ба касбҳо вобаста ба саноати дӯзандагӣ иттилоъ дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда тавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зеринро диҳед:

1.Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.

2.Соҳаи калони фаъолият ба чанд навъ тақсим мешавад?

3.Соҳаҳои саноатро номбар кунед.

4.Вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ чист?

5.Дар ҷойи истиқомати Шумо кадом навъи саноати истеҳсолӣ фаъолият мебарад?

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба корхона ва ташкилот гузаронида, роҷеъ ба звеноҳои асосии хоҷагии халқи ҶТ, вазифаи корхона ва кормандон, барпо намудани иттиҳодияҳои калон, корхонаҳои алоҳидаи ғайридавлатӣ, сабабҳои афзудани шумораи корхонаи ғайридавлатӣ, раванди асосии истеҳсолот, сех ва вазифаи он, сехи озмоиш, таҳия ва тайёр кардани амсилаҳои нав, вазифаҳои коллективҳои меҳнатӣ, сохтори истеҳсолоти корхонаи дӯзандагӣ, таҷҳизоти техникии корхона ва ташкилот шарҳ дода мешавад.

Звенои асосии хоҷагии халқи ҷумҳурии мо сохтори соҳавии истеҳсолоти саноат корхонаҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, коллективӣ, корхонаҳои муштарак мебошанд, ки дар асоси моликияти умумихалқӣ ба воситаҳои истеҳсолот амал мекунанд.

Вазифаи корхона бо сарфи камтарини меҳнат ва маблағ таъмин кардани истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ба ҷамъият зарур мувофиқи нақшаи давлатии хоҷагии халқ мебошад. Дар шароити интенсивонии истеҳсолот ин вазифа дар иттиҳодияҳои корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки муттафиқона, бо робитаи ҳамаҷонибаи

мутақобила бо ҳамдигар кор мекунанд, хеле бомувафақият ҳал карда мешавад. Барпо кардани иттиҳодияҳои калон ба хеле зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшавандаи баландсифат, ба тезонидани тайёр кардану фурӯши он, сарфаю сариштакорона харҷ кардани ашёи хом, сӯзишворӣ, зудтар ба истеҳсолот ҷорӣ кардани техникаи ҳозиразамон, компютерҳои нав ва технологияи ҳозиразамон имкон медиҳад.

Иттиҳодияҳо нисбат ба корхонаҳои алоҳидаи ғайридавлатӣ барои такмил додани маҳорати касбии коркунон, беҳтар кардани шароити меҳнат ва маишати онҳо, ташкили истироҳати онҳо, баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги коркунон имкониятҳои калон доранд ва шумораи ин хел корхонаҳои ғайридавлатӣ зиёд шуда истодааст. Корхонаҳои ғайридавлатӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ, коркарди филизот, саноати ҷангал ва коркарди чӯбу тахта, саноати масолеҳи сохтмон, саноати шиша, саноати сабук, аз ҷумла; бофандагӣ, дӯзандагӣ, чарму пойафзор, саноати хӯрокворӣ: лазиз, гӯшту шир, орду ярма фаъолият доранд.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Звеноҳои асосии хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадом сохторҳо иборат аст?
2. Вазифаи корхонаро шарҳ диҳед.
3. Барои таъсис намудани иттиҳодияҳои калон чӣ имкон медиҳад?
4. Шумораи кадом корхонаҳои ғайридавлатӣ меафзоянд? Барои чӣ?
5. Оид ба раванди асосии истеҳсолот маълумот диҳед.
6. Сех чист ва вазифаи онро муайян намоед.
7. Дар корхонаи истеҳсолоти дӯзандагӣ технологияи коркарди маснуот чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?

**5.Истифодаи бозии "Хотираро инкишоф деҳ!"**

Вобаста ба мавзӯи мазкур бозии "Хотираро инкишоф деҳ!"-ро гузаронидан мумкин аст. Бозӣ барои мустаҳкам ва дуруст фаҳмидани моҳияти корхона ҳамчун ҷузъи асосии хоҷагии халқ, инчунин, барои рушди қобилияти таҳлилии ҳар як хонанда ёрӣ мерасонад. Ин бозӣ барои таҳлил намудани сохтори истеҳсолии корхонаи дӯзандагӣ, истеҳсолоти иловагӣ, истеҳсолоти асосӣ, хоҷагии хизматрасон, истеҳсолоти ёрирасон мусоидат мекунад. Самаранокии гузаронидани бозӣ ба ташаббуси омӯзгор вобастааст.




**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи корхона ва ташкилот маълумот дода метавонад? | | | |
| Вазифаи корхонаро шарҳ дода, онро муайян карда метавонад? | | | |
| Доир ба равандҳои асосии истеҳсолот дар корхона маълумот дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба вазифаи сехҳо ва коргоҳҳои корхона маълумот дода, оид ба раванди истеҳсолот дар корхонаро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳо вобаста ба саноати дӯзандагӣ иттилоъ дода метавонад? | | | |

## Дарси 4

### Мавзӯъ: Хусусияти мазмуни меҳнат ва корхонаи хоҷагии халқ

**Барнома:** Мазмун ва хусусияти меҳнат дар корхонаи хоҷагии халқ. Тавсифи фаъолияти меҳнатии коргарон. Меҳнати дастӣ, механиконида ва автоматикунонида. Мазмуни меҳнат дар пешрафти илму техника. Дараҷаи маҳорати коргарон. Ихтисос, синф, дараҷа. Фаъолияти ихтироъкорӣ, навоварӣ ва тадқиқотӣ дар корхона.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи меҳнат ва корхонаҳои хоҷагии халқ маълумот дода тавонад.
- Хусусият ва мазмуни меҳнатро шарҳ дода тавонад.
- Равандҳои дӯхтани чин-чинро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу таҷҳизоти дӯзандагиро риоя карда тавонад.
- Оид ба касбҳо вобаста ба саноати дӯзандагӣ иттилоъ дода тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбати истифодаи матоъ маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Ба хонандагон саволҳои зеринро диҳед:

1.Звеноҳои асосии хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадом сохторҳо иборатанд?

2.Вазифаи корхонаро шарҳ диҳед.

3.Барпо намудани иттиҳодияҳои калон чӣ имкон медиҳад?

4.Шумораи кадом корхонаҳои ғайридавлатӣ меафзояд? Барои чӣ?

5.Оид ба раванди асосии истеҳсолот шарҳ диҳед.

6.Сех чист? Вазифаи онро муайян намоед.

7.Дар корхонаи истеҳсолоти дӯзандагӣ технологияи коркарди маснуот чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагоноро ба хотирашон овавред.

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат роҷеъ ба хусусияти мазмуни меҳнат ва корхонаҳои хоҷагии халқ гузаронида, оид ба ихтисос, кормандони муҳандисию техникӣ, хизматчиён, кормандони хурди хизматрасон, асосҳои пешрафти техникӣ–электрикионӣ, механиконӣ, автоматиконии истеҳсолот, хоҷагии қишлоқ, истеҳсолоти замонавӣ, конвейерҳо, мошинаҳои дӯзандагӣ, вазифаҳои асосии мошинаи дарздӯзӣ ва амалиёти он, ороиши либос: чин-чин, пар-пар, рулик (лаблӯла) шарҳ дода мешавад.

Мазмуни меҳнатро як қатор омилҳо, аз он ҷумла хусусияти касб муайян мекунад. Дар корхонаҳо ғайр аз коргарон ва коркунони инженерию техникӣ хизматчиён (коркуноне, ки кори маъмурӣ, идоравӣ ва хоҷагиро иҷро мекунанд), шогирдоне, ки дар корхона касбҳои гуногунро меомӯзанд, ҳайати коркунони хурди хизматрасон, коркуноне, ки бо рӯбучини сеххо, гирду атрофи истеҳсолот, биноҳои корхона машғуланд, коркунони муҳофизати сӯхтор ва ғайра фаъолият менамоянд.

Мазмуни меҳнати коркуниро ихтисоси он ҳам муайян мекунад.

Ихтисос – дараҷаи тайёрии одам ба ин ё он навъи фаъолияти меҳнатӣ, маҷмӯи дониш ва маҳорате, ки барои иҷрои меҳнати душвориаш муайян мебошад. Сатҳи ихтисоси коргарони аксари касбҳо бо дараҷа муайян карда мешавад. Сатҳи ихтисос ҳар қадар баланд бошад, дараҷа ҳамон қадар баланд мешавад.

Асосҳои раванди пешрафти техникӣ-электриконӣ, механиконӣ, автоматиконии истеҳсолот ва кишоварзӣ мебошад.

Дар истеҳсолоти замонавӣ конвейерҳои тасмагӣ бештар паҳн шудаанд, ки лентаи резинӣ ё пӯлодӣ дар болои чарх ҳаракат мекунад ва бо ёрии тасма бор ё маснуот ба масофаи зиёд бурда мешавад. Чунин навъи конвейерҳо дар саноати дӯзандагӣ, пойафзордӯзӣ ва як қатор соҳаҳои дигари саноат истифода мешаванд.

Мошинаҳоеро, ки дар сехи дӯзандагӣ ҳастанд, барои якчанд хели ҳаракати гузаронидаи механикӣ истифода мебаранд:

Бо ёрии мошини ҳамакора якбора якчанд амалиёт иҷро карда мешавад, чунончи, рост медӯзанд, якбора ченаки муайян аз бурииш мемонад, гирди буриишро бахия мезананд ё ягон шакли гулдӯзиро иҷро мекунад, зич медӯзанд. Ин мошинҳо унсурҳои автоматӣ доранд.

Либосро бо шероза, пӯст (ҷиҳак), мӯйина, гулдӯзӣ ва ғайра оро додан мумкин аст. Ба воситаи матои асосӣ ё ороишӣ зеб додани либос низ бештар маъмул аст. Масалан, чин-чин, волан, мағзӣ, пар-пар, рулик, жабо, ҳошия, буф, дарзҳои ороишӣ ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Омӯзгор роҷеъ ба навъҳои ороиш додани либос бояд маълумоти бештар диҳад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба мазмун ва хусусияти меҳнат маълумот диҳед.

2.Доир ба ихтисос, синф ва дараҷа маълумот диҳед.

3.Пешрафти техникӣ чист?

4.Асосҳои раванди пешрафти техникӣ кадомҳоянд?

5.Оид ба ороиши либос маълумот диҳед.

**5. Истифодаи усули "Тест"**

Вобаста ба мавзӯи мазкур аз усули "Тест" истифода намудан мумкин аст, ки хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

**1.Мазмуни меҳнатро кадом омил муайян мекунад?**

а) хусусияти касб;

б) мазмуни ихтисос;

в) муҳтавои касб;
г) мақсад.

**2.Пешрафти илмию техникӣ боиси тағйироти доимии чӣ мегардад?**
а) мазмун ва хусусияти меҳнат;
б) мақсади касбинтихобкунӣ;
в) дараҷаи ихтисоси коргарон;
г) моҳияти интихоби касб.

**3.Дар истеҳсолоти замонавӣ чӣ гуна конвейерҳо бештар паҳн шудаанд?**
а) тасмагӣ;
б) чӯбӣ;
в) занҷирӣ;
г) мурватшакл.

**6. Кори амалӣ. Технологияи дӯхтани чин-чин (волан)**

Омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат мекунад, хонандагон онро риоя мекунанд.

**Таҷҳизот:** ресмон, матоъ, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, намунаҳои чокҳои чин-чин ва пар-пар.

**Марҳала:**

1. Омӯзгор оид ба дӯхтани чин-чин чунин маълумот дода медиҳад: Чин-чинҳоро дар канори маснуот медӯзанд. Тасмаҳои барои чин-чинро якуним маротиба зиёдтар тайёр мекунанд. Барои тайёр кардани тасмаҳо ба сифати матои интихобшуда аҳамият додан лозим аст. Агар матоъ тунук ва борик бошад, чин-чинҳо зич ҷойгир мешаванд ва барои ин тасмачаро дарозтар бояд гирифт. Чин-чинҳоро аз тасмаи тайёр ё аз тасмачаи матои уреб ё мудаввар ва барқади риштаи рост бурида, тайёр мекунанд. Агар кӯтоҳ бошад, тасмачаҳоро байни ҳам пайваст мекунанд. Канори кушодаашро бо якчанд намуд дастӣ ё бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзанд.

2.Омӯзгор доир ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш медиҳад.

3.Барои дӯхтани волан (чин-чин) бо ҳамроҳии омӯзгор матоъ интихоб карда шавад;

4.Супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани волан мувофиқи хоҳиш матоъ бурида шавад.

5.Омӯзгор супориш медиҳад, ки канори пораи бурида ба 0,3 см қат карда шавад.

6.Баъд аз қатъ намудан 0,1 – 0,2 см аз ҷойи қаткунии канори пораи буридашуда кӯк ва мошин зада шавад.

**7.**Ҳангоми буридан матои қаткардаро бояд то дарзи мошин қайчӣ кунанд;

8. Канори дӯхта қат карда, бори дуюм аз канори тарафи чаппааш 0,2 см монда ба мошина зада шавад.

9. Дар вақти иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор таъкид карда мешавад, ки ба қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ, сӯзан ва мошинаи дарздӯзӣ ва дарзмол риоя карда шавад. Коркарди гармию намидиҳӣ бо сифати баланд гузаронида шавад.

10.Баъди иҷрои кори амалӣ омӯзгор бояд зебогии кӯки дастӣ ва мошинӣ, сифати дӯхти канори матоъро санҷида, мувофиқи иҷро баҳогузорад.




***Расми 1.Тарзи буридани матоъ барои чин-чин***



***Расми 2. Тарзи коркарди чин-чин***



***Расми 3. Навъҳои чин-чинҳои тайёр дар маснуоти дӯхташуда***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи меҳнат ва корхонаҳои хоҷагии халқ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Хусусият ва мазмуни меҳнатро шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Равандҳои дӯхтани чин-чинро шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу таҷҳизоти дӯзандагиро риоя карда метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳо вобаста ба саноати дӯзандагӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбати истифодаи матоъ маълумот дода метавонад? | | | |

**Дарси 5**

**Мавзӯъ: Асосҳои технология. Маълумот дар бораи раванди технологӣ**

**Барнома:** Маълумот дар бораи раванди технологӣ. Тавсифи умумии равандҳои технологӣ, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд: физикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикӣ ва омехта. Назорати сифати маҳсулот. Маълумот оид ба қабули давлатии маҳсулот.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи асосҳои технология ва равандҳои технологӣ маълумот дода тавонад.
- Қисмҳои асосии кор дар истеҳсолотро шарҳ дода, вазифаҳои онро муайян карда тавонад.
- Усулҳои механикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикиро шарҳ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Сохтори раванди истеҳсолоти Тоҷикистонро шарҳ дода тавонад.
- Нақшаи ҳамён ва борхалтаро тартиб дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онҳоро арзёбӣ карда метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Ба хонандагон саволҳои зеринро диҳед:

1.Мазмун ва хусусияти меҳнатро шарҳ диҳед.

2.Доир ба ихтисос, синф ва дараҷа маълумот диҳед.

3.Пешрафти техникӣ чист?

4.Асосҳои раванди пешрафти техникӣ кадомҳоянд?

5.Оид ба ороиши либос маълумот диҳед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба асосҳои технология ва раванди технологӣ гузаронида, оиди қисмҳои асосии кор дар истеҳсолот, равандҳои технологӣ: усули механикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикӣ, тарҳсозӣ аз такмили супориши техникӣ, тасвири умумии равандҳои технологӣ, раванди кор дар сехи тарҳсозӣ, номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷати техникӣ, раванди сохтан ва тартиб додани нақшаи ҳамён ва борхалта шарҳ дода мешавад.

Қисми асосии корро дар истеҳсолот технология (раванди технологӣ) ташкил медиҳад. Таҳти мафҳуми технология маҷмӯи усулҳои коркард, сохтан, тағйир додани ҳолат, хосият шакли ашёи хом, масолеҳ ё маҳсулоти нимтайёр, ки дар раванди ҳосил кардани маҳсулот истифода мебаранд, фаҳмида мешавад.

Одатан технологияро бо истеҳсолоти мушаххас (конкретӣ) алоқаманд мекунанд.

Технологияи тайёр кардан ва дӯхтани либос, пойафзор, пухтани нон, гудозиши пӯлод ва ғайра.

Бисёр равандҳои мухталифи технологи мавҷуданд, ки ҳар яки онҳо сохтор ва хусусияти худро дорад ва барои бисёр равандҳои гуногуни технологӣ умумӣ мебошад. Ба онҳо усулҳои механикӣ, химиявӣ, биологӣ ва энергетикаро мансубанд, ки онҳо ба раванди технологи дохил мешаванд.

Усули механикӣ (физика-механика) – чунин равандҳои технологиро дар бар мегирад, ки ба воситаи таъсири механикӣ ба ашёи меҳнат, буридан, пора кардани масолеҳ, бо винт, парчинмех пайвастани ҷузъҳо, бо мошини дарздӯзӣ дӯхта, пайвастани матоъ, ва ғайра ба амал меояд.

Усули химиявӣ – раванди технологӣ тағйир додани ашёи меҳнатро аз ҳисоби реаксияҳои химиявӣ ба амал меорад.

Дар саноати электротехникӣ ҳангоми ҳосил кардани баъзе масолеҳи электроизолятсионӣ ва ноқил дар кишоварзӣ мубориза бо зараррасонҳо, дар мошинасозӣ барои муҳофизати филизот аз зангхӯрӣ, дар саноати сабук, истеҳсоли матоъҳои химиявӣ ва ғайра истифода бурда мешавад.

Усули биологӣ – ашёи меҳнат таҳти таъсири равандҳои биохимиявӣ, ки дар организми зинда ба амал меояд, тағйир меёбад. Мисол: Ин дар саноати хӯрокворӣ, химия ва саноати сабук васеъ паҳн шудааст (дар раванди хамиркунӣ ҳамроҳ кардани хамиртуруш ва расидани хамир). Ин усул дар саноати металлургӣ ҳам дида мешавад. Мисол аз маъдан ҳосил кардани баъзе филизот (мис, марган, хром ва ғайра).

Усули энергетикӣ – равандҳои технологиро дар бар мегирад, ки ба воситаи истифодаи бевоситаи энергияи барқ, ядроӣ ва намудҳои дигари энергия ба амал бароварда мешавад. Масалан, ҳосил кардани мис ва алюминий, ки онро бо ҷараёни баландбасомад обутоб медиҳанд ва ғайра.




Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба мавзӯи мазкур дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Қисми асосии кор дар истеҳсолотро чӣ ташкил медиҳад?

2.Оид ба раванди технологӣ маълумот диҳед.

3.Сохтори раванди истеҳсолоти Тоҷикистонро шарҳ диҳед.

4.Нақшаи либос ва амсиласозии онро шарҳ диҳед.

Доир ба раванди сохтан ва тартиб додани нақшаи ҳамён ва борхалта иттилоъ диҳед.

**5. Истифодаи бозии «Кроссворд»**

Дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) бозии «Кроссворд» гузаронидан мумкин аст. Вобаста ба синну соли хонандагон хелҳои гуногуни кроссвордро пешниҳод кардан мумкин аст.

**Мақсадҳои бозӣ:** инкишоф додани қобилияти андешаронии мантиқӣ; ташаккул ёфтани муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ; рушди қобилияти зиракии хонандагон; такрори дарсҳо; арзёбии дониши хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ:** аз тарафи омӯзгор дар тахтаи синф ё бо воситаи проектор шакли кроссворд нишон дода мешавад; тарафҳои амудӣ ва уфуқии он фаҳмонда мешавад. Омӯзгор саволҳои кроссвордро ба хонандагон нишон медиҳад; аз тарафи омӯзгор саволҳо ба пуррагӣ фаҳмонда мешавад; ба хонандагон супориш дода мешаванд, ки ҷавобҳои дурустро пешниҳод намоянд. Ҷавобҳои хонандагон бо ҷавобҳои дуруст муқоиса шуда, арзёбӣ карда мешаванд.

**Намуна.**

**Саволҳо: Амудӣ:** 1. Аз рӯйи ҷадвали андозаҳои намунавӣ нақшҳоро кӣ тартиб медиҳад? 2. Раванди технологие, ки ашёи меҳнатро аз ҳисоби таҷзияи химиявӣ тағйир медиҳад, кадом усул мебошад? 3. Ҳангоми сохтани тарҳи либос кадом нишондиҳандаро ба назар мегиранд? 4. Ҷузъи маснуоте, ки аз картон сохта мешавад, чӣ ном дорад? 5. Идомаи тахминии тарҳ ё намунаи аввали либосро чӣ меноманд? 6. Амсиласозии тарҳи либос аз рӯйи чӣ коркард карда мешавад? 7.Истифодаи мошин ва механизмҳо дар раванди истеҳсолоти дӯзандагии механикӣ чӣ ном дорад?




**Ҷавобҳои дуруст:**

**Амудӣ:** 1.Таррох? 2.Химиявӣ 3.Андоза. 4.Қолиб. 5.Амсиласозӣ 6.Ангора 7.Истеҳсолот

**Дар натиҷа хонандагон:** хотираи хонандагон инкишоф меёбад; маводди нав мустаҳкам мешавад; муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ, зудфикркунӣ рушд меёбад;

**6. Кори амалӣ. Шиносоӣ бо кор дар сехи конструкторӣ. Тартиб додани нақшаи ҳамён ё борхалта**

Омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъро назорат мекунад.Хонандагон онро бояд риоя кунанд.

**Таҷҳизот:** нақшаи ҳамён ва борхалта, қоғаз, қаламҳои ТМ ё М, дукорд (қайчӣ), ҷадвал.

**Марҳала:**

1.Омӯзгор дар бобати омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш медиҳад.

2.Супориш дода мешавад, ки ченакҳо бодиққат муайян карда шаванд.

3.Мувофиқи ченакҳо нақшаи ҳамён ё борхалта тасвир карда шавад.

4.Омӯзгор супориш медиҳад, ки хатҳои асосӣ ва яклухт дар нақша муайян карда шаванд.

5.Барои ҳосил намудани боварӣ ба дурустии кори иҷрокардаи хонандагон бояд супориш дода шавад, ки ченакҳо дуруст ва аниқ бори дигар санҷида шаванд.

5.Омӯзгор супориш медиҳад, ки аз рӯйи хатти яклухти нақша аз рӯйи китоби дарсӣ мустақилона қолиб тайёр намоянд;

6.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки мувофиқи хоҳиш намуди зоҳирии ҳамён ё борхалтаро интихоб намуда, нақша ва қолаби он омода карда шавад;

7.Баъди иҷрои кори амалӣ омӯзгор дурустии ченакҳо ва сохтани қолиб аҳамият дода, мувофиқи кори иҷрошуда баҳо мегузорад.



















***Навъҳои ҳамён ва борхалтаи миллӣ***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Асосҳои технология ва равандҳои технологиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қисмҳои асосии кор дар истеҳсолотро шарҳ дода, вазифаҳои онро муайян карда метавонад? | | | |
| Усулҳои механикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикиро шарҳ дода, вазифаҳои | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Сохтори раванди истеҳсолоти Тоҷикистонро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Нақшаи ҳамён ва борхалтаро тартиб дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Қисмҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 6

### Мавзӯъ: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон

**Барнома:** Раванди технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон. Саноати сабук. Раванди технологии кор дар сехи чокбурӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Равандҳои технологиро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон шарҳ дода тавонад.
- Дар бораи раванди технологии кор дар сехи чокбурӣ маълумот дода, вазифаҳои онро муайян карда тавонад.
- Навъҳои асосии ҳуҷҷати технологиро шарҳ дода тавонад.
- Доир ба дастгоҳҳои матоъбурӣ шарҳ дода тавонад.
- Раванди буридани матоъ барои ҳамён ё борхалтаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро риоя карда тавонад;
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Ба хонандаҳо саволҳои зеринродиҳед:

1.Мазмун ва хусусияти меҳнатро шарҳ диҳед.

2.Оид ба ихтисос, синф ва дараҷа маълумот диҳед.

3.Пешрафти техникӣ чист?

4.Асосҳои раванди пешрафти техникӣ кадомҳоянд?

5.Доир ба ороиши либос маълумот диҳед.

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносой бо мавзӯъ:** Суҳбат дар бораи ба равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон гузаронида, оид ба намудҳои асосии ҳуҷҷати технологӣ, харитаи хатти сайр, вазифаи харитаи амалиёт, раванди технологии кор дар сехи чокбурӣ, амалиёти техникӣ дар сехи чокбурӣ, давраҳои тайёр кардани масолеҳ, тарзи буридани матоъ дар дастгоҳи бурандагӣ, маълумот доир ба мошини матоъбурию барқии РЛ-6, раванди буридани матоъ барои ҳамён ва борхалта шарҳ дода мешавад.

Навъи асосии ҳуҷҷати технологӣ харитаи хатти сайр, харитаи ангораҳо дастурамали технологӣ, ҳуҷҷати асбобу анҷом мебошад.

Харитаи хатти сайр тасвири раванди технологии тайёр кардани маснуотро аз рӯйи тамоми амалиёт маълумот доир ба таҷҳизот, асбобу анҷом, масолеҳи истифодашаванда, инчунин, баъзе маълумоти меъёриро дар бар мегирад.

Раванди технологӣ ҳосил кардани масолеҳ, сохтани ҷузъҳо ва маснуоти тайёр, васл кардани маснуотро дар бар мегирад. Ин давраҳо, яъне ҳосил кардани масолеҳ, ба шакл даровардан ва васл кардани маснуот дар раванди технологии корхонаҳои соҳаҳои хоҷагии халқ ҷой дорад.

**Раванди технологии кор дар сехи чокбурӣ**

Дар сехи чокбурӣ чунин амалиёти техникӣ иҷро карда мешавад. Давраи тайёр кардани масолеҳ:

1.Гузоштани матоъ.

2. Буриши матои гузошташуда ба қисмҳо.

3.Чокбурии ҷузъҳо бо ёрии мошини тасмагӣ, барқӣ, нимавтоматӣ ва ғайра.

4. Пуррагардонӣ ва таҳкунии ҷузъҳои буридашуда.

Қолиб нусхаест аз картон, қоғаз, клеёнка, ки ба рӯйи он нишона гузошта, ҷузъҳои маснуотро мебуранд.

Қолибсозӣ касбест дар саноати сабук; қолибсоз шахсе, ки қолиб месозад. Ӯ бояд тарзи андозагирии қолиб, техникаи сохтани нақшаи андозаҳои гуногун, қоидаҳои тарҳсозии маснуот, шароитҳои техникӣ ва усулҳои тайёр кардани қолибҳоро хуб донад.

Усули ратсионалӣ истифодаи мошини махсусест, ки барои тез буридани шумораи зиёди қолибҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин усул лӯлапечи матоъ аз байни ду наварди даврзананде, ки корд ва фишордиҳак доранд, мегузарад. Кордро дар навард маҳкам мекунанд. Асбоби буранда аз пӯлод буда, ба мошине, ки дар он як қабат матои трикотажӣ ҷойгир аст, васл карда мешавад.







***Навъҳои дастгоҳҳо ва машинаҳо барои буридани матоъ***



***Буранда дар сехи бурандагӣ***

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба мавзӯи мазкур дода шавад.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Қисми асосии кор дар истеҳсолотро чӣ ташкил медиҳад?

2.Раванди технологиро шарҳ диҳед.

3.Сохтори раванди истеҳсолоти Тоҷикистонро шарҳ диҳед.

4.Оид ба нақшаи либос ва амсиласозии он маълумот диҳед.

Доир ба раванди сохтан ва тартиб додани нақшаи ҳамён ва борхалта иттилоъ диҳед.

**6. Истифодаи усули “ММД”**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад. Ин усул барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад

**Мақсадҳо:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.

2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, дар сутуни якум менависанд.

3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки доир ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.

4. Пас аз хондани матн, ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтаанд.

5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.

6. Сипас сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст: Марҳалаи аввал: «Медонам»; Марҳалаи дуюм: “Донистан мехоҳам”, Марҳалаи сеюм: “Донистам”.




**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Раванди технологӣ ҳосил кардани масолеҳ, сохтани ҷузъҳо ва маснуоти тайёр, васл кардани маснуот аст | Усули ратсионалӣ чист? | Усули ратсионалӣ истифодаи мошини махсусест, ки барои тез буридани шумораи зиёди қолабҳо пешбинӣ шудааст. Асбоби буранда аз пӯлод буда, ба мошине, ки дар он як қабат матои трикотажӣ ҷойгир аст, васл карда мешавад. |

**Дар натиҷа хонандагон:** аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд; ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд; донишҳои мавҷудаи худро бо маълумоти нав муқоиса менамоянд**;** мулоҳизаҳои худро баён месозанд**;** бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**6. Кори амалӣ.** Шиносоӣ бо кори сехи бурандагӣ. Буридани маснуоти ҳамён ё борхалта.

Омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъро назорат мекунад. Бояд хонандагон риоя онҳоро риоя кунанд.

**Таҷҳизот:** қолиби ҳамён ва борхалта бо масштаби 1:1 ҷадвал, тасмаи андозагирак, қалам, бӯр ё собуни дастшӯйӣ барои кашидани хатҳо, қайчӣ.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш дода мешавад.

2.Супориш дода мешавад, ки қолабҳо аз назар гузаронида шаванд.

3.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки матоъ ё пораеро интихоб намуда, аз назар гузаронида шавад.

4.Баъд қолиб ба рӯйи матоъ аз рӯйи талабот ҷобаҷо гузошта шаванд.

5.Баъди ҷобаҷогузории қолиб ба рӯйи матоъ хатҳои асосӣ ва суроб гузаронида шавад.

6.Баъди иҷрои ин амалиёт омӯзгор супориш медиҳад, ки ба буридани матоъ оғоз намоянд.

7.Омӯзгор ҳангоми буридани матоъ риояи қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ ва сӯзанакҳоро бори дигар таъкид мекунад.

8.Баъди буридани қисмҳои борхалта хонандагон метавонанд, борхалтаро интихобан бо нақшу нигори миллӣ оро дода, гулдӯзӣ намоянд.

Баъди иҷрои кори амалӣ омӯзгор дурустии хатҳои асосӣ ва фосиладор, сифати ҷойи буридашудаи матоъро санҷида, мувофиқи иҷро баҳогузоред.



***Навъҳои матоъ барои дӯхтани борхалта***



***Истифодаи нақшу нигори миллӣ барои қисми пеши борхалта***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Равандҳои технологиро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди технологии кор дар сехи чок-буриро шарҳ дода, вазифаҳои онро муайян карда метавонад? | | | |
| Навъҳои асосии ҳуҷҷати технологиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба дастгоҳҳои матоъбурӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Доир ба раванди буридани матоъ барои ҳамён ё борхалта иттилоъ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 7
### Мавзӯъ: Назорат ба сифати маҳсулот

**Барнома:** Назорати сифати маҳсулот. Маълумот доир ба қабули давлатии маҳсулот. Маълумот роҷеъ ба тарзҳои муҳофизати табиат аз таъсири моддаҳои зарарноки истеҳсолот.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Назорат ба сифати маҳсулотро шарҳ дода тавонад.
- Қабули давлатии махсулотро шарҳ дода, хосиятҳои маснуотро муайян карда тавонад.
- Доир ба системаи назорат маълумот дода, сақат (брак)-и технологии маснуотро муайян карда тавонад.
- Оид ба сехи дӯзандагӣ шарҳ дода, амалиёти дӯзандагиро дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба тарзҳои муҳофизати табиат аз таъсири партовҳои зарарноки истеҳсолот шарҳ дода тавонад.
- Раванди дӯхтани ҳамён ё борхалтаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
- Табиатро қадр карда, ҳифзи онро шарҳ дода тавонад.

– Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Ба хонандагон саволҳои зеринро диҳед:

1.Қисми асосии кор дар истеҳсолотро чӣ ташкил медиҳад?

2.Раванди технологиро шарҳ диҳед.

3.Сохтори раванди истеҳсолоти Тоҷикистонро шарҳ диҳед.

4.Доир ба нақшаи либос ва амсиласозии он шарҳ диҳед.

5.Раванди сохтан ва тартиб додани нақшаи ҳамён ва борхалтаро шарҳ диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред**.**

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба назорат ба сифати маҳсулот гузаронида, доир ба вазифаи асосии истеҳсолоти имрӯза, роҳҳои баланд бардоштани сифати маснуот, амалиёти техникӣ, гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо, қабули давлатии маҳсулот, хосиятҳои махсуси маснуот, роҳҳои чен кардани бузургиҳои гуногуни маснуот, системаи назорати сифати маснуот, раванди тайёр кардани ҷузъҳо, сабаби сақат (брак) шудани маснуот, мошинҳои дарздӯзии класси 597 ва 1097, раванди пайдарпай дӯхтани борхалта ва ҳамён шарҳ дода мешавад.

Вазифаи асосии истеҳсолоти имрӯза баланд бардоштани сифати маснуот мебошад. Истеҳсоли либосҳои хушсифат ҳамон вақт муяссар мешавад, ки ба сифати маснуот дар ҳама марҳалаҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ назорат карда шавад.

Маснуоти истеҳсолшуда бояд хушсифат, ба талаботи мӯд ҷавобгӯ, бо намудҳои гуногун ва ороишоти ҳархела дӯхта шуда бошад. Сифатнокии маснуоти дӯзандагӣ бо ченаки шартии балгузорӣ баҳо дода мешавад. Маснуот ҳамон вақт хушсифат ҳисобида мешавад, ки ба он 40 балл дода шавад. Барои баҳо додани маснуоти тайёр 3 гурӯҳи нишондиҳандаҳо интихоб карда шудааст:

1.Нишондиҳандаи эстетикӣ (зебоӣ) – 20 балл.

2.Нишондиҳандаи конструктивӣ – 10 балл.

3.Нишондиҳандаи технологӣ – 10 балл.

**Маълумот дар бораи қабули давлатии маҳсулот.** Ҳар як навъи маснуот хосиятҳои махсус доранд, ки сифати онро тавсиф мекунанд. Барои матоъ ғафсӣ, ғиҷимшавӣ, кашишхӯрӣ хос мебошад. Нишонаҳои сифатӣ барои тамоми маснуот аз мустаҳкамӣ, шинамӣ, зебоӣ иборат буда метавонанд. Назорати сифати маҳсулот қисми муҳимтарин ва ҳатмии раванди технологӣ дар соҳаи истеҳсолот аст. Қисми асосию таркибии раванди технологӣ чен кардани бузургиҳои гуногуни маснуот мебошад.

Маълумот оид ба тарзҳои муҳофизати табиат аз таъсири партовҳои зарарноки истеҳсолот. Равандҳои технологӣ дар ҳар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ба муҳити атроф таъсир мерасонанд. Агар таъсири технологӣ нодуруст бошад, пас оқибати он манфӣ хоҳад буд. Миқёси таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити атроф бевосита аз сифати технологияи истифодашаванда вобаста аст. Василаи муҳимми муҳофизати табиат такмили комплексии ашёи хом мебошад. Дар чунин тарзи коркард партовҳои истеҳсолот хеле кам карда мешаванд. Татбиқи ҳамаҷонибаи такмили комплексии ашёи хом имкон медиҳад, ки партовҳои як корхона дар корхонаи дигар ҳамчун ашёи хом истифода бурда шавад.

Маънои стандарт намуна, нусха, қолиб ва андозаи маснуоти якхела мебошад. Истифодаи стандарт ба беҳтар кардани сифати маҳсулот, баландшавии сатҳи унификасия (якхела шудан ба як шакл даромадан) ва тараққӣ додани автоматонии

равандҳои истеҳсолоот, афзоиши самарабахшӣ, истифодабарӣ ва таъмири таҷҳизот, маҳсулот ё маснуот мусоидат мекунад.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба мавзӯи мазкур дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи асосии истеҳсолоти имрӯза дар чист?

2.Барои баҳо додани маснуоти тайёр чанд гурӯҳи нишондиҳандаҳо интихоб карда шудааст?

3.Оид ба қабули давлатии маҳсулот маълумот диҳед.

4.Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ кадом навъи мошинҳои дарздӯзӣ истифода бурда мешаванд?

**5.Истифодаи усули "шаршара"**

Усули «шаршара» (каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

**Мақсадҳо:** таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ; инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ); омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

**Қадамҳои истифодаи усули мазкур**:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайии кори амалиро интихоб намоед.
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро дар тарафи чапи лавҳаи синф нависед.
3. Ба хонандагон фаҳмонед, ки мавзӯъ ва пайдарпайии кори амалиро ба ду-се қисми асосӣ ҷудо кунанд.
4. Қисмҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро овардан қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.
5. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалиро бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед.
6. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Намуна**: Барои баҳо додани маснуоти тайёр аз кадом нишондиҳандаҳо истифода мебаранд




**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани усули «шаршара» якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он

қисмат имкон медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**6. Кори амалӣ.** Дӯхтани борхалта

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** матоъҳои буридашуда, сӯзан, ришта, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки чокҳои канорӣ, поёнӣ ва паҳлуиро аввал дастӣ ва баъд бо дарзи мошинӣ дӯхта шавад.

3.Агар матои интихобкарда барои борхалта титшаванда бошад, он гоҳ бо канорапеч коркард карда шавад. Хонандагон метавонанд барои мустаҳкамии борхалта ба дарунаш аз матои зичбофтастар дӯзанд.

4.Қисми болоии борхалта коркард карда шавад.

5.Тасмачаҳои буридашударо коркард карда, барои дӯхтан омода карда шаванд.

6.Аз канори болои борхалта 2 тасмачаи коркардкардашуда дар масофаи якхела аввал дастӣ, баъд бо дарзи мошинӣ шинонида шавад.

7.Барои ороиши иловагӣ бо чокҳои ороишӣ гирди борхалта коркард карда шавад.

8.Баъди иҷрои кори амалӣ омӯзгор оид ба зебоии чокҳои канорӣ ва сифати тасмачаи коркардкардашудаи борхалта аҳамият дода, санҷида мувофиқи иҷро баҳогузорӣ карда мешавад.



***Навъҳои борхалтаи аз матои хомсуф, ки қисми пешаш ороишдодашуда мебошад***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Назорат ба сифати маҳсулотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қабули давлатии маҳсулотро шарҳ дода, хосиятҳои масноутро муайян карда метавонад? | | | |
| Системаи назоратро шарҳ дода, браки технологии масноутро муайян карда метавонад? | | | |
| Доир ба сехи дӯзандагӣ маълумот дода, | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| амалиёти дӯзандагиро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Тарзҳои муҳофизати табиат аз таъсири партовҳои зарарноки истеҳсолотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди дӯхтани ҳамён ё борхалтаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Табиатро қадр карда, ҳифзи онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## Дарси 8

### Мавзӯъ: Интихоби касб. Касбҳои хоҷагии халқ. Таснифи касбҳо

**Барнома:** Маълумот доир ба касб ва ихтисос. Таснифоти касбҳо аз рӯйи соҳаҳои хоҷагии халқ, дараҷаи маҳорат, талабот ба сифати кадрҳо. Гурӯҳи касбҳо аз рӯйи ашёи меҳнатӣ: одам – техника, одам – одам, одам – табиат, одам – образи бадеӣ, одам – системаи аломатҳо. Касбҳои ба ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ хос.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Касбҳои хоҷагии халқ ва таснифи касбҳоро шарҳ дода тавонад.
- Оид ба касб ва ихтисос маълумот дода, аз рӯйи мансубияташон ба соҳаҳои хоҷагии халқ тақсим карда тавонад.
- Касбҳои гуногун дар саноати дӯзандагиро шарҳ дода, вазифаи онҳоро муайян карда тавонад.
- Доир ба навъҳои касбҳо вобаста ба меҳнат иттилоъ дода, вазифаи онҳоро муайян карда тавонад.
- Дар бораи касбҳо маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда тавонад.
- Барои худ касби мувофиқро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Вазифаи асосии истеҳсолоти имрӯза дар чист?

2.Барои баҳо додан ба маснуоти тайёр чанд гурӯҳи нишондиҳандаҳо интихоб карда шудааст?

3.Доир ба қабули давлатии маҳсулот маълумот диҳед.

4.Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ кадом навъи мошинҳои дарздӯзӣ истифода бурда мешаванд?

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба касбҳои хоҷагии халқ гузаронида, оид ба интихоби дурусти касб, таснифи касб, тақсимоти касбҳо аз рӯйи мансубият ба соҳаҳои хоҷагии халқ, касбҳои вобаста ба саноати дӯзандагӣ, тақсимоти касбҳо вобаста ба меҳнат: одам – техника, одам – одам, одам – табиат, одам – образи бадеӣ, одам –системаи аломатҳо шарҳ дода мешавад.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар доир ба мавзӯи мазкур дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Навъҳои касбро шарҳ диҳед.

2.Дар саноати дӯзандагӣ кадом навъи касбҳо бештаранд?

3.Оид ба нақшаи умумии таснифи касбҳо маълумот диҳед.

4.Вобаста ба меҳнат тамоми касбҳоро ба чанд навъ тақсим кардан мумкин аст?

**5.Истифодаи бозии “Номи касбҳоро аз рӯйи предмет муайян намоед?”**

Аз тарафи омӯзгор овеза ва расмҳои касбҳо вобаста ба предмети меҳнат намоиш дода мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба кадом навъи касб: одам –одам, одам – техника, одам – системаи аломат, одам – образи бадеӣ, одам – табиат тааллуқ доштани онро муайян кунанд. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи хоҳиш дигар намуди касбҳоро истифода бурда, ба хонандагон намоиш диҳад.

Намуна:











***Навъҳои касбҳо***

**6. Кори амалӣ.** Сохтани номгӯйи хӯрокҳо (меню)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** дафтари корӣ, қалам

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба касби нархгузор шарҳ дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор доир ба таҳияи номгӯйи хӯрокҳо (меню) супориш дода мешавад, ки дар он хӯришҳо, таоми якум, таоми дуюм, гарнир, нӯшоба ва шарбатҳо, нӯшокиҳои гарм, ширинӣ в.ғ. дохил карда шавад;

3.Супориш дода мешавад, ки дар дафтари корӣ интихобан ягон навъи номгӯйми хӯрокҳо тартиб дода шавад.

4.Барои иҷрои кори амалӣ аз ҷадвали №1, ки дар саҳифаи 46-47-и китоби дарсӣ оварда шудааст, истифода бурда шавад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳ диҳед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касбҳои хоҷагии халқ ва таснифи касбҳо маълумот дода метавонад? | | | |
| Касб ва ихтисосҳо шарҳ дода, аз рӯйи мансубияташон ба соҳаҳои хоҷагии халқ | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| тақсим карда метавонад? | | | |
| Касбҳои гуногуни саноати дӯзандагӣ шарҳ дода, вазифаи онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Намудҳои касбҳоро вобаста ба меҳнат шарҳ дода, вазифаи онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳо маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 9

## Мавзӯъ: Шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон

**Барнома:** Шиносоӣ (дар комбинати таълимӣ-истеҳсолии байнимактабӣ, сехи таълимӣ, корхона ва ғайра) бо таҷҳизоти ҷойи кор, мазмун ва ташкили меҳнат, масолеҳ, тарзҳои коркарди онҳо, усулҳои муносибат бо асбобҳои назоратию ченкунӣ ва корӣ, қоидаву меъёрҳои муҳофизати меҳнат. Иҷро кардани корҳои амалӣ ва супоришҳо аз рӯйи меҳнат.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

– Дар бораи мақсади шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон маълумот дода тавонад;

– Оид ба маркази таълимӣ иттилоъ дода, вазифаҳои асосии маркази таълимиро муайян карда тавонад;

– Доир ба қоидаҳои сехҳои истеҳсолӣ маълумот дода, тарзи дурусти муносибат кардан бо таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасонро муайян карда тавонад.

– Оид ба касбҳои гуногун шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Намудҳои касбро шарҳ диҳед.

2.Дар саноати дӯзандагӣ кадом навъи касбҳо бештаранд?

3.Оид ба нақшаи умумии таснифи касбҳо маълумот диҳед.

4.Вобаста ба меҳнат тамоми касбҳоро ба чанд навъ тақсим кардан мумкин аст?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон гузаронида, доир ба мақсади беҳтар намудани омодагии хонандагон ба меҳнат, омӯзиш ва интихоби касбу ҳунар, вазифаи

асосии маркази таълимӣ, равияҳои фаъолияти маркази таълимӣ, омодагии касбии таълимгирандагони маркази таълимӣ, синфхона ва сехҳои истеҳсолӣ, тарзи дурусти муносибат бо таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон, шароитҳо дар сехи комбинати таълимӣ шарҳ дода мешавад.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар доир ба мавзӯи мазкур дода шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани омодагии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба меҳнат, омӯзиш ва интихоби касбу ҳунар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи низомномаи намунавии маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон” қарор қабул кардааст.

Маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон (минбаъд маркази таълимӣ) муассисаи таълимӣ ҳисобида мешавад.

Вазифаи асосии маркази таълимӣ аз инҳо иборат аст:

1.Омода намудани хонандагон ба интихоби бошууронаи касб.

2.Омӯзиши майлу рағбати хонандагон ба касбу ҳунар.

3.Ҳамоҳангсозии фаъолияти мактаб, волидайн ва ҷомеа дар татбиқи мақсадноку бошууронаи касбинтихобкунии хонандагон.

4.Муҳайё намудани шароити мусоид ба хонандагону волидони онҳо барои касбинтихобкунӣ ва касбомӯзии хонандагон.

5.Ҳамкории марказ бо муассисаҳои маълумоти ибтидоӣ, миёнаи махсус, олии касбӣ ва корхонаю муассисаҳо барои таъйин намудани майли ба касбу ҳунар доштаи хонандагон;

6.Шинос намудани хонандагон бо намудҳои касб, мутахассисони соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва навигариҳои техникӣ.

7.Таъйини тамоюли касбӣ ва тарғиби касбу ҳунар.

8.Таъмини малакаи аввалини меҳнатӣ оид ба касбҳои дилхоҳи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Дар маркази таълимӣ зиёда аз 25-30 навъи касбро омӯзонидан мумкин аст. Масалан, яке аз касбҳое, ки дар комбинати таълимӣ меомӯзонанд, касби ошпазӣ аст. Дар сехи комбинати таълимӣ барои омӯхтан, шинос шудан бо касби ошпазӣ ва иҷрои кор шароитҳо бояд муҳайё бошад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи асосии маркази таълимиро шарҳ диҳед.

2.Маркази таълимӣ фаъолияти таълимии худро аз рӯйи кадом равияҳо таъмин мекунад?

3.Тайёрии касбии таълимгирандагони маркази таълимӣ чӣ гуна ба охир мерасад?

4.Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом касбҳоро дар бар мегирад?

5.Дар сехи комбинати таълимӣ кадом шароитҳо бояд муҳайё бошад?

**5.Истифодаи усули “Чархи ақидаҳо”**

Методи «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумоти доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

5. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.

6. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот ё масъалаи дар марказбуда нависанд.

7. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)

8. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Масъала**: *«Дар бораи шароитҳои сехи комбинати таълимӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




**6. Кори амалӣ.** Пухтани манту

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шаванд.

**Таҷҳизот:** плитаи газӣ ё баркӣ, дег, кафгир, асбобҳои зарурӣ барои маҳсулоти ашёи хом.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани таҷҳизот ва асбобҳои зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Омӯзгор супориш медиҳад, ки як нафар аз хонандагон ба талаботи хамиркунӣ риоя карда, барои пухтани манту таҳти назорати омӯзгор омода кунад.

3.Супориш дода мешавад, ки аз хамири тайёршуда завола гирифта, 30 дақиқа дам дода шавад.

4.То дамгирии завола маҳсулоти дарунии манту, яъне қима омода карда шавад.

5.Барои омода намудани қима мувофиқи талабот пиёз ва гӯшт реза карда, ё аз гӯштқимакунак гузаронида, мувофиқи табъ намак, зира, мурч ва дорувор андохта шавад.

6.Равғани дунба дар алоҳидагӣ ба ҳиссачаҳои секунҷа ё чоркунҷа, лӯнда ё дарозрӯя интихобан бурида шавад.

7. Супориш дода мешавад, ки заволаи тайёрро даврашакл тунук карда, ғафсиаш 1-2 мм бояд бошад.

8.Пас аз тунук кардани завола бо андозаи 10x10 см ё мувофиқи табъ барои манту ҳиссачаҳо бурида шавад.

9. Ба ҳар як пораи хамир як чумча гӯшти қима ва камтар равғани думба андохта, печонида шавад.

10.Супориш дода мешавад, ки бо мақсади шах нашудан рӯйи мантуи хом бо дастархон пӯшонида шавад;

11.Ба деги манту об андохта, ба оташ гузошта шавад.

12.Баъди ҷӯшидани об ба лаъличаҳои сӯрохдори деги манту равған молида, мантуи хом чида шавад.

13.Сипас ҳамаи лаъличаҳоро рӯйи якдигар гузошта, сарпӯши дег махкам карда шавад.

14.Муҳлати пухтани манту дар буғ 35-40 дақиқа мебошад.

15.Мантуи тайёрро дар табақ кашида, мувофиқи табъ бо мурч, кабудӣ, қаймоқ, ҷурғот, пиёздоғ ва ғайра ороиш дода мешавад.



***Раванди пухтани манту***



***Навъҳои гуногуни печонидани манту***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мақсади шиносоӣ бо маркази таълимӣ ва касбинтихобкунии байнимактабии хонандагон маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба маркази таълимӣ иттилоъ дода, вазифаҳои асосии маркази таълимиро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба қоидаҳои сехҳои истеҳсолӣ маълумот дода, тарзи дурусти муносибат кардан бо таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасонро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳо маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 10

### Мавзӯъ: Мафҳуми асосии касбнома, хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб

**Барнома:** Таснифоти талаботи асосии касб аз одам, шаҳрвандӣ, сифатҳои ахлоқӣ, маълумот, қобилиятнокии махсус ва умумӣ, дониш, малака, маҳорат ва саломатӣ. Мафҳуми касбнома (профессиограмма). Хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб. Талаботи касбе, ки барои муҳити истеҳсолии мактаб хос мебошад. Шиносоӣ бо касбнома, тафсифи касбҳои асосии коргарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Мафҳуми асосии касбномаро шарҳ дода, ҳангоми интихоби касб хатоҳои махсусро муайян карда тавонад.
- Мафҳумҳои фан касбнома, хатоҳои махсусро дарк кунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Оид ба касбномаҳое, ки аз рӯйи нақша тартиб дода шудаанд, шарҳ дода, хатоҳои махсус ва мушкилот ҳангоми интихоби касбро муайян карда тавонад.
- Оид ба касбҳо шарҳ дода, тасаввуроти нодуруст дар бораи эътибornокӣ ва беэътибории касбҳоро муайян карда тавонад.
- Оид ба касбҳои гуногун шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Вазифаи асосии маркази таълимиро шарҳ диҳед.

2.Маркази таълимӣ фаъолияти таълимии худро аз рӯйи кадом равияҳо таъмин мекунад?

3.Тайёрии касбии таълимгирандагони маркази таълимӣ чӣ гуна ба охир мерасад?

4.Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом касбҳоро дар бар мегирад?

5.Дар сехи комбинати таълимӣ кадом шароитҳо бояд муҳайё бошад?

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат доир ба мафҳуми асосии касбнома гузаронида, оид ба хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб, ҳамаи касбномаҳое, ки аз рӯйи нақша тартиб дода шудаанд, мушкилоти асосӣ ҳангоми интихоби касб, якбора интихоб кардани касби дараҷаи баланд ё олӣ, тасаввуроти нодуруст дар бораи эътибornокӣ ва беэътибории касбҳо, маълумоти муфассал оид ба касбҳо, касбҳое, ки барои тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд: соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, органҳои маъмурӣ, тандурустӣ, маориф, хӯрокворӣ, техникаи компютерӣ, шиносоӣ бо касби пешхизматӣ шарҳ дода мешавад.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар доир ба мавзӯи мазкур дода шавад.

Интихоби дурусти касб дар бораи мазмун, хусусияти меҳнат ва муносибат дар раванди фаъолияти минбаъдаи кор дониши кофиро тақозо мекунад. Касбнома яке аз манбаъҳои муҳимми иттилоот дар бораи касб мебошад. Касбнома тавсифи касб буда,

талаботи асосии касбро бо сифатҳои шахсии инсон – фикрӣ, рӯҳӣ ва ҷисмонӣ дар бар мегирад.

**Хатоҳои махсус ва мушкилот ҳангоми интихоби касб.** Интихоби дурусти касб чунин маъно дорад, ки бояд касбе интихоб намуд, ки дар оянда аз он қаноатманд буда, ба ҷамъият нафъ расонида шавад. Сари иштибоҳоте, ки ҳангоми интихоби касб бештар вомехӯранд, бояд таваққуф намуд.

Хатмкунандагон қобилияти худро ба ҳисоб гирифта, касбро интихоб мекунанд. Дар ин кор набояд ба саҳву хатоҳои бадфарҷом роҳ дод.

Агар шавқу завқ, рағбат ва қобилияти дӯстон бо худи касб мувофиқ афтад, ин амал хуб аст, вале агар яке аз онҳо аз нуқтаи назари судҷӯйӣ амал кунад, дар он сурат ин кор бад аст. Дар ин маврид одатан, ӯро ноумедӣ фаро гирифта, баъди ҷустуҷӯҳои тӯлонию баъзан пурмашаққат маҷбур мешавад, ки касби интихобнамудаашро тағйир диҳад.

Муносибати ҷиддӣ ба интихоби касб талаб мекунад, ки дар бораи он дониши мукаммал дошта бошад. Донистани хусусияти кори қобилияти худ вазифаи басо мураккаб аст. Роҳи беҳтарини ҳалли он кадом аст? Аввал, барои фаҳмидани қобилияти худ бояд кӯшиш, сипас онро бо талаботи касби оянда муқоиса кардан мувофиқи мақсад аст.

*Шиносоӣ бо касби пешхизматӣ.* Дар вақти интихоби касби пешхизматӣ инро дар хотир бояд дошт, ки дар тарабхона, қаҳвахона ва ҷойи дигар ғайр аз дониши махсус хизматрасонии бекамукост, боз бо одамон муносибати дуруст карда тавонистан лозим аст.

Пешхизмат бояд хушгуфтор, дорои санъати баланди муошират бошад; дидадаройӣ, сазовор гаштан ба боварии мардум, худро чун зебоипараст, рӯҳшинос, корчаллон, чолоку ҳозирҷавоб ба мардум шиносонидан, чеҳраи хандон ва одобу ахлоқи нек доштан ба мароми зиндагияш табдил ёбад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Интихоби дурусти касб чиро тақозо мекунад?

2.Ҳамаи касбҳо аз рӯйи кадом нақша тартиб дода шудаанд?

3.Хатоҳои махсус ва мушкилот ҳангоми интихоби касб.

4.Оид ба тасаввуроти нодуруст дар бораи эътибornокӣ ва беэътибории касбҳо маълумот диҳед.

5.Доир ба касбҳо маълумоти муфассал диҳед.

**5.Истифодаи усули "шаршара"**

Усули «шаршара» (каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

**Мақсадҳо:** таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ; инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ); омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

**Қадамҳои истифодаи усули мазкур**:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайии кори амалиро интихоб намоед.
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро дар тарафи чапи тахтаи синф нависед.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайии кори амалиро ба ду-се қисми асосӣ ҷудо кунанд.
4. Қисмҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалии овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.
4. Фаслҳои асосиро боз ба қисмҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалии бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед.
5. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Масъала:**


Касбҳои барои тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур:
Дар соҳаи саноат
муҳандис, муҳандис-технолог, бофанда, ресанда, дӯзанда, танзимгари дастгоҳҳо ва хатҳои автоматӣ, дуредгар, челонгар ва ғайра.
Дар соҳаи сохтмон
муҳандиси сохтмони истиқоматӣ, меъмор ва ғайра.
Дар соҳаи нақлиёт
муҳандиси нақлиёт, муҳандиси истифодабарӣ ва таъмири роҳ, ронанда ва ғайра.
Дар соҳаи кишоварзӣ
агроном технологи истеҳсолоти кишоварзӣ, муҳандиси механизмҳои кишоварзӣ, зоотехник, байтор, чӯпон, парандапарвар, говдӯш, харгӯшпарвар ва ғайра.
Дар соҳаи органҳои маъмурӣ
прокурор, судяи халқӣ, мутахассиси ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ
Дар соҳаи тандурустӣ
духтури кӯдакон, ҷарроҳ, духтури бемориҳои асаб ва ғайра.
Дар соҳаи маориф
омӯзгор, мураббӣ ва ғайра.
Дар соҳаи хӯрокворӣ
ошпаз, қаннод, нонвой, пешхизмат ва ғайра.
Дар соҳаи техникаи компютерӣ
операторӣ мошинҳои ҳисоббарори электронӣ, оператори компютер ва бисёр касбҳо

**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани «шаршара» якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он қисмат имконият медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**6. Кори амалӣ.** Шиносоӣ бо касби пешхизмат

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шаванд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба касби пешхизмат, ки дар китоби дарсӣ дар саҳифаи 60-61 оварда шудааст, шарҳ дода мешавад.



***Либосҳои махсус барои пешхизмат***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми асосии касбнома маълумот дода, ҳангоми интихоби касб хатоҳои махсусро муайян карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои фан, касбнома, хатоҳои мах- | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| сусро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Доир ба касбномаҳое, ки аз рӯйи нақша тартиб дода шудаанд, маълумот дода, хатоҳои махсус ва мушкилоти ҳангоми интихоби касбро муайян карда метавонад? | | | |
| Маълумоти оид ба касбҳоро шарҳ дода, тасаввуроти нодуруст дар бораи эътиборнокӣ ва беэътибории касбҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 11
## Мавзӯъ: Майлу рағбат ба касб

**Барнома:** Мафҳуми майлу рағбат ба касб ва ошкор кардани он. Нақши фаъолияти таълимӣ, ҷамъиятӣ ва меҳнатии хонандагон дар ташаккули онҳо.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мафҳуми майлу рағбат ба касбро шарҳ дода, ҳангоми интихоби касб касбҳои дурустро интихоб карда тавонад.
- Мафҳумҳои фан қобилият, шавқу завқро дарк кунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Доир ба касби қаннодӣ иттилоъ дода, вазифаҳои касби қаннодиро муайян карда тавонад.
- Дар бораи касбҳои гуногун шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Интихоби дурусти касб чиро тақозо мекунад?

2.Ҳамаи касбҳо аз рӯйи кадом нақша тартиб дода шудаанд?

3.Хатоҳои махсус ва мушкилот ҳангоми интихоби касб

4.Тасаввуроти нодуруст дар бораи эътиборнокӣ ва беэътибории касбҳоро шарҳ диҳед.

5.Оид ба касбҳо маълумоти муфассал диҳед.

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба майлу рағбат ба касб гузаронида, оид ба таъсири шавқу завқ ба интихоби касб, қобилият, сифатҳои қобилият, навъҳои қобилият,

фаъолияти хуби таълим, касби қаннод, саломатии қаннод, шароити кори касби қаннод, вазифаи интихоби касб, шарҳ дода мешавад.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба мавзӯи мазкур дода шавад.

Мафҳуми шавқу завқ хусусияти муносибати маърифатии инсон ба ин ё он ашёро мефаҳмонад. Шавқу завқ ба интихоби касб маънои дилбастагӣ нисбат ба соҳаи муайяни меҳнат, саъю кӯшиш ба дарки моҳияти ягон навъи фаъолият мебошад. Зери мафҳуми майлу рағбат ва шавқу завқ хусусияти шинохтану тамоюли инсон нисбат ба ин ё он касб фаҳмида мешавад. Шавқу завқ ба интихоби касб маънои муносибати хуб нисбат ба идрок ва фаъолият мебошад. Майлу рағбат на танҳо зоҳир мегардад, инчунин, дар рафти фаъолият ташаккул меёбад.

Қобилият чист? Ҳама гуна хусусиятҳои рӯҳии одамро, ки ба пешравии ягон кори ёрӣ расонида, ба донишу малака дохил мешавад, қобилият номидан мумкин аст. Агар одам бӯй ва мазаро хуб фарқ карда, дар хотир нигоҳ дошта тавонад, ин қобилият барои дар оянда ошпаз, қаннод, чошнигир шудани ӯ хеле зарур хоҳад шуд.

Навъҳои гуногуни қобилиятро фарқ намудан мумкин: аз ҷумла сода ва мураккаб, умумӣ ва хусусӣ.

Қобилияти содатарини умумӣ ба ҳамагон хос мебошад, лекин на ҳамеша дар фаъолияти босамари инсон дида мешавад. Масалан, зиракӣ, накукорӣ ва ғайра; содаю хусусӣ нест. Масалан, назардиди амиқ, тасаввуроти фазоӣ, азёдкунии нисбати меҳнат, муомилаи хуб кардан, омӯзиш ва тарбия ба ҳисоб меравад. Қобилияти умумии мураккаб қобилият нисбати меҳнат, муомилаи хуб кардан, омӯзиш ва тарбия ба самаранокии касбомӯзӣ ва ташаккул додани он аст. Инчунин, хосияти шахс аст, ки аз он сифати фаъолияти касбӣ вобаста мебошад.

Таъсири шавқу завқ. Майлу рағбат ва қобилиятро ба интихоби касб ба шакли нақшаи №6, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, тасаввур кардан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, шавқу завқ, рағбат ва қобилияти худро дар фаъолияти муайян ташаккул ва инкишоф дода, ба касби интихобнамуда тайёр шудан лозим аст.



***Либоси махсус барои касби қаннод***







*Касби қаннод*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Зери мафҳуми майлу рағбат ва шавқу завқ чиро мефаҳмед?

2.Қобилият чист?

3.Навъҳои қобилиятро номбар кунед.

4.Таъсири шавқу завқ ба интихоби касб чӣ гуна аст?

5.Хусусияти шавқу завқро шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи усули кластери сода**

Кластер (clasteқ – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумоти доштаашонро доир ба он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

Масъала: Самти касбии шахсро чӣ гуна муайян мекунанд?




**6. Кори амалӣ.** Пухтани пироги лимӯгӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шаванд.

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ барои пухтани пироги лимӯгӣ супориш дода мешавад.

2.Тухм бо намак ба зарфе андохта омехта мекунанд.

3.Равған андохта омехта мекунанд.

4.Ордро бехта, сода ҳамроҳ карда, ба зарфи масолеҳи тайёр андохта, хамир мекунанд.

5.Хамири тайёрро ба 2 ҳиссаи нобаробар тақсим карда, як қисмашро дар лагани тафдон баробар баробар мекунанд.

6.Қисми зиёди хамирро ба лагани тафдон гузошта, ба ғафсии 0,7-1 см паҳн мекунанд.

7.Баъд ба лимӯ оби гарм рехта, пӯсташро ҷудо накарда, аз турбтарошаки майда гузаронанд.

8.Баъд ба он шакар рехта, тез ба болои хамири таг паҳн мекунанд.

9.Сипас ба рӯйи он ҳиссаи дуюми хамирро гузошта, ба хамири таг часпонида ба рӯйи он тухм мемоланд.

10.Бо чангак чанд ҷояшро сӯрох карда, 20-25 дақиқа ба тафдони ҳарораташ $250^0$С мегузоранд.

11.Аз тарафи омӯзгор мувофиқи иҷрои кори амалӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

***Эзоҳ: Ба пирог чӯбчаи нӯгаш тезро халонида, пухтани онро месанҷанд. Агар дар нӯги чӯбча хамир набошад, дохили пирог пухтааст. Онро аз тафдон гирифта, ба табақи махсус мегузоранд.***










***Раванди пухтани пироги лимӯгӣ***



***Навъҳои пирогҳои лимӯгини пухташуда***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Мафҳуми майлу рағбат ба касбро шарҳ дода, ҳангоми интихоби касб касбҳои дурустро интихоб карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои фан, қобилият, шавқу завқро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Оид ба касби қаннодӣ маълумот дода, вазифаҳои касби қаннодиро муайян карда метавонад? | | | |
| Барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 12

### Мавзӯъ: Маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ

**Барнома:** Маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Энергетика. Мафҳум дар бораи занҷири барқӣ ва унсурҳои он.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи истеҳсоли барқ маълумот дода тавонад.
- Мафҳумҳои фан, истеҳсоли барқ, энергетика, ТЭС, ДЭС, ГТЭС, АЭС, ГЭС-ро дарк кунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Асбобҳои барқии ёрирасонро шиносад ва дар кори амалӣ онҳоро истифода бурда тавонад.
- Аломатҳои шартии барқиро шиносад, ва дар амал тарзи пайвасти занҷири барқиро иҷро карда тавонад.
- Оид ба касбҳои гуногун маълумот дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Зери мафҳуми майлу рағбат ва шавқу завқ чиро мефаҳмед?

2.Қобилият чист?

3.Навъҳои қобилиятро номбар кунед.

4.Таъсири шавқу завқ ба интихоби касб чӣ гуна аст?

5.Оид ба хусусияти шавқу завқ маълумот диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред**.**

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ гузаронида, доир ба тараққиёти энергетика, ихтирои неруи барқ ва истифодаи он дар истеҳсолот, асбобҳои ёрирасони барқӣ, ТЭС, ДЭС, ГТЭС, ГРЭС, АЭС, аввалин НБО-ҳо, иқтидори онҳо, унсурҳои гидравликӣ, аккумуляторҳо, генераторҳо, аломатҳои шартии нақшаи барқ, занҷири барқӣ, тарзи пайвастани занҷири барқӣ шарҳ дода мешавад.

То замони тараққиёти энергетика, ихтирои неруи барқ ва истифодаи он дар истеҳсолот ҳолатҳои табиии барқ ба одамон маълум буд.

Асбобҳои ёрирасони барқӣ торафт зиёд шуда истодаанд, ки кори хонаро осон мекунанд. Барои бо онҳо кор кардан фақат донишу маҳорат лозим асту бас.

Энергетика яке аз соҳаҳои калонтарини хоҷагии халқ буда, бо истеҳсол, интиқол ва истифода бурдани неруи барқ сару кор дорад. Якчанд навъи неругоҳҳои барқӣ мавҷуданд.

ТЭС (маркази истеҳсоли барқу гармӣ) – на танҳо неруи барқ, инчунин, буғ ва оби гарм медиҳад.

ДЭС (неругоҳи дизелӣ) аз як ё якчанд генератори муҳаррикаш дизелӣ иборат буда, онро дар ҳар гуна ҷой гузоштан мумкин аст.

ГТЭС (неругоҳи барқи газотрубинӣ) – неругоҳест, ки бо сӯзишвории моеъ кор мекунад.

ГРЭС (неругоҳи барқи давлатии ноҳиявӣ) – барои бо неруи барқ таъмин намудани ноҳияи муайян пешбинӣ шудааст.

АЭС (неругоҳи барқи атомӣ) – бо энергияи атом кор мекунад.

ГЭС (неругоҳи барқи обӣ) – аз ҳисоби оби равон кор мекунад.







***ТЭС (маркази истеҳсоли барқу гармӣ)***







*АЭС (неругоҳи барқи атомӣ)*





*ГЭС (неругоҳи барқи обӣ)*







*ГТЭС (неругоҳи барқи газотрубинӣ)*

Занҷири барқӣ, ноқилҳои манбаи неруи барқ ва истеъмолкунанда ба ҳам пайваст шуда, занҷири барқиро ба вуҷуд меоваранд. Барои тасвири занҷири барқӣ дар қоғаз расми лампочка, аккумулятор, батарея ва дигар қисмҳои занҷирро бо аломатҳои шартӣ нишон медиҳанд.

Нақшаи барқӣ – тавассути аломатҳои шартӣ ба таври графикӣ тасвир намудани занҷири барқиро меноманд.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.





***Навъҳои ноқилҳои барқӣ***




*Манбаъҳои қувваи барқ*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба тараққиёти энергетика маълумот диҳед.
2.Доир ба асбобҳои ёрирасони барқӣ иттилоъ диҳед.
3.Навъҳои неругоҳҳои барқиро номбар карда, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.
4.Аввалин НБО-ҳо соли чанд сохта шудаанд?
5.Генератор чист?

**5.1.Истифодаи бозии "Чӣ гуна буд, чӣ гуна шуд?"**

Аз тарафи омӯзгор расмҳо дар овезаи таълимӣ бетартиб оварда шудаанд. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аввал асбобҳои рӯзгор чӣ гуна буданд ва бо мурури замон чӣ гуна шуданд?

Масалан, аввал барои пухтани таом аз оташ истифода мебурданд, ҳоло бошад, аз плитаи барқӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми дуруст муайян намудани асбобҳо аз тарафи хонанда доир ба вазифаи асбоб маълумот дода шавад.

Ба ҷавоби хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.





**2.Истифодаи бозии “Изофагиро ёбед”**

Ба хонандагон овезаи таълимӣ бо расмҳо пешниҳод карда мешавад. Ба онҳо супориш дода мешавад, ки бояд расми изофагиро ёбанд ва сабаби онро муайян намоянд. Ба интихоб намудани расми дуруст ва фаҳмонидан ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



**6. Кори амалӣ.** Тартиб додани занҷири барқии нақшаи барқ

Омӯзгор доир ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ назорат мекунад ва он қоидаҳо ҷониби хонандагон риоя карда мешаванд.

1.Омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ супориш медиҳад.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки унсури галваникиро гузоред, яъне ба қутбҳояш пайваст кунед.

3.Ба яке аз онҳо васлкунанда ё қатъкунандаи занҷири барқӣ пайваст карда мешавад.

4.Нӯги озоди ноқили якум ва сеюмро ба васлаки асбоби истифодакунандаи неруи барқ пайваст мекунанд.

5.Лампочкаро ба патрон гузошта, васлкунак (қатъкунакро) пайваст карда шавад.
6.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.







**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи истеҳсоли барқ маълумот дода метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои фан, истеҳсоли барқ, энергетика, ТЭС, ДЭС, ГТЭС, АЭС, ГЭС, занҷири барқиро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Асбобҳои барқии ёрирасонро мешиносад ва дар кори амалӣ онҳоро истифода бурда метавонад? | | | |
| Аломатҳои шартии барқиро мешиносад, ва дар амал тарзи пайвасти занҷири барқиро иҷро карда метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳои гуногун иттилоъ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 13
## Мавзӯъ: Сохти лампочка ва қисмҳои он

**Барнома:** Сохти лампочкаи тафсониш, патрон, калид, вилкаи штепселӣ. Хел ва таъйиноти симҳо ва изоляторҳо. Навъҳо, сохт ва таъйиноти асбобҳо барои кор бо барқ. Асбобҳои рӯшноидиҳандаи барқӣ ва гармидиҳанда.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи лампочка ,сохт ва қисмҳои он маълумот дода тавонад.

- Мафҳумҳои фан, лампа, патрон, штепсел, шиддатро дарк кунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад;
- Лампочкаҳоро шиносад ва таърихи онро шарҳ дода тавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун иттилоъ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба тараққиёти энергетика маълумот диҳед.

2.Асбобҳои ёрирасони барқиро шарҳ диҳед.

3.Навъҳои неругоҳҳои барқиро номбар карда, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

4.Аввалин НБО-ҳо соли чанд сохта шудаанд?

5.Генератор чист?

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба сохти лампочка гузаронида, доир ба сохт ва қисмҳои лампочка, сохти қандилҳо, лампаҳои рӯйимизӣ, лампочкаҳои муқаррарӣ ва чароғакҳо, таъйиноти онҳо, равшании ҷойи кор, шиддат ва иқтидори лампочка, лампа, патрон, штепсел, осеббинӣ аз ҷараёни барқ (осеби сабук ва осеби сахт), кори асбобҳои гуногуни барқии рӯзгор шарҳ дода мешавад.

Рӯшноии хуб шароити меҳнатро беҳтар карда, қувваи босираро нигоҳ медорад. Барои равшан кардани бино ва кӯчаҳо як қатор асбобҳои техникӣ, аз қабили дастгоҳи филмнамоишдиҳӣ, филмоскоп ва.ғ. неруи барқро бештар истифода мебаранд. Сохти қандилҳо, лампаҳои рӯйимизӣ, лампочкаҳои муқаррарӣ ва чароғҳо ва таъйиноти онҳо вобаста аст. Онҳоро аз филиз, пластмасса, шишаҳои ранга ва масолеҳи дигар месозанд.

Лампочкаи муқаррариро, ки мӯяки волфрамӣ дорад, лампочкаи тафсониш меноманд. Ҷараёни барқ ба воситаи мӯяки волфрам гузашта, онро то ҳадди 280-300$^0$С метафсонад. Дар айни замон ҷараён қисман ба шуоъ табдил меёбад.

*Осеббинӣ аз ҷараёни барқ.* Ноуҳдабароёна ё беэҳтиётона истифода бурдани асбобҳои барқии рӯзгор боиси осеббинӣ мегардад. Аз осеби сабук фақат ҷойҳои зарардида сурх шуда, ба дард медароянд, ранги рӯйи шахс парида, карахт мешавад, ба ҳарос меафтад. Аз осеби сахт ҷойи ба ҷараёни барқ расидаи пӯсту бофтаҳо месӯзанд, шахс беҳуш шуда, рангаш меканад, нафасаш гум мешавад, дилаш аз кор мемонад.

Барои расонидани ёрии аввалин, пеш аз ҳама, осебдидаро аз манбаи барқ ҷудо кардан зарур аст, зеро худи осебдида аксаран ин корро карда наметавонад. Ҷараёни барқро тавассути васлак, калиди барқ, рубилник қатъ намудан ё дар сурати дастпӯшаку мӯзаи резинӣ ва ғайра доштан, осебдидаро аз манбаи барқ дур кардан лозим аст.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



*Рафторҳои қатъиян манъбуда*




*Дараҷаҳои осеббинӣ*




*Навъҳои лампочкаҳои каммасраф*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Мафҳумҳои лампа, патрон, штепселро шарҳ диҳед.
2.Осеббинӣ аз ҷараёни баркро шарҳ диҳед.
3.Лампочкаи тафсониш чист?
4.Ҷараёни баркро тавассути чиҳо аз манбаи барқ дур кардан лозим аст?
5.Шиддат ва иқтидори лампочкаро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст?

**5.Истифодаи бозии “Ҳа ё Не”**

Дар қисми мустаҳкамкунии дарс аз бозии «ҲА ё НЕ» истифода мебаранд. Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯъ 5–10 савол тайёр карда, ба хонандагон тақсим карда мешавад.

**Қоидаи бозӣ**: Савол як маротиба хонда мешавад, ҳар як хонанда ба катаки "Ҳа" ё "Не" салиб мемонанд. Аз тарафи хонанда ё омӯзгор ҷавобҳо тафтиш карда мешаванд.

**Намуна:**

| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳа | + | | + | + | |
| Не | | + | | | + |

1. Якумин чароғи тафсон соли 1872 аз тарафи олими рус А.Н. Лодигин ихтироъ шудааст?
2. Люминифор аз калимаи олмонӣ гирифта шудааст?
3. Электропатрон, калиди барқӣ, вилкаи штепселӣ, розеткаи штепселӣ ва муҳофиз ба электроарматураи барқӣ дохил мешаванд?
4. Калиди барқӣ барои пайваст ва ҷудо кардани занҷири барқӣ хизмат мекунад?
5. Розеткаи штепселӣ аз се қутб иборат аст?

**5.Истифодаи бозии "Оғозу анҷом"**

Аз тарафи омӯзгор расмҳо вобаста ба зинаи пайдоиши равшанӣ дар намуди омехта намоиш дода мешавад. Супориш дода мешавад, ки бояд хонанда зинаи пайдоиши равшаниро муайян намуда, дар ҷадвали овардашуда пайдарҳам расмҳоро гузорад.

Дар ҳолати дуруст иҷро намудани шарти бозӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузошта мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |



**6.Кори амалӣ.** Ёрии аввалин ҳангоми осеббинӣ аз ҷараёни барқ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шаванд.

1.Омӯзгор доир ба навъҳои осеббинӣ аз ҷараёни барқ маълумот медиҳад: Дар вақти зарбаи ҷараёни барқ ҳангоми истифодаи дарзмол ва мошина ҳатман бояд чораҳои зеринро истифода бурд: агар зарардида баъди беҳушӣ ба ҳуш омада бошад, барои пешгирии бадшавии саломатиаш ӯро ба назди духтур мебаранд, агар зарардида беҳуш бошад, вайро ҳатман хобонида, тугмаҳои либосашро боз намуда, тирезаро

мекушоянд, ҷавҳари навшодирро бӯй кунонида, тани ӯро молида, гарм карда, фавран духтурро даъват мекунанд.

Хонанда бояд донад, ки дар вақти осеб дидан аз асбоби барқӣ кадом амалиётҳоро иҷро намояд:

1. Бояд осебдидаро аз ҷараёни барқ ҷудо намояд.

2. Ба воситаи хомӯш намудани калиддони барқӣ (рубилник) ё дигар манбаъ (ҷӯб ё резина) ҷараёни барқро ҷудо кунад.

4. Агар дар ҷойи корӣ ҷӯб ё тахта набошад, он гоҳ бо дасти хушк аз ҷойи либоси шахси осебдида, ки ба бадани ӯ часпида истода набошад, кашида аз ҷараёни барқ ҷудо намудан лозим аст.

5. Ба ёрии таъҷилӣ занг задан зарур аст.

6. Осебдидаро оҳиста ба ҷойи рост ё рӯйи фарш хобондан лозим аст.

7. Агар аз ҳуш рафта бошад, барои бӯй кардан спирти навшодир медиҳанд.

8. Рӯй ва гардани осебдидаро бо оби хунук мешӯянд.

9. Қафаси синаро бо маҳлули спирт пок мекунанд.

10. Агар зарурат пайдо шавад, тавассути нафасгирии сунъӣ, дилашро масҳ мекунанд.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки ҳангоми осеб дидан бояд сараввал тавассути васлак, калиди барқ, рубилник, қатъ намудан ё дар сурати дастпӯшаку мӯзаи резинӣ ва ғайра доштан осебдидаро аз манбаи ҷараёни барқ ҷудо намудан лозим аст, зеро осебдида худ ин корро карда наметавонад.

3.Муаллим мефаҳмонад, ки ҳангоми осеббинӣ аз ҷараёни барқ бояд аввал ҷойи осебдидаро бо оби хунук шустан лозим аст.

3.Баъд ҷойи сӯхтаи пӯст бо маҳлули сода ё маҳлули спирт тоза карда мешавад.

4.Баъд докаи ба маҳлули марганетс тар кардашударо ба ҷойи осебдида гузошта, бо дока мепечонанд.

5.Кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.







**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

*Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва гайриқаноатбахш гузошта мешавад*

.

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи лампочка, сохт ва қисмҳои он маълумот дода метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои фан, лампочка, лампа, патрон, штепсел, шиддатро дарк мекунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Лампочкаҳоро мешиносад ва оид ба таърихи лампа маълумот дода мета-вонад? | | | |
| Доир ба касбҳои гуногун шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

**Дарси 14**

**Мавзӯъ: Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи чангкашак**

**Барнома:** Асбобҳои барқӣ. Муҳаррики барқии чангкашак. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи чангкашак. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи чангкашак маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Мафҳумҳои фан амортизатсияҳои резинӣ, муҳаррики коллекторӣ, мулҳақа, ҳавокашак, турбиначаро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Оид ба таърихи пайдоиши чангкашак ва қисмҳои он иттилоъ дода тавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Мафҳумҳои лампа, патрон, штепселро шарҳ диҳед.

2.Осеббинӣ аз ҷараёни баркро шарҳ диҳед.

3.Лампочкаи тафсониш чист?

4.Ҷараёни баркро тавассути чиҳо аз манбаи барқ дур кардан лозим аст?

5.Шиддат ва иқтидори лампочкаро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст?

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат доир ба чангкашак гузаронида, оид ба сохт ва вазифаи чангкашак, пайдоиши чангкашак, қисмҳои иловагии чангкашак (рӯда, мулҳақа, чӯткаи мӯйчин, навъҳои чангкашак: рӯйифаршӣ, дастӣ, автомобилӣ ва чӯткачангкашак), иқтидори кории чангкашак, чангкашакҳои замонавӣ қисми ҳавокашак шарҳ дода мешавад.

Чангкашакҳо барои тоза кардани хона, либос, гилем, парда ва ғайра хизмат мекунанд. Аввалин чангкашак дар ИМА соли 1899 пайдо шуд. Чангкашакҳо барои иҷрои корҳои гуногун бо қисмҳои иловагӣ (рӯда, мулҳақаҳо, чӯткаи мӯйчин ва.ғ.) таъмин мебошанд.

Дар асоси чангкашак амортизатсияҳои резинӣ, муҳаррики коллекторӣ ва дар ғалтаки агрегати ҳавокаш (вентилятор), ки аз турбиначаҳо иборат аст, шинонида шудааст. Турбинаҳои ҳавокашакро дар шакли доирача месозанд.

Қисмҳои асосии кории чангкашак агрегати ҳавокаш (бо ёрии муҳаррики барқии коллекторӣ кор мекунад) мебошад, ки ҳаворо аз даҳанаи чангкашак ба дарун мекашад. Чангкашак бо рӯдаи чиндори чандир ва маҷмӯи мулҳақаҳо низ ҷиҳозонида шудааст.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



***Қисмҳои чангкашак***



***Навъҳои чангкашакҳои муосир***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи чангкашак дар чист?

2.Аввалин чангкашак дар куҷо пайдо шудааст?

3.Қисмҳои иловагии чангкашакро номбар кунед.

4.Асоси чангкашакро чиҳо ташкил медиҳанд?

5.Навъҳои чангкашакро номбар кунед.

**5.Истифодаи бозии “Чӣ барои чӣ?”**

Муаллим барои гузаронидани бозии мазкур синфро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад. Ба ҳар ду гурӯҳ дар алоҳидагӣ вазифаҳо медиҳад.

Аз тарафи омӯзгор расмҳо дар овезаи таълимӣ бетартиб оварда шудааст. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки чӣ барои чӣ буданашро дарёбанд ва дар ҷадвали овардашуда мувофиқи талабот гузаронд.

Масалан, фен барои хушк кардани мӯй.

Ҳангоми дуруст муайян намудани асбобҳо аз тарафи хонанда доир ба вазифаи асбоб шарҳ дода шавад.

Ба ҷавоби хонанда омӯзгор баҳогузорӣ кунад.



***Намунаи вазифа барои гурӯҳи аввал***



***Намунаи вазифа барои зергурӯҳи дуюм***

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи чангкашак маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои амортизатсияҳои резинӣ, муҳаррики коллекторӣ, мулҳақаро дарк мекунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Таърихи пайдоиши чангкашак ва қисмҳои онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳои гуногун иттилоъ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 15

### Мавзӯъ: Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мӯйхушккунак (фен)

**Барнома:** Асбобҳои баркӣ. Муҳаррики баркии мӯйхушккунак. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мӯйхушккунак. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мӯйхушккунак маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онро муайян карда тавонад.
- Дар бораи истифодаи мӯйхушккунак иттилоъ дода, муҳлати истифодаи онро муайян карда тавонад.
- Мафҳумҳои фан мӯйхушккунак, шамолдиҳак, машшота, мӯйҷингилакунаки барқиро дарк кунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Оид ба таърихи пайдоиши чангкашак ва қисмҳои он шарҳ дода тавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Вазифаи чангкашак дар чист?
2.Аввалин чангкашак дар куҷо пайдо шудааст?
3.Қисмҳои иловагии чангкашакро номбар кунед.
4.Асоси чангкашакро чиҳо ташкил медиҳанд?
5.Навъҳои чангкашакро номбар кунед.

Доир ба саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба мӯйхушккунак (фен) гузаронида, доир ба ҳарорати мӯйхушккунак, навъҳои мӯйхушккунак, сохт ва вазифаи мӯйхушккунак, ороишдиҳии мӯй, намудҳои ороиши мӯй, мӯйтобак шарҳ дода мешавад.

Мӯйхушккунак як навъ асбоби барқиест барои хушконидани мӯй. Мӯйхушккунак аз танаи пластмасса, шамолдиҳаки баркӣ ва гармкунаки спиралдори баркӣ иборат аст.

Мӯйхушккунакро то 1 соат истифода бурдан мумкин аст, баъд онро барои хушк шудан 30 дақиқа аз кор боздоштан лозим меояд.

Ҳарорати мӯйхушккунак ба таври автоматӣ танзим мешавад. Инчунин, ҳангоми бисёр тафсидан ё аз кор мондани муҳаррики баркӣ ба таври автоматӣ аз кор бозмемонад. Баъзе навъҳои мӯйхушккунак пояча-илҳоқак доранд, ки он барои дар рӯйи миз гузоштан ё ба девор овехтан имкон медиҳад. Мӯйхушккунаки баркӣ аз сабаби ҳарорати баланд доштанаш метавонад ба мӯйҳо зарари ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, мӯйхушккунакро дар ҳарорати паст бояд кор фармуд.

Ороишдиҳии мӯй яке аз касбҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад, зеро зоҳири инсонро зебо мегардонад.

Машшота мутахассиси омода намудан ва ороиши мӯйи инсон мебошад. Калимаи “машшота” аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноям ороишгари мӯй аст.

Мутахассиси машотта ба якчанд гурӯҳ тақсим мешавад: мутахассиси мардона номаш устои мардона, мутахассис оид ба ранг кардани мӯй–номаш машшота-коллорист; мутахассиси ороишдиҳандаи мӯйи занҳо–устои занҳо; мутахассис оид ба ороиши мӯйии мардона ва занона–устои ҳамакора.

Вазифаи машшота нигоҳубини мӯй буда. ба буридани мӯй, ороиши мӯй, бофтани кокул, рангкунии мӯй, ороиши мӯй барои рӯзҳои ид ва шабнишинӣ; рангҳои гуногун кардани мӯй машғул мешавад.

**Техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои барқӣ**

1.Барои аз таъсири расиши ҷараёни барқ осеб надидан вилкаи штепселиро бо дасти хушк бояд пайваст ва ҷудо кард.

2.Пеш аз таъмири ин ё он асбоби барқӣ ва бартараф кардани нуқсонҳои дахлдор ҳатман шиносномаи онро бодиққат аз назар гузаронед.




***Навъҳои мӯйхушккунакҳои муосир***



***Тарзи дурусти нигоҳдории мӯйхушккунаки муосир***



***Навъҳои асбобҳои махсус барои ороиш додани мӯй***



*Асбобҳои зарурӣ барои касби машотта*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи чангкашак дар чист?
2.Аввалин чангкашак дар куҷо пайдо шудааст?
3.Қисмҳои иловагии чангкашакро номбар кунед.
4.Асоси чангкашакро чиҳо ташкил медиҳанд?
5.Навъҳои чангкашакро номбар кунед.

**5.Истифодаи усули МДД**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯӣ - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал кардани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

Ин усул барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад

**Мақсадҳо:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки доир ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтаанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст:

«Медонам»; "Донистан мехоҳам", "Донистам".



**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи машшота чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Соли 1893 якумин бор мактаби машшота дар Чикаго ташкил карда шуд. | Таърихи муфассали пайдоиши касби машшота | Якумин бор касби машшота дар Шарқи қадим пайдо шуда, машшотаҳо дар байни рӯҳониён фаъолият мекарданд. Онҳо ба ороиши мӯй машғул буданд. Агар кас бемор шавад, мӯйи сарро мебуриданд ё кӯтоҳ мекарданд. Баъдтар ин касб дар Мисри қадим ва Юнони қадим тараққӣ кард. Ба касби машшота бештар табибон машғул мешуданд. |

**Дар натиҷа хонандагон:** аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд; ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ менамоянд; донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд; мулоҳизаҳои худро баён месозанд; бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**6.Кори амалӣ.** Тарзи ороиши мӯй бо асбоби мӯйҷингилакунак.

**Таҷҳизот:** шонаҳои гуногун, оина, мӯйҷингилакунак.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

1.Аз тарафи омӯзгор доир ба омода намудани асбоб ва таҷҳизот барои иҷрои кори амалӣ супориш дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои ҷингилакунии мӯй аввал мӯй гарм карда шавад.

3.Сипас мӯйҷингилакунакро гарм карда, як қабза мӯйро ба пахшкунак мустаҳкам мекунанд.

4.Баъд аз 10–15 сония мӯйҷингилакунакро оҳиста аз мӯй гирифта, 5–7 сония нигоҳ медоранд.

5.Сипас, пахшкунакро кушода, боз ним гардиш давр занонида, пас онро мегиранд.

6.Ҳамин тарз кор бояд давом дода шавад.

7.Баъди ба охир расонидани ҷингилакунии мӯй он бояд бо шонаҳои махсус оро дода шавад.

8.Иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.







***Асбобҳои барқии мӯйҷингилакунак***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи чангкашак маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онро муайян карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои амортизатсияҳои резинӣ, муҳаррики коллекторӣ, мулҳақаро дарк мекунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Таърихи пайдоиши чангкашак ва қисмҳои онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳои гуногун иттилоъ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 16
## Мавзӯъ: Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи яхдон

**Барнома:** Асбобҳои барқӣ. Муҳаррики барқии яхдон. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи яхдон. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи яхдон маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онро муайян карда тавонад.
- Истифодаи яхдонро дар рӯзгор шарҳ дода, қисмҳои онро муайян карда тавонад;
- Мафҳумҳои яхдон, агрегати хунуккунии яхдон, компрессорӣ ва абсорбсионӣ, конденсатор, фреонро дарк кунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.
- Доир ба тарзи кори яхдон ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдон маълумот дода тавонад.
- Аломатҳои шартии компрессорро шарҳ дода, тарзи истифодаи яхдон ва нигоҳубини онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода, барои худ касби дурустро интихоб карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Вазифаи чангкашак аз чӣ иборат аст?

2.Аввалин чангкашак дар куҷо пайдо шудааст?

3.Қисмҳои иловагии чангкашакро номбар кунед.

4.Асоси чангкашакро чиҳо ташкил медиҳанд?

5.Навъҳои чангкашакро номбар кунед.

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред**.**

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба сохт ва вазифаи яхдон гузаронида, доир ба истеҳсоли яхдон дар саноат, агрегати хунуккунии яхдон, конденсатори моршакл, сармодон, фреон, тарзи кори яхдон, компрессор, навъҳои яхдонҳо (хонагӣ ва истеҳсолӣ), навъҳои яхдонҳои рӯзгор (компрессорӣ ва абсорбсионӣ), сохти яхдони компрессорӣ маълумот дода мешавад. Аломатҳои шартии компрессор, истеҳсоли яхдон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдон, истифодаи яхдон ва нигоҳубини он, тарзи дурусти нигоҳдории маҳсулот дар яхдон шарҳ дода мешавад.

Яхдон таҷҳизотест, ки барои бо роҳи хунуккунии сунъӣ дар шароити хона ба муҳлати муайян нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ истифода бурда мешавад.

Яхдон таҷҳизотест, ки дар даруни он ҳарорат нисбат ба берун паст ва ҳавои камераи сармодонаш беҳад сард аст.

*Тарзи кори яхдон.* Компрессор, ки тавассути муҳаррики барқӣ ба кор даровварда мешавад, буғи фреонро меҷабад, онро рӯйпӯши компрессор фишурда, ба конденсатор медиҳад. Фреон ба конденсатор гармиро дода, конденсатсия мешавад, яъне ба моеъ табдил меёбад, дар он ҷо васеъ ва хунук мешавад, гармиро аз деворҳои сармодонак мегирад. Фреони хунукшударо компрессор меҷаббад ва он боз ба сармодонак меояд. Ин кор доим такрор мешавад. Компрессори поршендор тавассути муҳаррики барқии шиддаташ 220 В ба кор медарояд.



***Яхдони барқии пешина бо истифодаи коллектори дар қисми болоӣ ҷойгиршуда, ки ҳоло дар осорхонаи Англия маҳфуз аст.***



*Навъҳои яхдонҳои муосир*



*Навъҳои яхдонҳои муосири дастӣ*




**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Яхдон бо кадом мақсад истифода бурда мешавад?

2.Сармодон чӣ гуна сохта шудааст?

3.Доир ба тарзи кори яхдон маълумот диҳед.

4.Навъҳои яхдонҳои рӯзгорро номбар кунед.

5.Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдонро шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи бозии “Изофагиро ёбед”**

Ба хонандагон овезаи таълимии расмдор пешниҳод карда мешавад. Ба онҳо супориш дода мешавад, ки бояд расми изофагиро ёбанд ва сабаби онро муайян намоянд. Дар мавзӯи мазкур ба хонандагон супориш дода мешавад, ки дар яхдон кадоме аз расмҳои

овардашударо нигоҳ доштан мумкин аст? Ҳангоми дарёфти ҷавобҳо сабаби нигоҳдорӣ дар яхдон низ муайян карда шавад.

Ба интихоб намудани расми дуруст ва фаҳмонидан ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.











**6.Кори амалӣ.** Қоидаҳои тозакунӣ ва нигоҳубини яхдон

Таҷҳизот: яхдон, содаи нӯшокӣ, карсон (тағорача), дока

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани маводди зарурӣ ва таҷҳизот барои иҷрои кори амалӣ супориш дода мешавад.

2.Омӯзгор супориш медиҳад, ки яхдон тоза карда шавад.

3.Яхдонро пеш аз истифода бо оби гарм, беҳтараш якҷоя бо маҳлули шӯянда, шуста мешавад;

4.Баъд аз шустан онро пок карда, хушк намуда, шамол дода мешавад.

5.Сипас бояд дастаки танзимгари ҳароратро ба ҳолати зарурӣ тоб дода, дар камераи хунуккунӣ ва сармодон ҳарорати заруриро ба вуҷуд оварда шавад.

6.Баъд аз ба шабакаи барқ васл кардан яхдон ба кор даровард мешавад.

7.Иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи яхдон маълумот дода, сохт ва вазифаҳои онро муайян карда метавонад? | | | |
| Истифодаи яхдон дар рӯзгорро шарҳ дода, қисмҳои онро муайян карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои яхдон, агрегати хунуккунии яхдон, компрессорӣ ва абсорбсионӣ, конденсаторро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Доир ба тарзи кори яхдон ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдон иттилоъ дода метавонад? | | | |
| Аломатҳои шартии компрессорро шарҳ дода, тарзи истифодаи яхдон ва нигоҳубини онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳои гуногун шарҳ дода, барои худ касби дурустро интихоб карда метавонад? | | | |

## Дарси 17

## Мавзӯъ: Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ

**Барнома:** Асбобҳои барқӣ. Муҳаррики барқии мошинаи ҷомашӯйӣ. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи ҷомашӯйии барқӣ. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи нав эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мошинаи ҷомашӯйии барқӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад.
- Доир ба навъҳои истеҳсоли мошинаи ҷомашӯйи барқӣ иттилоъ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Оид ба автомати либосшӯйӣ маълумот дода, онро дар амал ба кор даровarда тавонад.
- Оид ба қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйӣ маълумот дода, дар амал риоя карда тавонад;
- Оид ба ҷойи кории хонандагон маълумот дода, ҷойи корро дуруст ташкил карда тавонад;

– Мафҳумҳои активатор, махзан, сентрифуга, устувонагӣ, навардча, релеи вақтро дарк кунад, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Яхдон бо кадом мақсад истифода бурда мешавад?

2.Сармодон чӣ гуна сохта шудааст?

3.Доир ба тарзи кори яхдон шарҳ диҳед.

4.Навъҳои яхдонҳои рӯзгорро номбар кунед.

5.Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдонро шарҳ диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Суҳбат доир ба мошинаи ҷомашӯйии барқӣ гузаронида, оид ба таъйиноти мошинаи ҷомашӯии барқӣ, истеҳсоли навъҳои мошинаҳои либосшӯйӣ ва вазифаҳои онҳо, қисмҳои онҳо: қуттӣ, зарфи ҷомашӯйӣ бо лаъличаи қабурғадори пешбаромада, омехтагар ё доира, афзори фишордиҳанда, муҳаррики барқӣ, доираи зери маҳак, муҳаррики якфазагии барқӣ, душоха, сардиҳак, релеи вақт, иқтидори кории онҳо, шустани либосҳо, қоидаҳои бехатарии кор бо мошини ҷомашӯйӣ, қоидаҳои истифодабарӣ ва нигоҳдории мошинаҳои либосшӯйӣ маълумот дода мешавад.

Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст. Давр занонидани либос ва ба ҳаракат овардани маҳлули ҷомашӯйӣ, одатан, тавассути диски белчадор ё табл амалӣ мегардад. Чандин навъи мошинаҳои либосшӯйӣ истеҳсол мешаванд:

1.Мошинаҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМ).

2.Мошинаҳое, ки дар онҳо либос бо ёрии навардчаҳо дастӣ афшурда мешавад (навъи СМР).

3.Мошинаҳои нимавтоматию дузарфаи активаторашон дискӣ, ки барои либосафшурӣ сентрифуга доранд ё якзарфаи навъи устувонагӣ (навъи СМП).

4.Мошинаҳои автоматии идоракуниашон барномавӣ, ки одатан, якзарфаи устувонагӣ (навъи СМА) мешаванд.

Қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйӣ:

1.Пеш аз ба шабакаи барқ пайваст кардани мошинаи ҷомашӯйӣ дурустии изолятсияи симҳои барқгузарон ва ба танаи мошина нарасидани онҳоро санҷед.

2.Дар вақти аз об пур будани мошина ҷунбонидан ё дигар кардани ҷойи он манъ аст.

3.Қисмҳои ҷараёнгузаронро тафтиш бояд кард.

4.Мошинаро бе назорат мондан манъ аст.

5.Ҳангоми истифодаи мошинаҳои ҷомашӯӣ ба танаи мошина, қисмҳои бо замин васлшуда, ба симҳо, ҷумаки об ва ғайра даст расонилан мумкин нест.

6.Бо дасти тар мошинаро ба шабакаи барқ пайвастан, релеи вақтро аз кор боздоштан, мошинаро аз як тарзи кор ба дигараш гузаронидан, онро ҷунбонидан ё хаму рост кардан, қатъиян манъ аст.

7.Бо гармкунак дар даруни мошина обро гарм кардан манъ аст.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



*Навъҳои мошинаҳои ҷомашӯйии барқӣ*



*Ҷойгиршавии мошинаҳои ҷомашӯйии барқӣ*




*Навъҳои хокаҳо барои истифода дар мошинаи ҷомашӯйии барқӣ*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Таъйиноти мошинаи ҷомашӯйии барқӣ аз чӣ иборат аст?

2.Кадом навъҳои мошинаҳои либосшӯйӣ истеҳсол мешаванд?

3.Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ аз кадом қисмҳо иборат аст?

4.Доир ба раванди шустани либос маълумот диҳед.

5.Кадом қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйии барқиро медонед?

**5.Истифодаи усули “Т-схема”**

Ин усул барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид мебошад, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои зеринро талаб мекунад: «ҳа – не», «тарафдор – муқобил», «бартарӣ – камбудӣ», «+» ва «-», «мусбат – манфӣ» ва ғайра.

Ин метод ба хонандагон барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад.

**Мақсадҳо:** ба хотир овардани маълумоти пештар омӯхташуда; мустаҳкам кардани донишҳои мавҷуда; муттаҳид гардонидани хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ; ташкил намудани мубоҳиса.

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

- хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед;
- аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали иборат аз ду сутун (ба монанди ҳарфи «Т»)-ро тасвир намоянд;
- дар сутуни аввал «ҳа» нависанд, дар сутуни дуюм «не»;
- якчанд андешаҳои дурусту нодурустро дар шакли рӯйхат дар лавҳаи синф нависед;
- аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақша онро ҷобаҷо гузоранд (бо андешаҳое, ки онҳо розианд, дар сутуни «ҳа» нависанд, бо андешаҳое, ки онҳо розӣ нестанд, дар сутуни «не» нависанд);
- барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо вақти муайян ҷудо карда шавад;
- баъди анҷоми вақт гурӯҳҳо ҷавобҳои худро муаррифӣ намоянд;
- ҷавобҳои гурӯҳҳо муҳокима карда шавад (махсусан, ҷавобҳои ба ҳам муқобили гурӯҳҳо).

**Намуна.**

1.Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст.
2.Мошинаҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМР)
3.Дар ҳамаи мошинаҳои ҷомашӯйи релеи вақт мавҷуд нест.
4.Махзани мошинаҳои ҷомашӯйии навъи СМ, СМР ва мошинаҳои дузарфаи нимавтоматӣ амудӣ ҷойгир шудааст.
5.Либосҳоро дар махзани либосшӯйӣ обгардон мекунанд.
6.Ба мошинаҳои автоматии ҷомашӯйии хокаҳо барои ҷомашӯйии дастӣ андохта мешавад.

| «Ҳа» | «Не» |
|---|---|
| Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст. | Мошинаҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМР) |
| Махзани мошинаҳои ҷомашӯйии навъи СМ, СМР ва мошинаҳои дузарфаи нимавтоматӣ амудӣ ҷойгир шудааст. | Дар ҳамаи мошинаҳои ҷомашӯйи релеи вақт мавҷуд нест. |
| Либосҳоро дар махзани либосшӯйӣ обгардон мекунанд. | Ба мошинаҳои автоматии ҷомашӯйӣ хокаҳо барои ҷомашӯйии дастӣ андохта мешаванд. |

**Дар натиҷа хонандагон:** дарсҳои гузаштаро ба хотир меоранд; донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд; дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд; бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Ин методро дар шакли бозӣ ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурӯҳе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд. Ҳангоми дар шакли бозӣ ё мусобиқа гузаронидани ин метод, хонандагони фаъолро ба гурӯҳҳо баробар тақсим намоед.

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Halthough |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мошинаи ҷомашӯйии барқӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Навъҳои истеҳсоли мошинаи ҷомашӯйии барқиро шарҳ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба автомати либосшӯйӣ иттилоъ дода, онро дар амал ба кор даровварда метавонад? | | | |
| Доир ба қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйӣ маълумот дода, дар амал риоя карда метавонад? | | | |
| Оид ба ҷои кории хонандагон маълумот дода, ҷойи корро дуруст ташкил карда метавонад? | | | |
| Мафҳумҳои фан: активатор, махзан, сентрифуга, устувонагӣ, навардча, релеи вақтро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад? | | | |

**Дарси 18**

**Мавзӯъ: Шиносоӣ бо дарзмол ва вазифаи он**

**Барнома:** Асбобҳои барқӣ. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи дарзмоли барқӣ. Навъҳои дарзмол. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Микдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи дарзмол маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад.
- Навъҳои дарзмол: тахтадарзмол, дарзмоли филизии ба обгирак монанд, дарзмоли плитагӣ, ангиштдарзмол, дарзмоли барқӣ, дарзмоли барқӣ бо танзимаи ҳарорат, дарзмоли барқӣ бо танзимаи ҳарорату буғдиҳакдор, прессдарзмоли автоматӣ маълумот дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Доир ба дарзмолкунӣ маълумот дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
- Оид ба қоидаҳои бехатарии кор бо дарзмол иттилоъ дода, дар амал риоя карда тавонад;
- Усулҳои гузаронидани амалиёти гармию намии маснуотро шарҳ дода, ҳангоми иҷрои кори амалӣ истифода бурда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Таъйиноти мошинаи ҷомашӯйии баркӣ аз чӣ иборат аст?
2.Кадом навъҳои мошинаҳои либосшӯйӣ истеҳсол мешаванд?
3.Мошинаи ҷомашӯйии баркӣ аз кадом қисмҳо иборат аст?
4.Оид ба раванди шустани либос маълумот диҳед.
5.Кадом қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйии баркиро медонед?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Доир ба вазифаи дарзмол, навъҳои дарзмол: тахтадарзмол, дарзмоли филизии ба обгирак монанд, дарзмоли плитагӣ, ангиштдарзмол, дарзмоли баркӣ, дарзмоли баркӣ бо танзимаи ҳарорат, дарзмоли баркӣ бо танзимаи ҳарорату буғдиҳакдор, прессдарзмоли автоматӣ, мафҳуми тамғаи УТ, УТП, УТПР, УТУ, дарзмолкунӣ, иқтидори дарзмолҳои баркӣ, талабот ба дарзмолкунӣ вобаста ба хосиятҳои матоъ, усулҳои гузаронидани амалиёти гармию намии маснуот маълумот дода мешавад.

Одамон аз қадимулайём ҳаракат мекарданд, ки либоси одии худро, ки он сохти сода дошт, баъд аз шустан аз ғиҷимшавӣ нигоҳ доранд. Онҳо ба ин мақсад чунин навъҳои дарзмоли ба мо маълум: тахтадарзмол, дарзмоли филизии ба обгирак монанд, дарзмоли плитагӣ, ангиштдарзмол, дарзмоли баркӣ, дарзмоли баркӣ бо танзимаи ҳарорат, дарзмоли баркӣ бо танзимаи ҳарорату буғдиҳакдор, прессдарзмоли автоматӣ ихтироъ намуданд.

Мувофиқи ГОСТ 307-81 корхонаҳо дарзмолҳои тамғаи УТ, УТП, УТПР, УТУ мебароранд.

Дарзмолкунӣ бо дарзмоли барқии дорои танзимаи ҳарорат ва буғдиҳак мувофиқ аст. Азбаски дараҷаи ба гармӣ тобоварии матоъҳо як хел нест, дарзмолро бо дараҷаҳои гуногун тафсонидан лозим аст. Дарзмолҳо аз рӯйи сохт ва усули гармкунияшон рӯйиплитагӣ ва баркӣ мешаванд. Дарзмолҳои рӯйиплитагии дастаашон ҷудошаванда ва доимиро дар рӯйи плитаи газ, плитаҳои баркӣ ва дигар асбобҳои гармкунанда метафсонанд. Дарзмолҳои баркӣ тавассути унсурҳои гармкунандаи баркӣ, ки дар дохили дарзмол ҷойгиранд, тафсонида мешаванд.

Дарзмолҳои баркӣ бо танзимаи ҳарорат, инчунин, бо танзими ҳарорату буғдиҳакдор истеҳсол карда мешаванд. Агар нишондиҳандаи танзимаи ҳарорат дар рӯйи абрешим истода бошад, он гоҳ ҳарорати дарзмол аз 115$^0$ С то 140$^0$ С, пашм аз 140$^0$С то 165$^0$Сва аз рӯйи матоъҳои катонӣ аз 190$^0$С то 230$^0$С тағйир меёбад. Дарзмолҳое, ки танзимаи ҳарорату буғдиҳак доранд, бо зарфи об ҷиҳозонида шудаанд.

**Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо дарзмоли баркӣ**

1.Бо дарзмоли баркӣ эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст.
2.Пеш аз кор изолятсияи симҳоро аз назар гузаронед.
3.Дарзмолро бо дасти хушк, аз танаи душоха дошта, ба шабакаи барқ пайваст ва аз он ҷудо кунед.

**Кор бо дарзмоли баркӣ:**

1. Дарзмоли ба барқ пайвастбударо беназорат нагузоред.
2. Бо дасти хушк пайваст ва аз барқ ҷудо намоед.
3. Ба тагмони махсус гузоред (мармарӣ, сафолӣ ва ғайра.).
4. Ба ҳолати дурусти кори дарзмол назорат намоед. Аз носозиҳои дарзмол бохабар гардида, ба омӯзгор хабар диҳед.
5. Назорат намоед, ки дарзмол ба симҳои он нарасад.
6. Дар вақти кор бо дарзмол аз гилемчаҳои резинӣ ё панҷараҳои чӯбин истифода баред.



***Техникаи бехатарии дарзмоли баркӣ***

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



***Навъҳои дарзмолҳои қадима***





*Навъҳои дарзмолҳои барқии муосир*




*Тарзи нигоҳубини дарзмоли барқӣ*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Навъҳои дарзмолро номбар кунед?

2.Фарқи байни дарзмоли плитагӣ аз барқӣ дар чист?

3.Вазифаи прессдарзмол аз чӣ иборат аст?

4.Якумин дарзмоли барқиро соли чанд ихтироъ кардаанд?

5.Дарзмолҳо аз рӯйи сохт ва усули гармкунияшон чанд хел мешаванд?

**5.Истифодаи усули кластери мураккаб**

Кластер усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масъалаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумоти иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

**Марҳалаи якум** – дар маркази тахтаи синф (ё варақи сафед) давра тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

**Марҳалаи дуюм** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд;

**Марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мафҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад, ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: **сода** ва **мураккаб.**

Кластери сода дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Савол: Дар бораи навъҳои дарзмол чӣ медонед?**

Дар бораи навъҳои дарзмол ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**Дар натиҷа хонандагон:** дар бораи мафҳум ё мушкилоти асосӣ амиқ андеша карда, донишҳояшонро доир ба он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Дар усули хӯша иртибот, пайвастагии мантиқӣ, пайдарпайии фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад. Усули хӯшаро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои гуногун танҳо аз рӯйи зарурат истифода бурдан мумкин аст.

**6.Кори амалӣ:** Тоза кардани стержени зидди зангзанӣ

**Таҷҳизот:** дарзмоли барқӣ, сирко, шарбати лимӯ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Марҳала:**

1.Омӯзгор доир ба тоза кардани дарзмоли барқӣ маълумот медиҳад: Дар баробари худтозакунӣ дар як моҳ як маротиба тоза кардани стержени зидди зангзанӣ ҳам маслиҳат дода мешавад.
2.Аз тарафи омӯзгор таъкид карда мешавад, ки эътимод ҳосил кунед, ки дарзмол кор карда истодааст ва дар дохилаш об нест.
3.Танзимкунандаи низоми кори асбобро дар болои нишонаи «self clean» гузошта, стержен дар ҳамин ҳолат каме бардошта мешавад.
4.Сарпӯши стержен кушода шавад;
5. Бо як даст онро дар ҳолати даҳонаш кушода дошта истода, бо дасти дигар стерженро гирифта лозим аст. (а)
6.Стерженро ба сиркои сафед ё шарбати лимӯ 4 соат гузошта шавад (б); 7.Сипас онро бо оби муқаррарӣ шустан лозим, вале ба нӯги сиёҳи он ангушт расиданаш мумкин нест.
8.Барои стерженро ба ҷояш дуруст гузоштан танзимкунандаи низоми кори асбобро дар болои нишонаи «self clean» гузошта, стержен эҳтиёткорона ба ҷояш гузошта шавад;
9.Сипас сарпӯшаш пӯшида шавад. Дар хотир доред, ки дарзмол бе асбоби зидди зангзанӣ кор намекунад.

***Эзоҳ: Хонандагон бояд донанд, ки танзимкунандаи низоми кориро баъд аз хомӯш шудани чарогак ба болои нишонаи «агto» гузоранд. Дарзмол бо асбоби бугдиҳии автоматӣ таҷҳизонда шудааст, ки он мувофиқи гармии интихобкардаатон буг медиҳад.***







***а) б)***

***Тарзи тоза кардани стержен***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Мошинаи ҷомашӯйии барқиро шарҳ дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Доир ба навъҳои истеҳсоли мошинаи ҷомашӯйии барқӣ маълумот дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Автомати либосшӯйиро шарҳ дода, онро дар амал ба кор дароварда метавонад? | | | |
| Қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯйиро шарҳ дода, дар амал риоя карда метавонад? | | | |
| Доир ба ҷойи кории хонандагон маълумот дода, ҷойи корро дуруст ташкил карда метавонад? | | | |

## Дарси 19
## Мавзӯъ: Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи дарздӯзӣ

**Барнома:** Асбобҳои барқӣ. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи дарздӯзӣ Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ. Талаботи санитарию беҳдоштӣ ва бехатарии меҳнат дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ. Ташкили ҷойи корӣ ва муносибатҳои эҳтиёткорона нисбати таҷҳизот ва асбобу афзорҳои мошинаи дарздӯзӣ. Усулҳои дӯхтани дарзҳои мошинӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Микдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Доир ба мошинаи дарздӯзӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад.
- Доир ба навъҳои мошинаҳои дарздӯзӣ: мошинаҳои таъйиноташон умумӣ ва махсус маълумот дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Оид ба таъйинот, сохт, вазифа ва намуди берунаи мошинаҳои дарздӯзӣ шарҳ дода, фарқ карда тавонад.
- Доир ба гурӯҳҳои чокҳои мошинаи дарздӯзӣ маълумот дода, дар амал гурӯҳҳои онҳоро фарқ карда тавонад.
- Доир ба талаботи асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор иттилоъ дода, барои худ мувофиқи талабот ҷоий дуруст ташкил карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу таҷҳизоти дӯзандагиро риоя карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Навъҳои дарзмолро номбар кунед.

2.Фарқи байни дарзмоли плитагӣ аз барқӣ дар чист?

3.Вазифаи прессдарзмол аз чӣ иборат аст?

4.Якумин дарзмоли барқиро соли чанд ихтироъ кардаанд?

5.Дарзмолҳо аз рӯйи сохт ва усули гармкунияшон чанд хел мешаванд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба мошинаи дарздӯзӣ гузаронида, оид ба вазифа ва сохти мошинаи дарздӯзӣ, намудҳои мошинаҳои дарздӯзӣ: мошинаҳои таъйиноташон умумӣ ва махсус, ҷиҳатҳои мусбати истифодаи мошинаҳои махсус ва нимавтоматӣ, фарқияти мошинаҳои дарздӯзӣ аз рӯйи таъйинот, сохт ва намуди берунӣ, гурӯҳҳои чокҳо вобаста ба намуди бофиши ресмонҳо, сохти мошинаи дарздӯзии навъи ОЗЛМ, сӯзан, ресмонкашак, забонаи дандонадор, фишордеҳак, талаботи асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор, қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ, амалҳои манъбуда ҳангоми кор бо мошинаи дарздӯзӣ шарҳ дода мешавад.

Мошинҳои дарздӯзӣ дар раванди тайёр кардани маҳсулоти дӯзандагӣ таҷҳизоти асосии технологӣ ҳисоб меёбанд. Онҳо якчанд навъ мешаванд: мошинаҳои таъйиноташон умумӣ ва махсус. Дар вақти истифодаи мошинаҳои махсус ва нимавтоматӣ сифати маснуоти тайёр баланд гашта, сарфи вақт якчанд маротиба коҳиш меёбад. Мошинаҳои дарздӯзӣ аз рӯйи таъйинот, сохт ва намуди берунаашон фарқ мекунанд.

Талаботҳои асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор

Барои дуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ чунин талаботҳоро бояд иҷро кард:

1.Қади хонанда 155...164; 165...174 см бошад.

2.Масофаи байни хонанда аз миз то курсии нишаст 28; 29; 30; 31 см бошад.

3.Дуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ барои саломатӣ ва осон гардидани кор мадад мерасонад.

4.Нодуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ боиси хасташавӣ ва паст шудани сифати кор мегардад.

5.Ангуштони даст дар рӯйи платформаи мошина ва оринҷ дар рӯйи миз бояд бошанд;

6.Дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ дуруст интихоб намудан ва тарзи гузаронидани ресмон аз сӯзан аҳамияти калон дорад, чунки аксар вақт носозиҳо ба ин амалиёт вобастагӣ доранд.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.





***Мошинаи дарздӯзии ОЗЛМ ва сохти кинематикии он***




*Навъҳои мошинаҳои дарздӯзии баркӣ*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Навъҳои мошинаҳои дарздӯзиро номбар кунед.

2.Вобаста ба навъи бофиши ресмонҳо чокҳоро ба чанд гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?

3.Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ кадом навъи чок бештар истифода бурда мешавад? Сабаб дар чист?

4.Талаботи асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор кадом аст.

5.Қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзиро шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи бозии «Кӣ мeёбад?»**

Бозии «Кӣ мeёбад?» барои инкишоф додани маҳорат ва малака, бодиққатӣ, мушоҳидкорӣ аҳамият дорад.

**Мақсадҳои бозӣ:** рушди маҳорат ва малака, бодиққатӣ, мушоҳидакорӣ дар хонандагон; рушд додани хотира ва тафаккури фазоии хонандагон; ба хонандагон омӯзонидани қисмҳои мошинаи дарздӯзӣ

**3.Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

1.Аз тарафи омӯзгор гурӯҳ ба 4 зергурӯҳ тақсим карда мешавад.

2.Ба ҳар як зергурӯҳ 1-тогӣ овезаи таълимӣ пешниҳод карда мешавад.

3.Дар овезаи таълимӣ қисмҳои мошинаи дарздӯзӣ бо рақам ишора шудааст.

4.Супориш дода мешавад, ки аз 3 рақамгузорӣ 1 рақами дурустро интихоб намуда, ба саволи додашуда мувофиқ ояд.

5.Аз тарафи омӯзгор барои иҷрои бозии мазкур ба гурӯҳҳо муҳлати муайян дода мешавад.

6.Вобаста ба ҷавоби додашудаи зергурӯҳҳо ғолиб муайян мешавад.

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?** Хонандагон мушоҳидакориро ёд мегиранд; тасаввуроти фазоии хонандагон ғанӣ мегардад; вазифаи қисмҳои мошинаи дарздӯзиро омӯхта, мешиносанд.

**1.Кадом қисми мошинаро даста меноманд?**




**2.Кадом қисм пахшкунаки ҳолати баргарданда (реверс) мебошад?**




**3.Кадом қисм ҳангоми шикастани сӯзан кори сӯзанро иҷро карда метавонад?**




**4.Танзимаи қадами дарз кадом аст?**



**6.Кори амалӣ:** Дарзи ҷудо-ҷудо

**Таҷҳизот:** қуттии корӣ, матоъ барои дарзи намунавӣ, қайчӣ.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат шуда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор доир ба намуди дарзи ҷудо-ҷудо шарҳ дода мешавад. Барои дӯхтани маснуоти матояш ғафсу дурушт, инчунин, барои зеб додани маснуот таъйин шудааст.

2.Порчаҳо бо дарзи одӣ тавассути мошинаи дарздӯзӣ дӯхта шавад.

3.Сипас, дарзро ба ду тараф ҷудо карда, дастӣ кӯк зада, бо мошина дӯхта шавад.

4.Масофаи байни дарзҳои одӣ ва дастӣ гуногун шуда метавонад.

5.Амалиёти намӣ ва гармӣ босифат ба ҷой оварда шавад.

6.Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор санҷиш доир ба баробарии порчаҳо, сифати чок, амалиёти намию гармӣ ба назар гирифта шавад.



***Дарзи ҷудо-ҷудо***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мошинаи дарздӯзӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Навъҳои мошинаҳои дарздӯзӣ: мошинаҳои таъйиноташон умумӣ ва махсусро шарҳ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Доир ба таъйинот, сохт, вазифа ва намуди берунаи мошинаҳои дарздӯзӣ маълумот дода, фарқ карда метавонад? | | | |
| Гурӯҳҳои чокҳои мошинаи дарздӯзиро шарҳ дода, дар амал гурӯҳҳои онҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор маълумот дода, барои худ муво-фиқи талабот ҷойи дуруст ташкил карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу таҷҳизоти дӯзандагиро риоя карда метавонад? | | | |

## Дарси 20

### Мавзӯъ: Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдор

**Барнома:** Навъҳои куртаҳои миллӣ. Асбобҳои андозагирӣ барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ. Хондани нақша. Иловагиҳое, ки ҳангоми сохтани он дар назар дошта шудааст. Формулаи ҳисоб барои сохтани нақша. Мураттабии кашидани нақша. Гирифтани андоза ва гирифтани он. Ҳисоби конструксия аз рӯйи формула.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи куртаи миллии занона маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад.
- Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдорро шарҳ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Оид ба навъҳои либосҳои гуногун: китфдор, камарбанддор, либоси таг маълумот дода, фарқ карда, вазифаҳои онҳоро муайян карда тавонад.
- Тарзи дурусти андозагириро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Бо маснуоти гуногун ғоя (идея)-ҳои навро эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Намудҳои мошинаҳои дарздӯзиро номбар кунед.

2.Вобаста ба намуди бофиши ресмонҳо чокҳоро ба чанд гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?

3.Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ кадом намуди чок бештар истифода бурда мешавад? Сабаб дар чист?

4.Оид ба талаботҳои асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор маълумот диҳед.

5.Оид ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ маълумот диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба куртаи миллии занона гузаронида, оид ба конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдор, навъҳои гуногуни либосҳо: китфдор, камарбанддор, либоси таг, хосият ва хусусиятҳои либосҳо, намудҳои куртаҳои миллии занона, тарзи андозагирӣ, иловаҳои доимӣ ва ченакҳо, тарзи дурусти кашидани нақшаи куртаи миллӣ, бузургии ҳақиқии андозаҳои андоми намунавӣ, бузургиҳои иловагӣ барои ба бадан часпидани камзӯлчаи пеш ва ақиб, иловаҳои вобаста ба дарз маълумот дода мешавад.

Аз рӯйи матоъ, шакли бурриш ва намуди либос ба хусусиятҳои миллӣ, фарҳанг ва дар кадом шароити иқлимӣ зиндагӣ кардани инсон ва ғайра баҳо додан мумкин аст. Либосҳо ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд: китфдор, камарбанддор, либоси таг в.ғ. Ҳар кадоми ин гурӯҳҳо аз якчанд маснуот иборат буда метавонад. Маснуоти китфдор: курта, хилъат, блузка, камзӯлчаҳои беостин, палто. Ба ҳар як либос талаботи муайян хос аст. Либос бояд озод, ба андом мувофиқ, шустан ва дарзмолу тоза карданаш осон, мустаҳкам

ва зебо, ороишаш замонавӣ, ба синну сол мувофиқ бошад, дақиқан бо намуди берунӣ ва сохти бадани инсон мутобиқат кунад.



***Навъҳои куртаҳои миллӣ***

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Навъҳои гуногуни либосро номбар кунед.

2.Либос бояд чӣ гуна бошад?

3.Ба маснуоти китфдор чиҳо дохил мешаванд?

4.Илова ба НЧСС аз чанд то чанд см.-ро ташкил медиҳад?

5.Оид ба тарзи андозагирӣ маълумот диҳед.

**5.Истифодаи бозии "Номи касбро ёбед»**

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

**Мақсадҳои бозӣ:** ғанӣ гардонидани тасаввуроти фазоии хонандагон; **м**устаҳкамкунии хотираи хонандагон; **т**арбия намудани хонандагон ба интихоби бошууронаи касбинтихобкунӣ; **т**арбияи мушоҳидакории хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба ягон навъи касб маълумот дода мешавад.

2. Баъди хондани маълумот хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

3. Дар вақти муайяншуда аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешавад.

**Намунаи истифодабарии бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1.Шахсе, ки сохтани тарҳи либоси нав, андозаю андомро гирифта, аз рӯйи ҷадвали андозаҳои намунавӣ нақшаҳои навро тартиб дода, тибқи он ангора месозад. Либосҳои амсилаи гуногунро тартиб дода метавонад. (Тарроҳ)

2.Шахсе, ки маснуотро аз рӯйи қолаб мебурад. Сифати матоъро мешиносад. Аз қабули матоъ то буридани матоъ ва то супориши маснуотро ба сехи дӯзандагӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои технологиро ба зиммаи худ гирифта, онро шарҳ дода метавонад. Васеъгӣ, дарозӣ ва нуқсони матоъро медонад (Буранда)

3.Шахсе, ки бо асбобҳои дӯзандагӣ сару кор дорад. Навъи мошинаи дарздӯзиро медонад. Аз рӯйи харитаи технологии маснуот кор карда, навъҳои дарзҳоро дар амал

иҷро карда метавонад. Ҷуссаҳои маснуотро дуруст пайваст мекунад. Маснуоти дӯхташударо ороиш медиҳад. (Дӯзанда)

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?**

- Интихоб намудани касби онҳо бошуурона мешавад;
- Оид ба касбҳои гуногун маълумоти пурра мегиранд;
- Таснифоти касбҳоро меомӯзанд.



*Навъҳои касбҳо*

**6.Кори амалӣ:** Андозагирӣ барои куртаи миллии гиребондор

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат шуда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** тасмаи ченакгирӣ, дафтари корӣ, қалам, ҷусса (маникен) барои андозагирӣ

**Марҳала:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои гирифтани андоза асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд.

2.Аз тарафи омӯзгор оид ба талаботи андозагирӣ чунин маълумот дода мешавад: андозаро бо ченактасма аз ҷусса бо либоси сабук мегиранд. Андоза бе гузориши ҳаққи чок гирифта мешавад. Андоза, дарозӣ, васеъгӣ ва гирди ҷуссаро мегиранд. Андозагириро аз тарафи рости ҷусса сар мекунанд. Дар вақти андозагирӣ рост (дастҳоро ба поён фароварда) истодан лозим аст, он гоҳ андоза дуруст меояд.

3.Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки андозаро аз маникени мактабӣ ё аз якдигар гирифта шаванд.

4.Баъди гирифтани андозагирӣ дар қисми андозагирӣ аз худи нақшаи дастурӣ навишта шавад.

5. Ҳангоми андозагирӣ аз худ як хонанда чен карда, хонандаи дигар натиҷаи онро дар дафтари корӣ менависад.

6. Ба ҳар як хонанда супориш дода мешавад, ки аз номгӯйи пурраи ченакҳо истифода бурда, андозагирӣ кунад.




***Тарзи андозагирӣ: 1.Нимченаки гардан; 2.Нимченаки сандуқи синаи 1-ум; 3.Нимченаки сандуқи синаи 2-юм; 4.Нимченаки миён; 5.Нимченаки рон; 6.Дарозии камзӯлчаи пеш; 7.Баландии камзӯлчаи пеш; 8.Васеии сандуқи сина; 9.Маркази сандуқи сина; 10.Дарозии тана; 11.Баландии камзӯлчаи ақиб; 12.Дарозии камзӯлчаи ақиб; 13.Васеъии тахтапушт; 14.Дарозии либос; 15.Дарозии китф; 16.Дарозии остин; 17.Гирди ҷойи аз ҳама васеи даст; 18.Гирди банди даст***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи куртаи миллии занона шарҳ дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдорро шарҳ дода, вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи навъҳои либосҳои гуногун: китфдор, камарбанддор, либоси таг иттилоъ дода, фарқ карда, вазифаҳои онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба тарзи дурусти андозагирӣ маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғоя (идея)-ҳои навро эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |

## Дарси 21
## Мавзӯъ: Амсиласозии остин ва гиребон

**Барнома:** Мураттаб сохтани амсилаи қисми куртаи миллӣ, остин ва гиребон. Амсиласозии маснуот. Интихоби тарҳи маснуот.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи амсиласозӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда тавонад.
- Оид ба интихоби матоъ ва такмили амсила иттилоъ дода тавонад.
- Кашидани нақшаи намудҳои гиребонро шарҳ дода, қолаби онро дар амал сохта тавонад.
- Оид ба сохтани нақшаи гиребони фигуравӣ ва гиребони фантазия (тахайюл) маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Доир ба амсиласозии остин ва гиребон маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад;
- Бо маснуоти гуногун ғояҳои навро эҷод намояд ва онро шарҳ диҳад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат намоед:

1.Навъҳои гуногуни либосро номбар кунед?

2.Либос бояд чӣ гуна бошад?

3.Ба маснуоти китфдор чиҳо дохил мешаванд?

4.Илова ба НЧСС аз чанд то чанд сантиметрро ташкил медиҳад?

5.Оид ба тарзи андозагирӣ маълумот диҳед?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба амсиласозии остин ва гиребон гузаронида, доир ба амсиласозӣ, интихоби матоъ ва такмили амсила, дуруст интихоб кардани шаклҳои ҷузъиёти либос, мувофиқатии хатҳои уфуқию амудӣ, оид ба касби амсиласоз, нақши асосии равиши хатҳо, қисмҳои асосии хатҳои одами миёнаандом: қисми болоӣ ва поёнӣ, кашидани нақшаи навъҳои гиребон ва сохтани қолаби он, пайдоиши либосҳои гиребондор, сохтани нақшаи гиребони одӣ, гиребони фигуравӣ, гиребони фантазия (тахайюл), таърихи либосҳои остиндор, амсиласозии остинҳо, намудҳои остин: фонусшакл, пар-пар, қанотак, остини дарози ба поён васеъшудаи манжетдор, сохтани остинҳои гуногун, маълумот дода мешавад.

Амсиласозӣ давоми такмили тарҳи либос мебошад. Такмил ва интихоби модел дар лоиҳаи умумии маснуот нишон дода мешавад. Интихоби матоъ ва такмили амсила ба санъати амсиласозӣ, дуруст интихоб кардани шаклҳои ҷузъиёти либос, мувофиқатии хатҳои уфуқию амудӣ асос меёбад.

Амсиласозӣ кори мушкил буда, аз амсиласоз оид ба хосияти наххо, матоъҳо тарзи дӯхтан, нақшакашӣ ва рассомӣ дониши амиқ доштанро талаб мекунад. Дар вақти омӯхтани сохтану қолаб бо ҷузъҳо ва хатҳои он хуб шинос шудан лозим аст. Ҳангоми интихоби шакл (фасон) нақши асосиро равиши хатҳо мебозад. Аз рӯйи ин хатҳо тарҳи ороиши бадеии либос ҷудо мешавад ва он шакли дилхоҳро ба худ мегирад. Хатҳои одами миёнаандомро ба ду қисми асосӣ ҷудо мекунанд: болоӣ ва поёнӣ.

Либосҳои халқҳои қадим: мисриён, форсҳо, римиҳо, юнониҳо, зардуштиён остин надоштанд. Он баъддар пайдо шудааст. Ба либосҳои асримиёнагии аврупоӣ остин аз Византия омадааст, онҳо шаклҳои гуногун доштанд.

Дар замони мо намудҳои гуногуни остинро истифода мебаранд, ки буриши онҳо ба либос шинам ва зебо меафтад: остини кӯтоҳ ва дароз, остини одӣ, яклухт, фонусшакл, манжетдор, пар-пар, қанотак ва ғайраҳо.

Амсиласозии остинҳо. Аз рӯйи қолаби остини одию тайёр бо роҳи амсиласозӣ остинҳои шаклашон гуногунро сохтан мумкин аст. Ҳамин асосро барқад мебурем, ки масофаи байни буришҳо ба интихоби шакли остин вобаста аст.

Аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.





*Навъҳои остин*



*Навъҳои гиребон*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Амсиласозӣ гуфта чиро мефаҳмед?

2.Интихоби матоъ ва такмили амсила ба чӣ асос меёбад?

3.Оид ба кашидани нақшаи намудҳои гиребон ва сохтани қолабҳои он маълумот диҳед.

4.Фарқи байни нақшаи фигуравӣ аз нақшаи гиребони фантазия дар чист?

5.Амсиласозии бадеии остинро шарҳ диҳед.

6.Кадом навъҳои остинро медонед?

**5.Истифодаи бозии “Викторина”**

Дар ҳамаи 4 калимаи пешниҳодшуда ҳарфи “А” мавҷуд мебошад. Аз муайянкунандаҳо истифода бурда, калимаро ёбед ва ба катакҳои холӣ ҳарфҳои боқимондаро бояд хонандагон нависанд.

**Намуна:Навъҳои остинро ёбед.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **А** | | **-** | | **А** | | | |
| | **А** | | | | **А** | | | |
| | **А** | | | | | | | |
| | | | | | | **А** | | |

**6.Кори амалӣ:** Сохтани қолаби остини қанотак

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат шуда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот: қоғаз, ва қоғази ранга, қайчӣ, ҷадвал, ченактасма, қолаби остини одӣ, қалами одӣ ё ранга, фломастер**

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро барои иҷрои кори амалӣ омода созанд.

2.Баъдан супориш дода мешавад, ки қолаби остини одиро омода намоянд.

3.Барои сохтани қолаби остини қанотак супориш дода мешавад, ки қолаби асосӣ ба 5 ё 7 қисм ҷудо карда шавад.

4.Масофаи байни буришҳо аз 3 то 4 см мебошад.

5.Ба варақаи корӣ қисми омода намудаи қолиб бо ширеш часпонида шавад.

6.Қуллаи асосиро бо даст дошта, қисми поёнии остин камтар васеъ карда шавад.

7.Гирди остини қанотак бо қалами ранга ё фломастер гирддавон карда, аз рӯйи он қолаби тайёршуда бурида мешавад.

8.Кори иҷрошуда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.



**а) б)**

***Қолаби остини қанотак: а) қолаби омодашуда; б) қолаби тайёр***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи амсиласозӣ маълумот дода, вазифаи онро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба интихоби матоъ ва такмили амсила иттилоъ дода метавонад? | | | |
| Оид ба кашидани нақшаи навъҳои гиребон маълумот дода, қолаби онро дар амал сохта метавонад? | | | |
| Сохтани нақшаи гиребони фигуравӣ ва гиребони фантазияро (тахайюл) шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Амсиласозии остин ва гиребонро шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Бо маснуоти гуногун ғояҳои навро эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |

## Дарси 22
## Мавзӯъ: Технологияи тайёр кардани либос ва кор дар паси мошинаи дарздӯзии баркӣ

**Барнома:** Тайёр кардани матоъ барои поракунӣ. Мураттабии пора кардани матоъ. Сарфакорона пора кардани матоъ. Талаботи санитарию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад;

- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи технологияи тайёр кардани либос маълумот дода, мошинаи дарздӯзии барқиро дар амал истифода бурда тавонад.
- Оид ба дар рӯйи матоъ гузоштани онҳоро дар амал иҷро карда тавонад.
- Камбудӣ ва нуқсонҳои матоъро шарҳ дода, камбудӣ ва нуқсони матоъро муайян карда тавонад.
- Асбобҳои заруриро дар вақти дӯхтани матоъ шарҳ дода, бо аонҳоро кор карда тавонад.
- Оид ба технологияи тайёр кардани гиребон маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Бо маснуотҳои гуногун ғоя (идея)-ҳои навро эҷод намояд ва онро шарҳ диҳад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Амсиласозӣ гуфта чиро мефаҳмед?

2.Интихоби матоъ ва такмили амсила ба чӣ асос меёбад?

3.Кашидани нақшаи намудҳои гиребон ва сохтани қолабҳои онро шарҳ диҳед.

4.Фарқи байни нақшаи фигуравӣ аз нақшаи гиребони фантазия дар чист?

5.Амсиласозии бадеии остинро шарҳ диҳед.

6.Кадом навъҳои остинро медонед?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба технологияи тайёр кардани либос ва кор дар паси мошинаи дарздӯзии барқӣ гузаронида, дар бораи дарёфтҳои камбудӣ ва нуқсонҳои матоъ, ба рӯйи матоъ гузоштани қолабҳо, дӯхтани маснуот, омодагардонии ҷойи кор, ҷойгиршавии асбобу мошинҳо, тартиби иҷрои кор, асбобҳои зарурӣ дар вақти дӯхтани матоъ, технологияи тайёр кардани гиребон, тарзи тайёр кардани гиребон, часпонидани гиребони рост, таҳияи гиребони одӣ ва ба камзӯлча пайваст кардани он, таҳияи танаи куртаи миллӣ маълумот дода мешавад.

Пеш аз буридани матоъ хонанда бояд дар бораи хусусияти матоъ ё наххо дониши васеъ дошта бошад. Дар вақти интихоби матоъ ба камбудӣ ва нуқсонҳои матоъ аҳамият додан лозим аст, то ки онҳо дар вақти буридан ба ҷойи асосии маснуот наоянд. Дар вақти буридан васеъгӣ ва бари матоъро ба назар гирифта, барои сарфакорона буридан ба ҷойҳои гул аҳамият додан лозим аст.

Ба рӯйи матоъ гузоштани қолабҳо. Матои пахтагӣ ва абрешимиро ба тарафи чапааш гузошта, аз рӯйи нахи баракӣ ду милкашро росту дуқат мекунанд, баъд милкҳояшро сӯзанак мезананд. Ба рӯйи тамоми матоъ ҳамаи қисмҳои қолаб, яъне аввал қисмҳои калон, баъд қисмҳои хурдро мегузоранд. Дар айни замон кӯшиш кардан лозим аст, ки наххои барқади матоъ ва қолаб ба ҳам мувофиқ оянд. Барои ин бо ченактасма ё хаткашак масофаи аз милки матоъ то нахи барқад ишораёфтаи қолабро чен мекунанд. Агар матоъ гулдор ё патдор бошад, он гоҳ ба равиши пати матоъ ва гул аҳамият дода мебуранд.

Дӯхтани маснуот. Барои дӯхтани маснуот аввал омодагардонии ҷойи кор, ҷойгиршавии асбобу мошинҳо ва тартиби иҷрои корро ба назар гирифтан лозим аст, то ки маснуоти дӯхташаванда хушсифат барояд. Агар дар вақти кор норасоиҳо пайдо шаванд, дар он сурат технологияи тартиби иҷрои корро иваз кардан мумкин аст.

Асбобҳои зарурӣ дар вақти дӯхтани матоъ. Баъд аз интихоби матоъ, шакли курта ва буридани он ба дӯхтан сар карда мешавад. Дар вақти дӯхтан асбобҳои зарурӣ бояд дар ҳолати дуруст бошанд. Мошинаи дарздӯзиро дар вақташ равған ва тоза карда истодан лозим аст. Агар мошинаи дарздӯзӣ дуруст бошад, он ҳатман ором, бе овоз медӯзад. Сӯзанҳоро вобаста ба ғафсии матоъ иваз кардан лозим аст, бояд онҳо доим тез бошанд. Агар сӯзан кунд бошад, ресмони матоъро меканад.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Технологияи тайёр кардани либосро шарҳ диҳед.

2.Раванди ба рӯйи матоъ гузоштани қолабҳоро шарҳ диҳед.

3.Дар вақти дӯхтан кадом навъи асбобҳо зарур мебошанд?

4.Оид ба технологияи тайёр кардани гиребон ва часпонидани гиребони рост маълумоти мухтасар диҳед.

5.Қисмҳои камзӯлчаро чӣ гуна пайваст мекунанд?

**5.Истифодаи усули "ММД"**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал кардани масъалаи нав ёрӣ мерасонад. Ин усул барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад

**Мақсадҳо:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1.Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.

2.Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, дар сутуни якум менависанд.

3.Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.

4.Пас аз хондани матн ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.

5.Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.

6.Сипас сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст: "Медонам", "Донистан мехоҳам", "Донистам".




**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Технологияи тайёр кардани гиребон | Раванди часпонидани гиребони рост | Гиребони тайёр ва зергиребонро ба тарафи чаппаи маснуот гузошта, нӯгҳои гиребонро ба нӯги ангула рост карда, ба гардан дастӣ медӯзанд. Сипас 0,7 см монда, ба гардана гиребонро дарзи мошинӣ зада мечаспонанд. Гиребони болоро 0,7 см ба дарун қат намуда, аз ҷойи қатшавӣ дастӣ кӯк зада, баъд бо мошин медӯзанд. Ҳангоми ба тарзи дастӣ кӯк задани ҷойи қатшуда бояд болои дарзи мошиниро пӯшанд. |

**Дар натиҷа хонандагон:** аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд; ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд; донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд**;** мулоҳизаҳои худро баён мекунанд**;** бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**6.Кори амалӣ:** Гузоштани қолаб ба рӯйи матоъ ва таҳияи гиребони одӣ ба камзӯлча пайваст кардани он

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шаванд.

**Таҷҳизот:** қолаб, бӯри дӯзандагӣ, сӯзанак, қайчӣ, матоъ, ченактасма

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки асбоб, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ омода карда шавад.

2.Нуқсонҳои матоъ бояд аз тарафи омӯзгор ва хонанда аз назар гузаронида шавад.

3.Қоидаҳои қолабгузориро риоя карда, ҳамаи ҷузъҳои курта ба рӯйи матоъ гузошта шавад.

4.Равиши сӯзанҳоро ба як тараф намуда, қолаб ва матоъ бо сӯзанак маҳкам карда шавад.

5.Гирдогирди қолаб ва ҷойҳои дахлдори дигар барои ҳиссаи чок 1,5 см монда шавад.

6.Бо қайчӣ қолаби ҷузъҳои курта пайдарҳам бурида шавад.

7.Ҳангоми буридан қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ риоя карда шавад.

8.Аз тарафи омӯзгор назорат оид ба муайян кардани миёнаҷойи қисми пеш ва ақиби камзӯлча, қисми болоии танаи пешу ақиб ва миёнаҷойи гиребон, баландии қуллаи остинҳо, гузоштани нишонаи хурди секунҷамонанд ва сифати буридани он, бурда мешавад.



*Тарзи гузоштани қолаб ба матоъ*

9.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки қисмҳои буридаро гирифта, қисми гиребон, камзӯлчаи пеш ва ақиброомода намоянд.

10.Қоидаи пайваст кардани камзӯлчаи пеш ва ақиб, ба он часпонидани тавқро риоя карда, камзӯлчаҳо пайваст карда шаванд.

11.Гиребонро барқад аз миёнаҷояш қат карда, тарафи рости матоъро ба дарун гирифта, буришҳоро дуруст намуда, бо чоки васегиаш 0,5-0,7 см дӯхта шавад.

12.Кунҷҳояшро бурида, гиребонро ба тарафи роста гардонида, кунҷҳояшро дуруст карда, аз гирди гиребон (аз тарафи гиребон) дастӣ кӯк карда мешавад.

13.Гиребонро дар мобайни камзӯлчаи асосӣ ва тавқ ниҳода, секунҷаҳоро болои ҳам монда, чоки китфро низ рӯйи ҳам гузошта, дастӣ кӯк зада, баъд бо чоки васеъгиаш 0,5-0,7 см бо мошин дӯхта шавад.

14.Аз тарафи омӯзгор мутаносиби чоки китфу кунҷҳои гиребон санҷида шавад.

15.Буриши кунҷҳои изофаи камзӯлчаҳоро қайчӣ зада, рӯйгардон карда, бо кӯки дастӣ гирди камзӯлча дӯхта шавад.

16.Ҳамаи қисмҳои пайвастшударо ҳамвор бояд кард, то ҷузъҳои камзӯлчаҳо дарозу кӯтоҳ нашаванд, бо чоки 0,7 см канори буришро дӯхта, дарзмол карда шавад.

17.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст гузоштани қолаб ба рӯйи матоъ, гузаронидани хатҳои ёрирасон ва ҳошурӣ (штрих) ва дуруст гузаронидани хатҳои асосӣ, дуруст ва зебо будани чокҳои дастӣ ва мошинӣ, мувофиқ омадани ҷойи китф ва гиребон, санҷиш гузаронида, баҳогузорӣ карда мешавад.



***Таҳияи гиребони одӣ ба камзӯлча пайваст кардани он***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи тайёр кардани либос маълумот дода, мошинаи дарздӯзии барқиро дар амал истифода бурда метавонад? | | | |
| Оид ба дар рӯйи матоъ гузоштани қолабҳо маълумот дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба камбудӣ ва нуқсонҳои матоъ маълумот дода, онҳоро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба асбобҳои зарурӣ дар вақти дӯхтани матоъ маълумот дода, бо асбобҳои зарурӣ кор карда метавонад? | | | |
| Оид ба технологияи тайёр кардани гиребон маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои навро | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 23

**Мавзӯъ: Қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии барқӣ**

**Барнома:** Пайдарпай тайёр кардани қисмҳои куртаи миллӣ барои дӯхтан. Тартиби дӯхтани танаи маснуот дар мошинаи дарздӯзӣ. Талабот ба сифати маҳсулот. Талаботи санитарию беҳдоштӣ ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошини дарздӯзии барқӣ маълумот дода тавонад.
- Оид ба чоки одӣ маълумот дода, онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба ёфтани нуқсонҳои маснуоти китфдор маълумот дода, камбудӣ ва нуқсони остинро муайян карда тавонад.
- Оид ба намудҳои ислоҳи нуқсонҳои маснуоти китфдор маълумот дода, онро дар амал ичро карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Бо маснуотҳои гуногун ғоя (идея)-ҳои навро эҷод намояд ва онро шарҳ диҳад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба технологияи тайёр кардани либос маълумот диҳед?

2.Раванди ба рӯйи матоъ гузоштани қолабҳоро шарҳ диҳед?

3.Дар вақти дӯхтан кадом навъи асбобҳо зарур мебошанд?

4.Оид ба технологияи тайёр кардани гиребон ва часпонидани гиребони рост маълумоти мухтасар диҳед?

5.Қисмҳои камзӯлчаро чӣ гуна пайваст мекунанд?

Пиромуни саволҳо каме андешаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии барқӣ гузаронида, доир ба чоки одӣ мақсади дӯхти дастии матоъ, коркарди намию гармии маснуот, ташкили ҷойи махсус барои дарзмолкунӣ, ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор, санҷиши ченкунии якум, ёфтани нуқсонҳои маснуоти китфдор дар вақти часпонидани камзӯлчаҳо ва навъҳои ислоҳи он маълумот дода мешавад.

Чоки одӣ гуфта, пайвасти ду қисми ҷузъҳои болои ҳам гузоштаро меноманд. Дар ин маврид васеии чокро 1,5 см монда дӯхтан лозим аст.

Дӯхти дастӣ матоъро аз титшавӣ нигоҳ медорад. Дӯхти дастиро бо сӯзану дарзи кӯтоҳ иҷро бояд кард. Дар вақти дӯхтани ҷузъҳо дарзи пайвастаро истифода бурда, бо ин роҳ пайвасти мустаҳками дарзро ҳосил мекунанд. Канори ду буришро рӯйи ҳам гузошта, аз тарафи чаппааш медӯзанд. Баъд буриши муайяни матоъҳоро сахт мекашанд, то ки канори онҳо бо ҳам баробар ояд. Дарз аз тарафи ростаи маснуот ноаён аст. Чокҳои курта бояд ҳам аз тарафи роста ва ҳам аз тарафи чаппа зебо бошанд.

Канори чокҳоро баъд аз дуруст буридан бо дарзи канорӣ медӯзанд. Дарзи канориро дастӣ ё тавассути мошинаи дарздӯзӣ бо ресмони абрешимию ҳамранги матоъ медӯзанд. Чоки дарз ҳар қадар хурд бошад, таҳияи канори чок ҳамон қадар зебо мешавад. Дар ин маврид ба таъмини механикии чок аҳамият додан лозим аст.

Санҷиши ченкунии якум. Дар асnои ченкунӣ дуруст ҷойгир шудани камзӯлчаҳои қисми пешу ақиб ва танаро ба назар мегиранд. Бо ин мақсад ин либосро пӯшида, барои дарозии китфро муайян кардан бӯр мекашанд ё сӯзанак мезананд ва ҳолати дурусти дарзҳои либосро ба назар мегиранд. Ба васеӣ, тангӣ, каҷӣ ё ростии дарзҳои паҳлуӣ, инчунин, чӣ гуна будани дарзҳои китф ва ғайра аҳамият додан лозим аст.



***Навъҳои пайвасти камзӯлчаи ақиб ба тана***

Трикотаж калимаи франсавӣ буда, маънояш матоест, ки бо ёрии мошин бофта шудааст.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Чоки одӣ чист?

2.Дӯхти дастӣ матоъро аз чӣ нигоҳ медорад?

3.Ҳангоми таҳияи маснуоти матоаш нафис кадом амалиёт гузаронида мешавад?

4.Ҳангоми маснуоти аз матои трикотажии ғафс дӯхташуда канори чокро чӣ гуна медӯзанд?

5.Раванди ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондорро шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи усули “Ангезиши зеҳн”**

Усули “Ангезиши зеҳн” (*ӣқain stoқming* – ҳуҷуми ақлӣ) аз ҷониби Алекс Осборн (ИМА) дар солҳои 40-уми асри 20 пешниҳод шуда, ҳамчун методи барангехтани андешаҳо хеле машҳур гаштааст. Ангезиши зеҳн бештар дар марҳалаи водорнамоӣ истифода бурда мешавад. Он бо мақсади бахотироварӣ ва фаъолгардонии донишҳое, ки хонандагон пештар доштанд ва барои бедор намудани шавқу ҳавас доир ба қабули ахбори нав, ташкили ваҷҳҳо барои фаъолияти дар пешистода истифода бурда мешавад. Ангезиши зеҳн аз гузориши саволи проблемавӣ сар мешавад ва ақидаҳо дар чорчӯбаи вақти муайян муҳокима карда мешавад: фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ.

Дар методи “Ангезиши зеҳн” масъала ё саволҳои кушода гузошта мешаванд, ки чанд ҷавоби имконпазир дошта, барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ё вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намояд, на барои муҳокима.

**Мақсадҳои асосӣ**: гирдоварии андешаҳо; фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни дарс; ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ.

Самаранок гузаронидани ин усул аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1.Интихоби масъалаи кушода/саволҳое, ки чанд ҷавоби имконпазир доранд; 2.Риояи қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн.

**Марҳала ва қоидаҳои ангезиши зеҳн:**

1.Савол/масъаларо ба хонандагон пешниҳод кунед.

2.Аз онҳо хоҳиш намоед, ки оид ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда фикру ақидаҳои худро иброз доранд.

3.Фикру ақидаҳои пешниҳодшударо нависед.

4.Хоҳиш намоед, ки ақидаҳои худро баён кунанд.

**Намуна: Савол**: *«Ба фикри Шумо нуқсон дар пайвасти камзӯлча ба тана аз кадом сабаб пайдо шуданаш мумкин аст?»*

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *кӯндаланг ва барқад набудани матоъ;*
- *дуруст набуридани қолаб;*
- *тарзи нодуруст муайян кардани ҷойи буриши моилии гиребон;*
- *маҳкам накардани қолаб ба матоъ бо сӯзанак ва ғайра.*

Ин ақидаҳо бе ягон шарҳ дар тахтаи синф ё дар қоғаз навишта мешаванд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо танқид карда нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ алоқаманд намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Дар натиҷа хонандагон:** фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд; донишҳои худро ба хотир меоранд; дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд**;** андешаҳои якдигарро муқоиса мекунанд ва ғайра.

**Тавсия ба омӯзгор:** Вазифаи ин баҳсу муҳокима кардан сари як масъала нест. Барои ин усул вақти зиёд сарф накунед, тақрибан 5 – 7 дақиқа кифоя аст.

**6.Кори амалӣ:** Таҳияи танаи куртаи миллӣ ва ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат шуда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** мошинаи дарздӯзӣ, ҷузъҳои курта ва қуттии корӣ

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Супориш дода мешавад, ки қисмҳои буридашудаи тана омода карда шавад.

3. Паҳлуи танаи куртаро ба чоки васеъиаш 1–1,5 см дастӣ дӯхта, баъд бо мошинаи дарздӯзӣ бахия зада шавад.

4.Чоки танаи курта ба ду тараф кушода, дарзмол карда шавад.

5.Ба буриши болоии танаи курта 2 чоки мувозӣ, чоки якумро 1 см ва чоки дуюмро 0,5 см монда дӯхта, мутаносибан ба нишонаи секунҷа чину бурмаҳо баробар тақсим карда шавад.

6.Ду ресмони чоки мувозӣ барои ҳосил намудани чин-чин якбор кашида шавад.

7.Буриши поёни курта бе қаткунӣ ва ба манзури санҷиш бо захми калон дӯхта шавад.

8.Баъди коркарди якуми танаи куртаи миллӣ ба коркарди дуюм гузашта шавад.

9.Ҳамаи қоидаҳои часпонидани камзӯлчаҳои пеш ва ақибро ба эътибор гирифта, он ба танаи курта пайваст карда шавад.

10.Баъд аз омода шудани пайвасти камзӯлчаи куртаи миллӣ ба танаи куртаи миллӣ аз тарафи хонанда бо роҳбарии омӯзгор санҷиши якум гузаронида шуда, нуқсонҳои маснуот дарёфт карда мешавад.

11.Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст дӯхтани дарзҳо, дуруст кушодан ва дарзмол кардани чокҳо, дуруст ҳосил кардани чинҳо, як хел тақсим намудани чинҳои тана, мувофиқ будани ду ҷузъи тана санҷиш гузаронида шавад.



***Таҳияи танаи куртаи миллӣ ва ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии барқиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба чоки одӣ маълумот дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба ёфтани нуқсонҳои маснуоти китфдор маълумот дода, камбудӣ ва нуқсони остинро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба намудҳои ислоҳи нуқсонҳои маснуоти китфдор маълумот дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои навро эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 24
## Мавзӯъ: Таҳияи остин

**Барнома:** Коркарди остин. Тартиби дӯхт ва дӯхтани остинҳо. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маҳсулот. Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи таҳияи остин маълумот дода тавонад.
- Оид ба остини манжетдор маълумот дода, тарзи тайёр кардани чинҳои остини манжетдорро дар амал иҷро карда тавонад.

- Тарзи дурусти часпонидани манжетро шарҳ дода, камбудӣ ва нуқсони онро муайян карда тавонад.
- Тарзи дӯхтани манжетро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Бо маснуоти гуногун ғояҳои навро эҷод намояд ва онро шарҳ диҳад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Чоки одӣ чист?

2.Дӯхти дастӣ матоъро аз чӣ нигоҳ медорад?

3.Ҳангоми таҳияи маснуоти матояш нафис кадом амалиёт гузаронида мешавад?

4.Ҳангоми маснуоти аз матои трикотажии ғафс дӯхташуда канори чокро чӣ гуна медӯзанд?

5.Раванди ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондорро шарҳ диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба қоидаҳои таҳияи остин гузаронида, тайёр кардани чинҳои остини манжетдор, ба остин часпонидани манжет, ба ҷойи моилӣ ва тана пайваст кардани остин, дӯхтани манжети остини кӯтоҳ, нуқсонҳои асосии таҳияи остин ва усулҳои бартарафкунии он, ёфтани нуқсони маснуоти китфдор дар вақти пайвасткунии остин ва роҳҳои ислоҳи он шарҳ дода мешавад.

Пеш аз он ки остини буридаро ба дӯхтан сар кунем, аввал остинро кушода, ба бари он дар баландтарин қулла нишонаҳо гузошта, баъд бо мақсади дӯхтан онро ба қисми моилии остинҷой пайваст мекунанд. Аз қуллаи остин бо ченактасма 11 см ва барои пеши остин 11,5 см чен карда нуқтаҳо мегузорем.

Аз қуллаи остин ба тамоми ҷойи моилии он аввал дастӣ дарзи дуқатораи мувозӣ зада, баъд онро бо мошини дарздӯзӣ медӯзем. Баъд онро чин-чин карда, остинро мегузорем ва бо сӯзанак маҳкам мекунем, бари дӯхти санҷиширо аз рӯйи хати нишона ва нуқтаи санҷишӣ муайян карда, баъд ҷузъҳои остинро мечаспонем. Пас аз дӯхтани чинҳои баландии қуллаи остин ва саропои он санҷиши якумро ба амал мебарорем. Нуқсонҳои дар вақти санҷиш пайдошударо ислоҳ бояд кард.

Остинҳои дароз ё манжетдор дар куртаи занона, одатан, назар ба худи курта тезтар хӯрда мешаванд. Барои таъмир баъзан чаппа кардани нӯги остин кифоя аст. Агар онро чаппа кардан номумкин бошад, пас нӯги остинро дигар кардан лозим меояд. Агар нӯги остин одии тугмадор бошад, лаби хӯрдашудаи онро ба дарозии тамоми нӯги остин бо эҳтиёт бурида, бари навро ба дарун қат карда, кӯк мезананд. Баъд нӯги онро ду раҳ, аввал аз канораш, баъд 0,5 см фосила гузошта медӯзанд. Агар нӯги остин тамоман аз кор баромада бошад, онро канда, аз боқимондаи матоъ ё бари курта мувофиқи андозаи нӯги остини кӯҳна нӯги остини нав дӯхта мешинонанд.

Нӯги остини дуқабатаи бандакдор, одатан, аз ҷойи қатшавӣ хӯрда мешавад. Дар ин маврид нӯги остинро канда, аз сари нав номаълумакак чаппагардон карда медӯзанду баъди дарзмол кардан ҷояш мешинонанд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



*Навъҳои буришҳои остин*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Доир ба таҳияи остин маълумоти мухтасар диҳед.

2.Раванди тайёр кардани чинҳои остини манжетдорро шарҳ диҳед.

3.Манжетро чӣ гуна ба остин мечаспонанд?

4.Раванди дӯхтани манжети остини кӯтоҳ чӣ гуна сурат мегирад?

5.Баъди ёфтани нуқсони маснуоти китфдор дар вақти пайвасткунии остин чӣ гуна ислоҳ карда мешавад?

**5.Истифодаи бозии "Нуқсонро ёбед"**

Аз тарафи омӯзгор овеза оид ба тарзи пайвастани остин бо нуқсонҳо намоиш дода мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки сабабҳои пайдоиши нуқсон ҳангоми часпонидани остин дарёфт карда, усулҳои бартарафкунии нуқсонҳо шарҳ дода шавад.

Намуна: Характери нуқсон: қати изофагию каҷи тарафи пеш;

Сабаби пайдоиш: миёнаҷои қуллаи китфро аз ҷояш гирифта, ба пеш дӯхтаанд.

Усулҳои бартарафкунӣ: қуллаи китфро ба тарафи ақиб гирифта, нуқсонро ислоҳ мекунанд.



*Нуқсонҳои асосии таҳияи остин*

**6.Кори амалӣ:** Пайваст кардани остин ба тана

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда,ва аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қисмҳои куртаи миллӣ, мошини дарздӯзӣ, дарзмол, қуттии корӣ

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор барои омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Аз буриши қуллаи остин барои ҳосил кардани чинҳо бо мошинаи дарздӯзӣ ду қатор дарзи кӯкҳояш калон (васеъгии дарзи якум аз канори буридашуда 1 см ва дарзи дуюм 0,7 см аст)-ро дӯхта шавад.

3.Дар ин маврид тарзи часпонидани остинро ба назар гирифта, остини тарафиросташ рӯ ба боло бошаду курта тарафи чаппаш бошад;

4.Остин ба ҷойи моилӣ тарзе гузаронида мешавад, ки қуллаи китф ба ҷойи чоки китфҳо мувофиқ ояд.

5.Баъд аз нуқтаи санҷиш ба поён бо ду сӯзанак ба тарафи пешу моилии остин 11,5 см гузошта, ба ақиб боз бо ду сӯзанак онро ба қуллаи китф пайваст карда шавад.

6.Остинро якбора чин-чин карда, бо чоки васеъгиаш 1 – 1,5 см ба ҷойи моилӣ кӯк зада шавад;

7.Ҳангоми кӯкзанӣ нуқтаҳои санҷишӣ бояд ба ҳам мувофиқ оянд.

8.Баъд сӯзанакҳоро паси ҳам аз матоъ гирифта, кӯкзанӣ давом дода шавад.

9.Аз тарафи хонандагон бо роҳбарии омӯзгор оид ба: тақсими якхелаи чинҳо, дуруст будани чокҳо, рӯ ба рӯ будани нишонаҳо, риояи қоидаҳои гузоштани остин, дарозии маснуот мувофиқи талабот санҷиши дуюми куртаи миллӣ гузаронида шавад.

10.Баъд аз гузаронидани санҷиш аз тарафи омӯзгор иҷозат дода мешавад, ки чинҳои остин бо кӯки калон дӯхта шавад.

11.Дӯхтани буриши паҳлуии бо чоки масофааш аз буриш 1,5 см аввал дастӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ, қат кардани нӯги остин, қати якум 1 см ва қати дуюм 2 см бо дарзи нонамоён.

12.Аз тарафи омӯзгор бо мақсади баҳогузорӣ санҷиш оид ба мувофиқ омодани остин, дуруст тақсим кардани чинҳои остин, сифати қаткунии нӯги остин ва худи остин, коркарди намию гармии маснуот гузаронида шавад.

13.Аз тарафи омӯзгор нуқсонҳои ошкоршудаи таҳияи остин сари вақт муайян ва бартараф карда шавад.



***Раванди коркарди технологии остин ва пайвасти он ба тана***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таҳияи остин маълумот дода метавонад? | | | |
| Доир ба остини манжетдор маълумот дода, тарзи тайёр кардани чинҳои остини манжетдорро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба тарзи дуруст часпонидани манжет маълумот дода, камбудӣ ва нуқсони онро муайян карда метавонад? | | | |
| Тарзи дӯхтани манжетро шарҳ дода, онро дар амал ичро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои навро эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 25
## Мавзӯъ: Дӯхти пурраи куртаи миллӣ

**Барнома:** Пайдарпай тайёр кардани қисмҳои курта барои пурра дӯхтани маснуот. Ороиши маснуот.Коркарди буриши поёни маснуот. Талабот ба сифати маснуот. Талаботи санитарию беҳдоштӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дӯхти пурраи куртаи миллиро шарҳ дода тавонад;
- Куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои онро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад;
- Дуруст қат кардани доманро шарҳ дода, камбудӣ ва нуқсони онро муайян карда тавонад;
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад;
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад;
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба таҳияи остин маълумоти мухтасар диҳед.

2.Оид ба раванди тайёр кардани чинҳои остини манжетдор маълумот диҳед.

3.Манжетро чӣ гуна ба остин мечаспонанд?

4.Раванди дӯхтани манжети остини кӯтоҳ чӣ гуна сурат мегирад?

5.Баъди ёфтани нуқсони маснуоти китфдор ҳангоми пайвасткунии остин чӣ гуна ислоҳ карда мешавад?

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ карда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба дӯхти пурраи куртаи миллӣ гузаронида, дар бораи куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он, қат кардани доман, ченкунии дуюм, таҳияи курта баъд аз санҷиши дуюм, пурра дӯхтани маснуот шарҳ дода мешавад.

Баъди ченкунии якум, вақте ки нуқсонҳо бартараф карда мешаванд, либосро боз як бори дигар пӯшонида, ҷойи дарозии дарзҳо, кӯки чинҳо, ҷойи остин, мувофиқати остин бо маснуотро тавассути бӯр ё сӯзанак ишорат мекунанд ва дарозии либосро муайян намуда, сӯзанак мезананд.

Куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он. Тамоми дарзҳои курта аз аввал то охир бояд росту ҳамвор бошанд. Вақти шинонидани остинҳои курта барои серчин нашудани қисми пеши остин чинҳои ҳосилшударо баробар тақсим мекунанд. Дарзи пайвандии остинро зимни дӯхти одӣ ба тарафи остин хобонида, дарзмол мекунанд. Ҳангоми гиребонро бо дарзи майда ба гардан пайвастан, гиребон бояд аз боло бошад. Баъд канори холии гиребони

рӯро ба дарун қат карда, дарзи ноаёни дастӣ мезананд. Ҳангоми пайвастани гиребонҳои гуногуншакли куртаҳо аз таг ҳошияи 1-1,5 см монда медӯзанд. Ба гардани куртаҳои бегиребон ҳошияи 3 то 4 см мемонанд. Ду канори ҳошияро қат карда, бо мошина медӯзанд ва чанд ҷояшро аз таг ноаёну дастӣ кӯк мезананд. Домани либосро вобаста ба навъи матоъ ва намуди либос чанд хел қат мекунанд. Либоси матоаш тунук ва ё ғафсиаш миёнаро бо дарзи ниҳонӣ, маснуоти матоаш зичбофту ғафсро бо дарзи бахмалин медӯзанд ё мағзӣ мемонанд.Ҳиссаи чокро ба ду тараф хобонида, дарзмол мекунанд ва дарзи тасмаро ба тарафи чаппаи маснуот кӯк мезананд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Баъди ченкунии якум бо кадом мақсад либосро бори дигар мепӯшонанд?

2.Оид ба куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он маълумоти муфассал диҳед.

3.Раванди қат кардани доманро маълумот диҳед.

4. Оид ба пурра дӯхтани маснуот шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи усули “Синквейн”**

Синквейн калимаи фарансавӣ буда, маънояш 5 мисраъ аст. Синквейн –шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад.

*Синквейн – як навъи кори хаттӣ аст, ки барои ҷамъбасту хулосабарории мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.*

Бо ёрии ин метод фикру ақидаи шахсӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи панҷ банд (унсур) хонандагон фикрашонро оид ба мавзӯъ баён карда метавонанд.

**Мақсадҳо:** фикру мулоҳиза шахсии худро хаттӣ ифода намудан; таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ кардан; нутқи хаттиро инкишоф додан; ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ ҳавсманд намудан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

**1.**Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан исм).

2.Ифода намудани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат).

3.Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол).

4.Муносибат ба мавзӯъ (ҷумлаи иборат аз чор калима).

5.Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

***Тарҳи синквейн чунин аст:***

**1.** ________________.

**2.** ________________, ________________.

**3.** ________________, ________________, ________________.

**4.** _____________ _______________ _____________ _____________.

**5.** ________________.

**Намуна:**

**1.Куртаи миллӣ.**

**2.Шинам ва зебо.**

**3.Андоза мегиранд, мебуранд, медӯзанд.**

**4.Куртаи миллӣ зебанда аст.**

**5.Дӯхтан.**

**Дар натиҷа хонандагон:** фикру мулоҳизаҳояшонро хаттӣ ифода менамоянд; ба қисматҳои асосии мавод диққат доданро ёд меиранд; маводди навро хубтар ба хотир мегиранд; маводди навро таҳлил карда, хулоса мебароранд.

Ҳангоми навиштани “синквейн” диққат диҳед, чизҳои муҳимми мавзӯъ қайд карда шаванд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Ин методро асосан дар охири дарс мегузаронанд. Ҳангоми бори аввал гузаронидани “синквей”, аввал худатон тарзи навиштани онро бо якчанд намуна нишон диҳед. Ин методро дар корҳои гурӯҳӣ ва дунафарӣ ҳам гузаронидан мумкин аст.

**6.Кори амалӣ:** Дӯхтани пурраи курта

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** куртаи тайёршуда, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қуттии корӣ

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор супориш оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ дода мешавад.

2.Баъд аз пайваст кардани қисмҳои пурраи курта маснуотро пӯшида, мувофиқат намудани он аз тарафи омӯзгор аз назар гузаронида мешавад.

3.Мувофиқат намудани гиребон, остин, омода намудани чини тана ба камзӯлча, дарозии маснуот, дурустӣ ва шинам омадани гиребон, чокҳои паҳлуии тана, бекашиш будан ва мувофиқат кардани пайвасти дурусти остин ба тана санҷида шавад.

4.Агар дар куртаи дӯхташуда, нуқсонҳои дағалона дида шавад, онро бартараф намудан лозим аст.

Эзоҳ: 1.Дӯхтани остинро аз тарафи буриши паҳлуӣ аз чоки поён сар карда, ба чинҳо нодуруст роҳ додан лозим нест.

2.Дӯхтани чоки остин тавассути мошинаҳои махсус, ки дар синф мавҷуд аст анҷом дода шавад.

3.Баъд аз муайян намудани дарозии маснуот бари доманро қат карда, қати якумро 1 см ва қати дуюмро 3-4 см аввал бо кӯки калон, баъд бо дарзи нонамоён дӯхтан лозим.

4.Куртаи тайёрро дарзмол кардан лозим аст.

5.Аз тарафи омӯзгор дуруст гузоштану дӯхтани остин, якхела будани дарозии остинҳои рост ва чап бояд санҷида шавад.



***Пурра дӯхтани курта***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дӯхти пурраи куртаи миллӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дуруст қат кардани доманро шарҳ дода, камбудӣ ва нуқсони онро муайян карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфа-кориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 26

### Мавзӯъ: Лоиҳаи эҷодӣ. Куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак

**Барнома:** Асосноккунии номгӯйи маснуоти сохташаванда. Тартиб додани ангора. Расми техникӣ ё нақшаи он. Тартиб додани харитаи технологии маснуоти сохташаванда. Лоиҳаи таблиғотӣ. Ҳисобкунии иқтисодӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи лоиҳаи эҷодӣ маълумот дода, мақсади онро муайян карда тавонад;
- Оид ба куртаи миллии гиребондори остинаш қаноатак маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба раванди иҷрои лоиҳа маълумот дода, лоиҳаи омодакардаашро дифоъ карда тавонад.
- Оид ба интихоб ва асосноккунии лоиҳа маълумот дода, маҳсулотро тарғиб карда тавонад.
- Оид ба ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Баъди ченкунии якум бо кадом мақсад либосро бори дигар мепӯшонанд?

2.Оид ба куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он маълумоти муфассал диҳед.

3.Раванди қат кардани доманро шарҳ диҳед.

4. Оид ба пурра дӯхтани маснуот маълумот диҳед.

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оред.

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба лоиҳаи эҷодӣ гузаронида, доир ба куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак, талабот ба сифати маснуоти тайёр, интихоб ва асосноккунии лоиҳа, тарғиб (реклама)-и маҳсулот, унсурҳои тарғиби мол, намунаи лоиҳаи эҷодӣ, ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот, дифои лоиҳаи эҷодӣ, саволҳое, ки ба он ҳар як хонанда ҷавоб бояд диҳад, тайёр кардани остини қанотак, дӯхти остини қанотак, гузоштани хатҳои конструктивӣ қолиби тайёр, технологияи таҳияи куртаи миллии остинаш қанотак маълумот дода мешавад.

Лоиҳаи эҷодӣ кори мустақилонаи ҷамъбастие мебошад, ки сифати иҷрояш ба дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонандагон, то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малака ва маҳорати ҳар як хонанда дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста мебошад. Лоиҳа аз қисмҳои алоҳида иборат мебошад: ангора, расм, нақшаи тайёр кардани ягон маҳсулот ё ба амал овардани ягон раванди техникӣ. Он аз ҳисобу китобҳо, натиҷаи озмунҳо, тадқиқоти унсурҳои такмилдиҳии конструксия, ҳисоби иқтисодӣ ва ғайра иборат аст.

Раванди иҷрои лоиҳаро ба якчанд давра тақсим кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат ба ҳар як давра алоҳида баҳо гузошта мешавад. Дар рафти тайёр кардани лоиҳаи эҷодӣ то таҳияи маснуоти тайёр бояд доир ба кори рассом, амсиласоз, лоиҳасоз, технологӣ тайёр кардани либос, оператори таҷҳизоти дӯзандагӣ маълумот дошта бошад.

Талабот ба сифати маснуоти тайёр:

1.Намуди берунӣ бояд мувофиқи модели интихобӣ бошад.

2.Маснуоти тайёрро хуб дарзмол кардан лозим аст.

3.Ҷузъҳои ҷуфт андозаи якхела дошта бошанд.

4.Чокҳои дастӣ ва мошинӣ ба шарту шароитҳои дӯхтан мувофиқ ояд.

Интихоб ва асосноккунии лоиҳа. Технологияи мувофиқ, сарфакорӣ ва аз ҷиҳати экологӣ безарар будан аз ҷумлаи талаботи зарурию техникии маснуоти дӯхташаванда мебошанд.

*Тарғиб (реклама)-и маҳсулот.* Бояд ҳар як хонанда маснуоти дӯхтаи худро тарғиб карда тавонад. Тарғиби маҳсулот қисми зарурии лоиҳа мебошад, чунки ба фурӯш рафтани маҳсулоти истеҳсолшуда маҳз аз ҳамин чиз вобаста аст. Тарғибот, тавре ки маълум аст, омили рушддиҳандаи савдо ба ҳисоб меравад.

Тарғиби мол аз унсурҳои зерин иборат шуда метавонад:

1.Аломати молии фирма.

2.Ном ва таъйиноти маҳсулот.

3.Якчанд ибораи тарғиботӣ.

*Ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот.* Нархи маснуоти истеҳсолкарда асосан аз хароҷоти маснуот вобаста аст. Барои муайян кардани хароҷоти маснуот бояд ҳисоб кард, ки он аз кадом ашёи хом таҳия гаштааст ва чӣ миқдор маводди хом сарфи ин кор шудааст. Донистан зарур аст, ки маводди гуногун бо ченакҳои гуногун чен карда мешавад ва ин нишондиҳанда аз миқдори он вобаста аст.

Вобаста ба воҳиди ченкунӣ нархи мавод низ иваз мешавад. Ҳамаи воҳидҳои ченкуниро пеш аз ҳисобкуниҳо ба системаи СИ (ченкунии стандартӣ) даровардан лозим аст.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Лоиҳаи эҷодӣ чист?

2.Давраи раванди иҷрои лоиҳа кадомҳоянд?

3.Талабот ба сифати маснуоти тайёрро шарҳ диҳед.

4.Интихоб ва асосноккунии лоиҳа чӣ гуна сурат мегирад?

5.Оид ба тарғиби маҳсулот маълумот диҳед.

6.Дар бораи ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот шарҳи мухтасар диҳед.

**5.Истифодаи озмуни «Дӯзандаи босавод»**

Ҳарфҳои садоноки заруриро дар калима аз рӯйи мавзӯи мазкур гузоштан лозим аст. Ба варақа ё тахтаи синф як аъзои гурӯҳ менависад, ҳамаи гурӯҳ назорат мекунад.

К-РТ- Т-РҒ-Б
Л- -Ҳ- М-СН- -Т
-СТ-Н К-МЗ-ЛЧ-
Г-Р-Б-Н Т-Н-

**Худро бисанҷ:** курта, лоиҳа, остин, гиребон, тарғиб, маснуот, камзӯлча, тана

**6.Кори амалӣ:** Технологияи таҳияи куртаи миллии остинаш қанотак

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қалами одӣ, варақаи корӣ, матоъ, қуттии корӣ, мошини дарздӯзӣ, қолаб

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор доир ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дод шавад.
2.Пеш аз буридан матоъро ба дарозӣ дуқат карда, тарафи ростаашро ба рӯйи ростааш гузошта, қолаби танаи камзӯлчаҳои ақибу пеш, остин ва гиребонро ҷобаҷо карда, он бурида шавад.
3.Аввал танаи куртаро бурида, баъд нишонаи секунҷа гузошта шавад.
4.Дарзҳои китфро кӯк зада, таҳияи комили камзӯлча амалӣ гардонида шавад.
5.Агар гиребон ороишдор бошад, он гоҳ ба дарзи гиребон қисми ороишеро, ки бараш 3-4 см аст, моил бурида, дӯхта шавад.
6.Камзӯлчаро чаппа карда, қисми ороишдорро ба болояш гардонида, аввал дастӣ баъд бо воситаи мошина дӯхта шавад.
7. Танаи тарафи буриши болои куртаро дастӣ ё тавассути мошини дарздӯзӣ ду қатор дӯхта, ҳар ду риштаҳоро баробар кашида, чинҳо якхел тақсим карда шавад;
8.Масофаи байни дарзҳо бояд 0,5-1 см бошад.
9.Баъд дарзҳои паҳлуӣ пайваст карда шавад.
10.Камзӯлча ба тана бо назардошти чинҳои тана пайваст карда шавад.
11.Буриши паҳлуи остини қанотак дастӣ кӯк зада, бо мошина дӯхта шавад.
12.Қисми болоии остин аз тарафи ростаи матоъ ду бор мувозӣ дарзи мошинӣ зада шавад (бо дарзи калон).
13.Дарзи поёнии чинҳоро ҷамъ карда, дар тарафи чаппаи матоъ гиреҳ баста шавад;
14.Чинҳо дар тамоми масофа як хел ҷамъ карда шавад.
15.Остини тайёр ба маснуот пайваст карда, назардошти чинҳо кӯк карда, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад.
16.Аз тарафи омӯзгор бо мақсади баҳогузорӣ оид ба риояи қоидаи дӯхтани курта, сифати чоку чинҳо, сифати дарзмолкунӣ санҷиш гузаронида шавад.



***Куртаи остинаш қанотак***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

*Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи лоиҳаи эҷодӣ маълумот дода, мақсади онро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак маълумот дода, дар амал онро дӯхта метавонад? | | | |
| Оид ба раванди иҷрои лоиҳа маълумот дода, лоиҳаи омоданамудаашро дифоъ карда метавонад? | | | |
| Оид ба интихоб ва асосноккунии лоиҳа маълумот дода, маҳсулотро тарғиб карда метавонад? | | | |
| Оид ба ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 27
## Мавзӯъ: Ҷӯлоҳӣ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Навъҳои ресмон ва сӯзанҳои ҷӯлоҳбофӣ. Васеъ ва танг кардани ҷӯлоҳ. Омӯхтани навъҳои бофт. Ҳалқаҳои роста ва чаппа.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи касбу ҳунарҳои миллӣ, таърихи пайдоиши бофтани маснуот маълумот дода тавонад.
- Оид ба бофтани бо сихҳо маълумот дода, онро дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба навъҳои матои бофташуда маълумот дода, матоъҳои бофташударо аз рӯйи навъҳояш шиносад.
- Оид ба хомҳалқаҳои рост ва печон маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.

- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Лоиҳаи эҷодӣ чист?

2.Давраи раванди иҷроиш лоиҳа кадомҳоянд?

3.Талабот ба сифати маснуоти тайёрро шарҳ диҳед.

4.Интихоб ва асосноккунии лоиҳа чӣ гуна сурат мегирад?

5.Оид ба тарғиби маҳсулот маълумот диҳед.

6.Оид ба ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот маълумоти мухтасар диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба касбу ҳунари миллӣ гузаронида, доир ба таърихи пайдоиши бофтани маснуот, бофтан бо сиххо, навъҳои матои бофташуда, қатори аввал, канори ҳошия, тарзҳои бофтани ҳалқаҳои роста ва чаппа, хомҳалқаҳои рост ва печон шарҳ дода мешавад.

Муайян кардани замону таърихи пайдоиши ҳунари бофтан душвор аст, лекин ҳангоми ҳафриёти мақбараи қадими мисриён ҷуроби бачагонаи бофташудае пайдо гашт, ки дар он ангушти калони пой алоҳида бофта шудааст ва шояд барои пӯшидани пойафзор мувофиқ карда шуда бошад. Олимон муайян кардаанд, ки он ҷуроб дар тӯли 5 ҳазор сол осебе надидааст.

Ҷӯлоҳӣ бо сиххо. Барои ин тарзи бофтан бо ресмонҳои пашмин, нимапашмин, абрешимин, пахтагӣ, наххои синтетикӣ истифода бурда мешавад. Шаклҳои ҷузъҳои алоҳида дар натиҷаи каму зиёд кардани ҳалқаҳо, тағйир додани зичии бофт аз рӯйи андоза ё ҳисоби ҳалқаҳо ба даст оварда мешавад. Сиххои мазкур рости нӯгҳояшон дутарафа, яктарафа ва қӯша буда метавонанд. Сиххо аз ҷиҳати ғафсӣ бояд аз ресмон ду маротиба ғафстар бошанд.

*Хомҳалқаҳои рост ва печон.* Хомҳалқаҳои ростро ба тарафи чап аз зери ресмони корӣ мегузаронанд. Хомҳалқаҳои печон бо ин роҳ бофта мешавад: сихи ростро аз чап ба рост аз тарафи худ, аз зери ресмони корӣ гузаронидан лозим аст. Ин навъи хомҳалқа хеле кам истифода мешавад, зеро дар матои нақшдор нақш вайрон шуда, ҳангоми тӯрбофӣ байни ҳалқаҳо сӯрохиҳои калон-калон пайдо мешаванд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



***Намунаҳои маснуоти бофташуда***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Доир ба таърихи пайдоиши бофтани маснуот маълумот диҳед.

2.Оид ба бофтан бо сиххо маълумоти мухтасар диҳед.

3.Кадом навъҳои матои бофташударо медонед?

4.Ҳалқаҳои роста ва чаппаро бо кадом тарзҳо бофтан мумкин аст?

5.Оид ба бофти хомҳалқаҳои рост ва печон шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи усули "Инсерт"**

Инсерт ҳамчун системаи нишонагузорист. Системаи нишонагузорӣ имконият медиҳад, ки бо матнҳои серахбор кори самаранок ташкил карда, маълумоти ба даст овардашуда, ба тартиби муайян даровардa шаванд

( **I** – inteқactive – ҳамкорӣ, **N** – noting – худфаъолият, **S** – system – қайди системавӣ, **E** – effective – босамар, **Қ** – қeading – хондан ва мулоҳиза кардан, **T** – thinking – фикр кардан)

Истифодаи рамзҳои махсус («v», «+», «-», «?») имконият медиҳад, ки ахбор нишонагузорӣ ва қайд гардад.




**Мақсадҳо:** маҳорати дарёфти мустақилонаи ахбори даркорӣ; таҳлил карда тавонистани ахбор; ташаккул додани малакаҳои хониш бо дарки мазмун; маълумоти ба даст овардашударо ба низоми муайян дароварда тавонистан; арзёбӣ карда тавонистани ахбор.

1.Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи касбу ҳунари миллии бофтан чизе ки медонанд? гӯянд. Бо усули "Ангезиши зеҳн" ақидаҳо ҷамъ мешаванд.

2.Пас аз баён намудани фикру андешаҳо барои хондан матн (дар саҳ. 157) пешниҳод мегардад.

3.Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳангоми хондани матн дар ҳошияи (сархат) матн бо қалам нишонаҳои зеринро гузоранд: **"V", "+", "-", "?".**

Ба хонандагон фармоед, ки баъд аз мутолиа ва нишонагузории матн дар дафтар ҷадвали "ИНСЕРТ"-ро тасвир намоянд ва аз рӯйи аломатҳои гузошташуда қисматҳои ҷадвалро пур кунанд.

**Ҷадвали «Инсерт»**

| "V" (медонам) | "+" (ахбори нав) | "_" (мухолифат пайдо шуд) | "?" (савол дорам) |
|---|---|---|---|
| | | | |

1.Қисматҳои ҷадвал бонавбат муҳокима мегарданд.

2.Барои муҳокима чунин саволҳоро додан мумкин аст: «Дар матн бо кадом ахбори шинос дучор омадед?», «Чӣ чизи нав фаҳмидед?», «Дар кадом масъала мухолифат ба вуҷуд омад?», « Кадом саволҳо пайдо шуданд?», ва ғайра.

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| **Маълумоти умумӣ оид ба бофтан**<br>Бофандагони машҳури қадим, ки бо кешбофӣ бофтан шуҳрат пайдо кардабуданд, арабҳо ҳисобида мешуданд. Онҳо нақшу нигори мураккабро 2 ҳазор сол пеш кашф карданд. | **V** |
| Дар Фаронса дар аввали асри XII каллапӯшҳои занона, дастпӯшакҳо ва дар асри XII-XV ҷуроб, ҳатто либоси болопӯш мебофтанд. Оҳиста-оҳиста ин навъи бофтан дар Аврупо паҳн шуд. | **+** |
| Навъҳои бофтаҳои дарёфтшударо дар асри XII испаниҳо, итолиявиҳо ва як аср баъд фаронсавиҳо, шотландиҳо, англисҳо омӯхтанд. | **–** |
| Аввалин дастгоҳи бофандагии механикӣ аз тарафи кӣ ихтироъ карда шудааст? | **?** |

| V (медонам) | + (ахбори нав) | – (шубҳа, мухолифат) | ? (савол дорам) |
|---|---|---|---|
| Бофандагони машҳури қадим, ки бо кешбофӣ ва бофтани шухрат пайдо карданд, арабҳо ҳисобида мешуданд. Онҳо нақшу нигори мураккабро 2 ҳазор сол пеш кашф карданд. | Дар Фаронса дар аввали асри XII каллапӯшҳои занона, дастпӯшакҳо ва дар асри XII-XV ҷуроб ҳатто либоси болопӯш мебофтанд. Оҳиста-оҳиста ин навъи бофт дар Аврупо паҳн шудааст. | Навъҳои бофтаҳои дарёфтшударо дар асри XII испаниҳо, итолиявиҳо ва як аср баъд фаронсавиҳо, шотландиҳо, англисҳо омӯхтанд. | Аввалин дастгоҳи бофандагии механикӣ аз тарафи кӣ ихтироъ карда шудааст? |

**6.Кори амалӣ:** Намунаи бофтаҳо

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** намудҳои сих, навъҳои ресмонҳои пашмӣ, намунаи бофтҳо

**Марҳала:**

1.Омӯзгор супориш медиҳад, ки аз тарафи хонандагон намунаи бофт интихоб карда шавад.

2.Мувофиқи интихоби намуна навъҳои сих ва ресмонҳои пашмӣ интихоб карда шавад.

3.Ба раванди марҳалаи аввали бофт нигоҳ карда, тарзи бофтро омӯзед.

4.Мувофиқи намунаи интихобшуда, бофтанро оғоз намоед.

5.Аз тарафи омӯзгор оид ба сифати намунаи бофт назар карда, баҳогузорӣ карда шавад.







***Навъи сихҳо ва ресмон барои бофтан***



***Раванди марҳалаи аввали бофтан***



***Намунаҳои бофтаҳо***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касбу ҳунарҳои миллӣ, таърихи пайдоиши бофтани маснуот маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба бофтан бо сихҳо маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Оид ба навъҳои матои бофташуда маълумот дода, матоъҳои бофташударо аз рӯйи навъҳояш мешиносад? | | | |
| Оид ба хомҳалқаҳои рост ва печон шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 28

**Мавзӯъ: Қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот**

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Омӯхтани навъҳои бофт. Ҳисоб кардани ҳалқаҳо. Мувофиқ омадани нақшҳои гуногун. Иҷрои хелҳои ҳалқаҳо. Бофтани намунаҳо. Муайян кардани сифати маснуоти намунаи бофташуда.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот маълумот дода тавонад.
- Оид ба ҳисоб кардани ҳалқаҳо маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба дуруст ҷобаҷо гузоштани нақши матоъ маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба мувофиқ омадани нақшҳои гуногуни бофт маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба таърихи пайдоиши бофтани маснуот шарҳ диҳед.

2.Оид ба бофтан бо сиххо маълумоти мухтасар диҳед.

3.Кадом навъҳои матои бофташударо медонед?

4.Ҳалқаҳои роста ва чаппаро бо кадом тарзҳо бофтан мумкин аст?

5.Оид ба бофти хомҳалқаҳои рост ва печон шарҳ диҳед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред**.**

**3. Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот гузаронида, доир ба ҳисоб кардани ҳалқаҳо, дуруст ва ҷобаҷо гузоштани нақши матоъ, мувофиқ омадани нақшҳои гуногуни ҷӯлоҳӣ, муайян намудани маснуоти бофташаванда, интихоби ресмон ва нақш маълумот дода мешавад.

Пеш аз сар кардани бофтани маснуот гирифтани ченак ва андозаи аслии маснуоти бофташаванда зарур аст.

*Ҳисоб кардани ҳалқаҳо.* Барои он ки маснуот мувофиқи андоза бофта шавад, миқдори даркорӣи ҳалқа ва қаторҳоро барои қаду бари он муайян кардан зарур аст. Бинобар ин, аз 30 ҳалқа ва 30 қатор бо ҳамон ресмону нақша ва сиххое, ки маснуоти аслӣ бофта мешавад, сармашқ мебофанд.

Сармашқро бо латтаи тар дарзмол карда, баъди хушк шуданаш қаду бараш бо сантиметр чен мекунанд.

*Дуруст ва ҷобаҷо гузошатни нақши матоъ.* Агар нақш аз роҳҳои борики барқад иборат бошад, дар он сурат бояд кӯшиш кард, ки нақши тахтапушт бо ҳалқаҳои якхела оғоз ёфта, бо ҳамин тартиб тамом шавад. Барои пайи ҳам дуруст омадани раҳҳо 1-3 ҳалқаро кам ва ё зиёд кардан зарур менамояд.

Мувофиқ омодани нақшҳои гуногуни бофт. Бари пеш ва зеҳи нимтанаро, одатан, бо нақшҳои гуногун мебофанд. Дар ин маврид бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми бофтани ҳар қатор дар баъзе намудҳои бофт маснуот дароз мешавад. Баъзан ҳангоми якбора бофтани бари пешу зеҳ, баръакс, бари пеш кӯтоҳ ояд, тарафи дигарашро мекашад. Дар он сурат тарафи кӯтоҳшударо ҳар сари чанд вақт бо қаторҳои иловагӣ дароз менамоянд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Пеш аз сар кардани бофтани маснуот чиро бояд ба назар гирифт?

2.Оид ба ҳисоб кардани ҳалқаҳо маълумот диҳед.

3.Оид ба дуруст ва ҷобаҷо гузоштани нақши матоъ маълумот диҳед.

4.Нақшҳои гуногуни бофтдар кадом ҳолат мувофиқ меоянд?

**5.Истифодаи бозии "Чӣ барои чӣ?"**

Аз тарафи омӯзгор расмҳо дар овезаи таълимӣ бетартиб оварда шудааст. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки чӣ барои чӣ буданашро дарёбанд ва дар ҷадвали овардашуда мувофиқи бофт гузоштаанд.

Масалан, чангак барои бофтани маснуотҳое, ки аз чангак бофта шудаанд.

Ҳангоми дуруст муайян намудани асбобҳо аз тарафи хонанда вазифаи асбоб шарҳ дода шавад.

Ҷавоби хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

| | | |
|---|---|---|
|  |  |  |
| | | |

| | | |
|---|---|---|
| | | |





**6.Кори амалӣ:** Ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** ресмони пашмӣ, сих, ченактасмаи матоъгӣ ва ҷадвал, намунаи бофт

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои интихоби нақши маснуоти бофташаванда 10 см намуна бофта шавад.
2. Аз рӯйи намунаи бофташуда, қатори он ва шумораи ҳалқаи он ҳисоб карда шавад;
3. Шумораи ҳалқаҳои намуна ба сантиметри намунаи бофташуда тақсим карда мешавад, ки он дар 1 см чанд ҳалқа буданашро муайян карда шавад.
4. Баъд шумораи ҳалқаи намунаро ба шумораи қаторахо тақсим карда, ба 1 см чанд қатор буданаш муайян карда шавад.
5. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аз рӯйи намунаи бофташудаи худ шумораи ҳалқаҳо ва қатораи ҳалқаҳоро муайян кунанд.
6. Маснуоти бофташаванда бо сантиметр аз рӯйи ҳалқа ва қатор муайян карда шавад.
7. Дурустии иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.



***Тарзи дуруст муайян намудани шумораи ҳалқаҳо ва қаторҳо***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба ҳисоб кардани ҳалқаҳо маълумот | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба дуруст ҷобаҷо гузоштани нақши матоъ маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба мувофиқ омадани нақшҳои гуногуни бофт маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 29
## Мавзӯъ: Бофтани қаторҳо бо навъҳои гуногуни ҷӯлоҳӣ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Омӯхтани навъҳои бофиши ҷӯлоҳӣ. Ҳисоб кардани ҳалқаҳо. Мувофиқ омадани нақшҳои гуногуни ҷӯлоҳӣ. Иҷрои бофтани қаторҳо ва навъҳои гуногуни ҷӯлоҳӣ. Талабот ба сифати навъи намунаи бофташуда. Танг ва васеъ кардан. Тарзҳои маҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи нав эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи бофтани қаторҳо ба намуди гуногуни маснуоти бофташуда маълумот дода тавонад.
- Оид ба камкунии ҳалқаҳо маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба ду ҳалқаи якҷоя ба боло ва поён ва се ҳалқаро якҷоя шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид банамудҳои гуногуни мустаҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Пеш аз сар кардани бофтани маснуот чиро бояд ба назар гирифт?

2.Оид ба ҳисоб кардани ҳалқаҳо маълумот диҳед.

3.Дуруст ва ҷобаҷо гузоштани нақши матоъро шарҳ диҳед.

4.Нақшҳои гуногуни бофт дар кадом ҳолат мувофиқ меоянд?

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба бофтани қаторҳо бо навъҳои гуногуни бофт гузаронида, доир ба камкунии ҳалқаҳо, ду ҳалқаи як ба боло, ду ҳалқаи якҷоя ба поён, се ҳалқа якҷоя, ду ҳалқаи чаппаи якҷоя, ду ҳалқаи миёнбури чаппа, зиёдкунии ҳалқаҳо, мустаҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин, ҳалқаҳои печдарпеч, ҳалқаҳои ёзонидашуда ё набофта, ҳалқаҳои набофта бо хомҳалқа, резинка, раппорт, резинкаи дуранга шарҳ дода мешавад.

Пеш аз сар кардани бофтани маснуот гирифтани ченак ва андозаи аслии маснуоти бофташаванда зарур аст.

*Камкунии ҳалқаҳо.* Ҳангоми бофтан ҳалқаҳоро ба тарзи гуногун кам мекунанд. Маҳкамкунӣ ё якҷоя бофтани ду ҳалқа чӣ гуна сурат мегирад? Одатан, барои бофтани ҳар як навъи маснуот ин ё он тарзи маҳкамкунӣ тавсия дода мешавад. Барои камкунии як ҳалқа аз ду канори бофт, одатан, ба тарзи маҳкамкунӣ ду ҳалқаро якҷоя мебофанд. Агар ҳалқаҳои бисёрро кам кардан лозим ояд, дар он сурат бо камкунии пайдарпай анҷом дода мешавад.

Зиёдкунии ҳалқаҳо:

а) дар як ҳалқа бо навбат якчанд ҳалқа, як ҳалқаи чаппа ва як ҳалқаи роста мебофанд;

б) аз байни ҳалқаҳои мавҷуда ҳалқаи нав мебофанд;

в) тавассути хомҳалқаҳо;

г) хомҳалқаи сихи чапро аз пушти сих, аз тарафи чап ба рост мебофанд.

Резинка – пайиҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста. Масалан, 1 роста, 1 чаппа ё 2 роста, 2 чаппа ва ғайра.

Раппорт – он аз такрори қисми нақша ва ё нусха иборат мебошад. Дар навишт раппорт одатан чун ситорача (*) ифода шудааст.

Резинкаи дуранга – миқдори ҳалқаҳо бояд ба 6 тақсим шавад, ҷамъи 3, ҷамъи 2.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.





**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба камкунии бофт шарҳ диҳед.

2.Ду ҳалқаи якҷоя аз боло ва аз поёнро дар амал нишон диҳед.

3.Оид ба зиёдкунии ҳалқаҳо маълумот диҳед.

4.Мустаҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин бо чанд тарз ба анҷом расонида мешавад?

**5.Истифодаи усули "Т-схема"**

Ин усул барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид мебошад, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои зеринро талаб мекунад: «ҳа – не», «тарафдор – муқобил», «бартарӣ – камбудӣ», «+» ва «–», «мусбат – манфӣ» ва ғайра.

Ин усул ба хонандагон барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад.

**Мақсадҳо:** ба хотир овардани маълумоти пештар омӯхташуда; мустаҳкам кардани донишҳои мавҷуда; муттаҳид гардонидани хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ; ташкил намудани мубоҳиса.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

- хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед;
- ба хонандагон фармоед, ки ҷадвали иборат аз ду сутун (ба монанди ҳарфи «Т»)-ро тасвир намоянд;
- дар сутуни аввал «ҳа» нависанд, дар сутуни дуюм «не»;
- якчанд андешаҳои дурусту нодурустро дар шакли рӯйхат дар лавҳаи синф нависед;
- аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақша онро ҷо ба ҷо гузоранд (бо андешаҳое, ки онҳо розианд, дар сутуни «ҳа» нависанд, бо андешаҳое, ки онҳо розӣ нестанд, дар сутуни «не» нависанд);
- барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо вақти муайян ҷудо карда шавад;
- баъди анҷоми вақт гурӯҳҳо ҷавобҳои худро муаррифӣ намоянд;
- ҷавобҳои гурӯҳҳо муҳокима карда шавад (махсусан, ҷавобҳои ба ҳам муқобили гурӯҳҳо).

**Намуна.**

1. Ду ҳалқаи якҷоя аз боло бо сихи рост ду ҳалқаи сихи чапро аз тарафи ҳалқаи дуюми пеши маснуот гирифтан даркор аст.
2. Ду ҳалқаи чаппаи якҷояро бо сихҳо аз тарафи рост ва се ҳалқаи сихи чапро аз тарафи якум гирифта, ҳалқаи чаппа мебофанд.
3. Резинка – пайи ҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста.
4. Раппорт – он аз такрори қисми нақша ва ё нусха иборат нест.
5. Камкунӣ дар қатори чап зиёдтар нисбати қатори рост аст.
6. Ҳалқаҳои қатори охирин бо ду тарз маҳкам карда мешавад.
7.

| «Ҳа» | «Не» |
|---|---|
| Ду ҳалқаи якҷояро аз боло бо сихи рост, ду ҳалқаи сихи чапро аз тарафи ҳалқаи дуюми пеши маснуот гирифтан даркор аст. | Ду ҳалқаи чаппаи якҷояро бо сихҳо аз тарафи рост ва се ҳалқаи сихи чапро аз тарафи якум гирифта, ҳалқаи чаппа мебофанд. |
| Ҳалқаҳои қатори охирин бо ду тарз маҳкам карда мешавад. | Раппорт – он аз такрори қисми нақша ва ё нусха иборат нест. |
| Резинка – пайи ҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста | Камкунӣ дар қатори чап зиёдтар нисбат ба қатори рост аст. |

**Дар натиҷа хонандагон:** дарсҳои гузаштаро ба хотир меоранд; донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд; дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд; бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Ин усулро дар шакли бозӣ ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурӯҳе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд. Ҳангоми дар шакли бозӣ ё мусобиқа гузаронидани ин метод, хонандагони фаъолро ба гурӯҳҳо баробар тақсим намоед.

**6.Кори амалӣ:** Бофтани резинкаи дуранга

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** сихҳо, ресмонҳои пашмӣ, намунаи раппортҳо

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои бофтани резинкаи дуранга супориш дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор намунаи бофтани резинка шарҳ дода мешавад, пайиҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста, мисол: як роста, як чаппа ё ду роста, ду чаппа, ки аз рӯйи раппорт иҷро карда мешавад ва оид ба раппорт маълумот медиҳад.

3.Қатори 1-ум-3 чаппа, 1 роста, 1 ҳалқа (ресмон аз пушт) 1 роста, 3 чаппаро бофта нашавад;

4.Қатори 2-юм-3 роста, 3 чаппа ва 3 роста.

5.Қатори 3-юм-3 чаппа, 3 ҳалқа бофта намешавад (ресмон аз пушт) 3 чаппа

6.Қатори 4-ум-3 роста, 1 ҳалқаро бофта намешавад (ресмони корӣ аз пеш) 1 чаппа, 1 ҳалқа бофта намешавад (ресмон аз пеш), 3 роста.

7.Қатори 5-ум аз қатори 1-ум сар карда шавад.

Эзоҳ: баъди ҳар қатори дуюм ресмонҳоро иваз мекунанд.







**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бофтани қаторҳо ба навъи гуногуни бофтан шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба камкунии ҳалқаҳо маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба ду ҳалқаи якҷоя ба боло ва поён ва се ҳалқаро якҷоя бофтан маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба навъҳои гуногуни мустаҳкам- | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| кунии ҳалқаҳои қатори охирин маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 30

## Мавзӯъ: Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Ҳисоб кардани ҳалқаҳо. Мувофиқ омодани нақшҳои гуногуни бофт. Бофтани қаторҳо ва намудҳои гуногуни бофт. Талабот ба сифати навъи намунаи бофташуда. Технологияи бофтани маснуот. Муайян кардани сарфи ресмон. Муайян кардани сифати маснуоти бофташуда.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона маълумот дода тавонад.
- Оид ба равандҳои бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Хосиятҳои физикӣ, механикӣ ва технологияи ресмонро ба назар гирифта тавонад.
- Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1.Оид ба камкунии бофт маълумот диҳед.

2.Ду ҳалқаи якҷоя аз боло ва аз поёнро дар амал нишон диҳед.

3.Оид ба зиёдкунии ҳалқаҳо маълумот диҳед.

4.Мустаҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин бо чанд тарз ба анҷом расонида мешавад?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона ва бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана гузаронида, доир ба хусусиятҳои физикию механикӣ ва технологии нах, интихоби ресмон, муайян намудани нуқсонҳои ресмон, ресмонҳои пашмин, фабрикаҳои ресандагӣ, хосияти матои пашмин, аҳамият додан ба зебоӣ, шинамӣ ва сарфаи вақту ресмон, қолиб, муайян намудани шумораи миқдори ҳалқаҳо, қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сихҳо маълумот дода мешавад.

Пеш аз он, ки ба бофтани маснуот сар кунем, аввал муайян кардан лозим аст, ки он аз кадом нах ҳосил шудааст.

Хусусиятҳои физикию механикӣ ва технологияи онро низ донистан лозим аст. Дар вақти интихоби ресмон онҳоро дида баромадан лозим аст, ки ҷойҳои кандашуда, нобофта, гиреҳҳо мавҷуд аст ё не. Ресмонҳои пашминро аз нахи пашмин мересанд. Дар фабрикаҳои ресмонресӣ ин корро ресанда иҷро мекунад. Онҳо хосияти нотакрори ҳифзи гармиро доранд. Дигар навъи ресмонҳо чунин хосиятро надоранд. Дар вақти бофтан ба зебоӣ, шинамӣ ва сарфаи вақту ресмон аҳамият додан зарур аст. Бинобар ин, маснуоти аз ресмонҳои пашмин бофтаро дар фасли тирамоҳ ва зимистон истифода мебаранд.










***Намунаҳои нимтанаҳои бофташуда***

Нимтанаро аз рӯйи қолиб ва баъди шумоaидани миқдори ҳалқаҳо мебофанд. Бофтанро, асосан, аз қолиби тахтапушт сар мекунанд.

Ба тахтапушт 70 ҳалқа андохта, 13 см резинкаи 1х1 бофта, сипас бофтанро аз рӯйи нақша ичро мекунанд.

Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан 36 ҳалқа гирифта, баландии резинкаро 3 см бар 1х1 мебофанд. Сипас 11 см аз рӯйи нақшйи дахлдор мебофанд. Аз тарафи паҳлу 24 ҳалқаро ба сӯзанак гирифта, аз он миён 12 ҳалқаи боқимондаро барои ороиши пеш гирифта, бофтанро давом медиҳанд. Аз рӯйи нақшаи намунавӣ то баландии 12 см бофта, баъд ин ҳалқаро ба сӯзанак маҳкам карда, бар асоси 24 ҳалқа тибқи нақши резинкаи шведӣ баландии 12 см бо ресмони кабуд мебофанд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.




***Нақша ва нимтанаи бачагона***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона маълумот диҳед.

2.Барои чӣ хусуситятҳои физикию механикӣ ва технологияи нахро ба назар бояд гирифт?

3.Ресмонҳои пашминро аз кадом нах мересанд?

4.Барои бофтани тахтапушт чанд ҳалқа андохта мешавад?

5.Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан чанд ҳалқа гирифта мешавад?

**5.Истифодаи бозии «Анаграмма»**

(анаграмма-таҳриф, ивази ҷойи ҳарфҳои калима, ки дар натиҷа калимаи нав ба вуҷуд меояд)

Хонандагон иборaҳои дар анаграмма бударо аз рӯи мавзӯи « Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана» бояд ҳал кунанд: «пушт тахта» (тахтапушт), «пашми ресмон» (ресмони пашмӣ),«қа лаҳ» (ҳалқа),« англисии резинка» (резинкаи англисӣ),

**Мақсадҳои бозӣ: и**нкишоф додани дониш ва дарккунии мантиқӣ; **с**ифатҳои худбаҳодиҳии хонандагон инкишоф меёбад (андешаронӣ, мустаҳкамии хотира);

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

1.Аз тарафи омӯзгор варақаҳо тақсим карда мешавад.

2.Ҳар як хонанда вазифадор аст, ки аз калимаи додашуда вобаста ба мавзӯъ калимаи дурустро созад.

3. Ба назди тахтаи синф баромада, калимаҳои сохташударо мехонанд.

4. Баъд хонандагоне, ки калимаҳоро ёфтанд, ба назди тахтаи синф мебароянд ва аз овезаи тасвири бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона ва бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана калимаҳои ёфтаашонро нишон медиҳанд ва дар бораи маснуотҳои бофташуда маълумот медиҳанд.

5.Вобаста ба ҷавобҳои хонандагон аз тарафи омӯзгор хол гузошта мешавад.

**6.Кори амалӣ:** Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана,

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот: сих, ресмони пашмин, қуттии корӣ, раппорти намунаи бофт.**

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Барои тахтапушт шумораҳои ҳалқаҳоро аниқ карда, ба тарзи резинка 1х1 бофта шавад.

3.Сипас аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда бофта шавад.

4.Баъд аз 12 см 1 ҳалқагӣ илова карда шавад.

5.Баъди 37 см аз аввали кор барои каҷии китф 2 маротиба 6 ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ баъди як қатор маҳкам карда шавад.

6.Аз миёнаҷои қисми ақиби гардан бо навбат 5,4 ҳалқа маҳкам карда шавад.

7.Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан 36 ҳалқа гирифта, баландии резинка 3 см бар 1х1 бофта шавад.

8.Сипас 11 см аз рӯйи нақши дахлдор бофта шавад.

9.Аз тарафи паҳлу 24 ҳалқа ба сӯзанак гирифта, аз он миён 12 ҳалқаи боқимондаро барои ороиши пеш гирифта, бофтан давом дода шавад.

10.Аз рӯйи нақшаи намунавӣ то баландии 12 см бофта, баъд ин ҳалқаро бо сӯзанак маҳкам карда, бар асоси 24 ҳалқа тибқи нақши резинаи шведӣ баландии 12 см бо ресмони интихобӣ бофта шавад.

11.Қатори 1-ум-2 роста, 2 чаппа, қатори 2-юм-1 роста, 2 чаппа, 2 роста, 2 чаппа, 1 роста дошта, қатори 3-юм монанди қатори 1-ум бофта шавад.

12.Баъд ҳамаи ҳалқаҳоро ба сихи корӣ андохта, ба нақши бофт мувофиқ карда бофта шавад.

13.Барои буриши гардан ҳалқа бо пайдарҳамии 5;3;2;2;1 маҳкам карда шавад.

14.Барои каҷии китф ҳалқа 2 маротиба 6-ҳалқагӣ ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ маҳкам карда шавад.

15.Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сихҳо аз тарафи омӯзгор ба таври ҷиддӣ назорат карда шавад.




***Нақшаи нимтанаи остинаш каме фаромада***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба равандҳои бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хосиятҳои физикӣ, механикӣ ва технологияи ресмонро ба назар гирифта метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 31

### Мавзӯъ: Бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана. Бофти пурраи нимтанаи бачагона

**Барнома:** Ташкили ҷойи кор. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Ҳисоб кардани ҳалқаҳо. Мувофиқ омадани нақшҳои гуногунбофт. Бофтани қаторҳо ва навъҳои гуногуни бофт. Талабот ба сифати навъи намунаи бофташуда. Технологияи бофтани маснуот. Муайян кардани сарфи ресмон. Муайян кардани сифати маснуоти бофташуда. Пайвастани қисмҳои бофташуда. Ороиши маснуот. Коркарди гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуоти тайёр.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана маълумот дода тавонад.
- Оид ба равандҳои бофти пурраи нимтанаи бачагона маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Зарурати дар зер ва зергиребон сохтани ангулаҳои амудӣ ва уфуқиро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад.

- Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда тавонад.
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1.Оид ба бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона маълумот диҳед.

2.Барои чӣ хусуситятҳои физикию механикӣ ва технологияи нахро ба назар бояд гирифт?

3.Ресмонҳои пашминро аз кадом нах мересанд?

4.Барои бофтани тахтапушт чанд ҳалқа андохта мешавад?

5.Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан чанд ҳалқа гирифта мешавад?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Суҳбат оид ба бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана ва бофти пурраи нимтанаи бачагона гузаронида, доир ба зарурати дар зер ва зергиребон сохтани ангула, ангулаи амудӣ ва уфуқӣ, ҷойгиршавии ангулаҳои тугма барои нимтанаи писарона, часпонидани занҷирак, гузаронидани коркарди гармию намии маснуоти бофташуда, дӯхтани дарзҳои китф ва паҳлуҳо, дӯхтани тугма, риояи қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сарсӯзан, қайчӣ ва дарзмол маълумот дода мешавад.

Қисми пеши тарафи ростро низ ҳамчун қисми пеши тарафи чапи нимтана мебофанд, вале дар зеҳ ва зергиребон ангулаҳо месозанд. Агар нимтана барои писарон бошад, аввал қисми пеши ростро бофта, лекин ангулаҳои тугма дар тарафи чап ҷойгир мешаванд ва тугмаро ба тарафи рост медӯзанд. Ангулаҳо амудӣ ва уфуқӣ мешаванд. Барои бофтани ангулаи уфуқӣ дар як қатор мувофиқи қутри тугма чанд ҳалқаро дарун ба дарун бе ресмони корӣ маҳкам мекунанд. Баъд, ба миқдори ҳалқаҳои маҳкамшуда тавассути иловаҳои ноаён бо ресмони корӣ ҳалқаҳо мегиранд ва монанди пештара мебофанд.

Барои бофтани ангулаи амудӣ ҳалқаҳои тарафи дарун ва беруни ангулаи тугмаро алоҳида-алоҳида, вале аз як калоба мебофанд. Як тарафи ангуларо мувофиқи ҳаҷми тугма бофта, бо нӯги сихи рост ресмони кориро айнан ба миқдори “кокул” ва гиреҳчаҳои канори бофташуда печутоб медиҳанд.

Пеш аз он ки қисмҳои маснуоти бофташударо часпонанд, онҳоро ба андоза ё қолиб бо сӯзанак маҳкам карда, бо докаи тар мепӯшонанд ва аз рӯйи дока дарзмол мекунанд. Баъд аз хушк шудан онҳоро гирифта бо ҳам мечаспонанд.

Агар маснуот нақшҳои барҷаста дошта бошад, дарзмол кардани он зарурате надорад. Онро ба андоза ё қолиб бо сӯзанак маҳкам карда, бо докаи тар то хушк шуданаш мепӯшонанд.

Агар ба қисми пеши маснуот ангула бофта шуда бошад, тугмаҳои интихобкардаро мешинонанд ё онҳоро мебофанд.

Тугмаҳоро дар тарафи чапи қисми пеш мешинонанд. Дар канорҳои маснуот бо ресмони норинҷӣ 1 қатор секунҷаҳои бе хомҳалқаро то охир ва ҳамин тавр ба шакли чаппа қатори дигарро бофед. Дар вақти бофтан қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сихсӯзан, қайчӣ ва дарзмолро риоя кунед.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра ва шарҳ дода шавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Ангулаҳоро дар куҷои маснуоти бофташуда месозанд?

2.Навъҳои ангуларо номбар кунед.

3.Агар маснуот нақшҳои барҷаста дошта бошад, дарзмол кардани он зарурате дорад?

4.Агар нимтана барои писарон бошад, тугма дар кадом тараф ҷойгир мешавад?

**5.Истифодаи бозии "Викторина"**

Дар ҳамаи 4 калимаи пешниҳодшуда ҳарфи "А" мавҷуд мебошад. Аз муайянкунандаҳо истифода бурда, калимаро ёбед ва ба катакҳои холӣ ҳарфҳои боқимондаро бояд хонандагон нависанд.

**Саволҳо:**

1.Дар зеҳ ва зергиребони қисми пеши тарафи рости нимтана ... месозанд.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **А** | | | | | **А** |

2.Ангулаҳо ...  ва уфуқӣ мешаванд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **А** | | | | |

3.Агар маснуот нақшҳои ... дошта бошад, дарзмол кардани он зарурате надорад.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **А** | | | **А** | | | **А** |

4.Ба зеҳи ороишии пеш...  (молния) медӯзанд.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **А** | | | | | **А** | |

**6.Кори амалӣ:** Бофтани қисми пеши тарафи рост ва  бофти пурраи нимтанаи бачагона

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки қисми пеши тарафи рости нимтана  низ ҳамчун қисми пеши тарафи чапи нимтана бофта шавад.

3.Бояд дар назар дошт, ки дар зеҳ ё зергиребон ҷой ва шумора барои ангула муайян карда шавад.

4.Қисмҳои омодашударо ба якдигар аввал бо сӯзанак маҳкам карда, бо докаи тар аз рӯйи он дарзмол карда шавад.

5.Баъди хушк шудани маснуот қисмҳои нимтана ба ҳам пайваст карда шавад.

6.Бо сихҳо ҳалқаҳои кушодаи гарданаи тахтапушт ва бари пешро гирифта, ба ҳамон миқдор ҳалқаҳои нав илова карда, аз кокулҳои паҳлуи сутунчаи канорӣ ба тарзи резинии 1х1 аз 5 то 7 см интихобан гиребон бофта шавад.

7.Агар қисми пеши маснуот ангула бофта шуда бошад, тугмаҳои он интихоб карда шинонида шавад.

Эзоҳ: агар ангула бофта нашавад, ба зеҳи ороишии пеши маснуот занҷирак (молния) дӯхта шавад.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба равандҳои бофти пурраи нимтанаи бачагона маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба зарурати дар зер ва зергиребон сохтани ангулаҳои амудӣ ва уфуқӣ маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу афзорҳоро номбар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 32
## Мавзӯъ: Нигоҳубин ва таъмири либос

**Барнома:** Ташкили ҷойи кор. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва бехатарии меҳнат. Маълумоти мухтасар оид ба доғ ва тарзи равонидани доғҳо. Истифодаи маводди табиӣ барои равонидани доғ. Истифодаи тарзи ҷӯшонидан ва тозакунии химиявӣ. Хокаҳои барои ҷӯшонидан ва сафедкунӣ, оҳаркунӣ. Талабот ба сифати тозакунӣ ва хелҳои он. Интихоби хокаҳо барои ҷӯшонидани либос. Назорати сифати маснуот.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи нигоҳубин ва таъмири либос маълумот дода тавонад.
- Оид ба равандҳои шустани либос маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба амалҳои тоза кардани маснуот маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона маълумот диҳед.

2.Барои чӣ хусустятҳои физикию механикӣ ва технологияи нахро ба назар бояд гирифт?

3.Ресмонҳои пашминро аз кадом нах мересанд?

4.Барои бофтани тахтапушт чанд ҳалқа андохта мешавад?

5.Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан чанд ҳалқа гирифта мешавад?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба нигоҳубин ва таъмири либос гузаронида, доир ба шустани маснуот, эҳтиёт кардан, иваз кардани масолеҳ, фурнитура, поккорик химиявӣ, истифодаи хокаҳои ҷомашӯйӣ, раванди равонидани доғҳои равғанини нав пайдошуда, истифодаи ҷавҳари сирко ё атсетон барои тоза кардани маснуоти шоҳии атсетатӣ, нигоҳдории моддаҳои заҳрноку зудафрӯз, амалҳои тоза кардани маснуот: ҷудокунии маснуот ба намуд ва рангҳо, таркунӣ, ҷӯшонидан, шустан, соф кардан, фишурдан, хушккунӣ, дарзмолкунӣ, риояи қоидаҳои сафедкунӣ-тозакунӣ ва ҷӯшонидан, оҳардиҳии нимсахт, маълумот дода мешавад.

Нигоҳубини маснуот ҳолат ва муҳлати истифодаи онро зиёд мекунад. Барои либосро ҳифзу нигоҳ доштан онро дар вақташ шустан ва таъмиру эҳтиёт кардан лозим аст.

Пеш аз шустани маснуот ҷойҳои таъмирталаби онро таъмир бояд кард. Масалан, кисаҳои дарида, гиребон ва остини маснуот, қисмҳои поёнии шим, ҷойи зонуро дарбеҳ кардан лозим аст. Дар вақти иваз кардани масолеҳ фурнитура, тугма ва ангулаҳои ба маснуот мувофиқро бояд гузошт. Ҳангоми дӯхтан ранги ресмон ва матоъҳои интихобшуда бояд мувофиқ бошад.

Поккорик химиявӣ маснуотро зебо, тоза ва оҳарӣ мекунад, лекин на ҳама маснуотро бо роҳи химиявӣ тоза кардан мумкин аст, чунки баъзе матоъ, тугма ва ангулаҳо аз таъсири маводди химиявӣ вайрон мешаванд.

Барои равондани доғҳои равғании нав пайдошуда ба рӯйи доғ хокаи бӯрро пОшида, 2–4 соат нигоҳ медоранд. Баъди доғҳои равғанро ба худ кашида гирифтани хокаи бӯр онро афшонда мегиранд. Агар доғи равған монад, боз як бор ин корро такрор мекунанд. Якчанд маротиба пахтаи тозаро ба маҳлул тар карда, доғро тоза мекунанд ва баъд маснуотро бо оби тоза мешӯянд. Маснуоти шоҳии атсетатиро ба ҷавҳари сирко ё атсетон тоза кардан мумкин нест, чунки он дар моддаҳои номбурда ҳал мешавад.

Тоза (сафед) кардани маснуот чунин амалҳоро дар бар мегирад: ҷудокунии маснуот ба навъ ва рангҳо, таркунӣ, ҷӯшонидан, шустан, соф кардан, фушурдан, хушккунӣ, дарзмолкунӣ.

*Оҳардиҳии нимсахт.* Бо ин роҳ дастархон, сачоқ, ҷилди болишт, кӯрпа, куртаи мардона ва дигар матоъҳоро хушнамуд мекунанд.

Дар ин кор истифодаи оҳари (крахмал)-и картошка ё ҷуворимакка беҳтар аст. Ширеши оҳарро кам-кам ба оби ҷӯшидаистода рехта, чунон мекобанд, ки ғурӯшаҳо пайдо нашаванд. Агар ширеши оҳар шаффофу часпак ва на чандон часпак бошад, онро 3 дақиқа меҷӯшонанд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.




***Навъҳои хока, маҳлулҳои сафедкунӣ ва оҳардиҳӣ***



***Навъҳои оҳарҳои (крахмалҳо)-и табиӣ аз картошка ва ҷуворимакка***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Мақсади нигоҳубини маснуот дар чист?

2.Дар вақти иваз кардани фурнитура чиҳо бояд муофиқ ояд?

3.Ҷиҳатҳои мусбати поккории химиявиро шарҳ диҳед.

4.Барои равонидани доғҳои равғании нав пайдошуда кадом амалҳоро бояд иҷро кард?

**5. Истифодаи усули “Кластери сода”**

Кластер (clasteқ – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр кардан дар бораи мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

**Марҳалаи якум**– дар маркази тахтаи синф (ё вараќи сафед) давра тасвир карда мешавад. Дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад.

**Марҳалаи дуюм** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд.

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд.

**Марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мафҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешавад. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Кластери сода – дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб – дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафҳумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Савол: Дар бораи тоза кардани маснуот кадом амалро медонед?**

Дар бораи тоза кардани маснуот ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**Дар натиҷа хонандагон:** доир ба мафҳум, ё мушкилоти асосӣ амиқ андеша карда, донишҳояшонро оиди он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**6.Кори амалӣ: Нест кардани доғ (интихоб)**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** зарф, моддаҳои тозакунанда ва маҳлули сафедкунанда, хокаи ҷомашӯӣ (интихобан)

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва моддаҳои зарурӣ супориш дода шавад.

2.Ҳангоми иҷрои кори амалӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо маҳлулу хокаҳои тозакуниро риоя бояд кард.

2.Сачоқчаҳои синфхона ё маснуоти интихобиро гирифта, доғҳои онҳоро равонда шавад;

3.Баъд бо маҳлули сафедкунанда тоза карда шавад.

4.Агар доғи сачоқча равғани хушкшуда бошад, ба он каме равғани зард молида, баъд бо бензин тоза карда шавад.

5.Пеш аз ин амалиёт атрофи доғро нам карда, ба таги он пахта ё қоғази обчинак мондан даркор аст.

6.Ба канорҳои доғ оҳар (крахмал) пошида, баъд тоза карда шавад.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи нигоҳубин ва таъмири либос маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба равандҳои шустани либос маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба амалҳои тоза кардани маснуот маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 33

### Мавзӯъ: Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак

**Барнома:** Беҳдошти рӯй. Маълумоти мухтасар дар бораи нигоҳубини пӯсти рӯй. Навъҳои пӯсти рӯй. Нигоҳубини рӯй. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва техникаи бехатарӣ. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак дар рӯй. Ниқобҳо барои рӯй.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи нигоҳубини пӯсти рӯй ва пешгирӣ кардани доғи кунҷитак маълумот дода тавонад.
- Оид ба намудҳои пӯст маълумот дода, хосияти пӯстро муайян карда тавонад.
- Оид ба доғи кунҷитак маълумот дода, пешгирӣ кардани доғи кунҷитакро донад.
- Оид ба намудҳои ниқобҳо маълумот дода, тарзи тайёр кардани ниқоб барои доғи кунҷитакро дар амал иҷро карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва истифодаи дуруст асбобу афзорҳоро дона два риоя тавонад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
- Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.
- Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Мақсади нигоҳубини маснуот дар чист?

2.Дар вақти иваз кардани фурнитура чиҳо бояд мувофиқояд?

3.Ҷиҳатҳои мусбати поккорих химиявиро шарҳ диҳед.

4.Барои равонидани доғҳои равғании нав пайдошуда кадом амалҳоро бояд иҷро кард?

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба гигиенаи духтарон гузаронида, доир ба нигоҳубини пӯсти рӯй, пӯст, вазифаи пӯст, намудҳои пӯст (пӯсти муътадил, пӯсти равғанин, пӯсти хушк), пешгирӣ кардани доғи кунҷитак, ниқобҳо барои доғи кунҷитак, ниқобҳо вобаста ба намуди пӯст: пӯсти равғанӣ – ниқоби сафедкунӣ, ниқоби гули ҳамешабаҳор (календула), ниқоби хамиртурушӣ; пӯсти хушк: ниқоби аз тухм тайёршуда, ниқоби творогӣ маълумот дода мешавад.

Пӯст – пардаи тунукест, ки тамоми баданро рӯйпӯш мекунад. Вазифаи пӯст организми инсонро аз таъсири гуногуни муҳити беруна муҳофизат кардан аст. Ба ғайр аз ин, дар пӯст торҳои бофтаҳои асаб мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо мо гармӣ, хунукӣ, дард ва барҷастагию дағарбуғурии ҷисмро эҳсос мекунем. Илова бар ин, дар пӯст ғадудҳои арақбарор мавҷуданд, ки тавассути онҳо дажғолҳои гуногун ва намаки изофа ба сурати арақ аз организм ҷудо мешаванд. Бисёр ҷудо шудани арақ боиси пайдоиши нуқсонҳо дар пӯсти рӯй ва бадан мегардад.

Пӯст мустаҳкаму чандир буда, вобаста ба синну сол, ҳолати организм ва таъсири муҳити беруна тағйир меёбад. Бинобар ин, барои беҳтар шудани пӯст онро доим нигоҳубин кардан лозим аст.

Пӯсти муътадил нисбат ба пӯсти хушк ва равғанин нигоҳубини камтар меҳоҳад. Шустушӯйи пагоҳӣ на фақат пӯст, балки тамоми организмро бардам гардонида, қобилияти кориро зиёд менамояд. Оби хунук пӯстро ботаровату солим мегардонад. Оби гарм пӯстро нағз тоза карда, равғанашро мебарад, вале рагҳоро васеъ, пӯстро пажмурда мекунад.

Пӯсти равғанин ғадудҳои равғани инкишофёфта дорад. Равғани зиёдатӣ сӯрохиҳои маҷрои ғадудҳои равғанро васеъ ва дар айни замон маҳкам менамояд, ки дар натиҷа дар рӯйи пӯст доначаҳои сиёҳ медаманд.

Пӯсти хушк нисбатан нафис, суфта ва нозук аст. Пӯсти хушк аз таъсири офтоб, шамол, сармо, об, собун ба осонӣ ангезиш меёбад. Дар ҷавонӣ ба пӯсти хушк кремҳои обакӣ молидан лозим аст.



***Навъҳои пӯсти рӯй***

Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак. Кунҷитак яке аз навъҳои доғи рангидонагӣ мебошад. Кунҷитак дар пӯсти одамоне, ки ба нурҳои ултрабунафш бисёр ҳассосанд, айёми баҳор аз таъсири офтоб ба вуҷуд меояд. Кунҷитак аз холҳои хурди гирда ё байзашакли рангашон зарди баланд ё қаҳваранги тира иборат мебошад.

Онҳо мутаносибан дар рӯй, пушти даст, китф, баъзан дар тахтапушту сандуқи сина пайдо мешаванд. Доғҳои кунҷитак баъзан баҳорон чунон бисёр мешаванд, ки бо ҳам як шуда, ба доғҳои калон-калони тира табдил меёбанд.

Барои нест кардани доғи кунҷитак ягон доруи муайян нест, вале пешгирии он аҳамияти калон дорад. Баробари пайдо шудани нурҳои аввалини офтоб то миёнаҳои тирамоҳ пеш аз кӯча баромадан ба рӯй кремҳои махсуси муҳофизатӣ бо иксири ҷавонӣ ва ҷавҳарӣ молида шавад.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра ва шарҳ дода шавад.

 

*Навъҳои кунҷитак*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Пӯст чист ва намудҳои пӯстро номбар кунед.

2.Фарқи пӯсти равғанин аз пӯсти муътадил дар чист?

3.Оид ба доғи кунҷитак маълумот диҳед.

4.Оид ба раванди тайёр кардани ниқоб барои доғи кунҷитак маълумот диҳед.

**5.Истифодаи бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!»**

Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!» барои ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон аҳамият дорад. Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад.

**Мақсадҳои бозӣ:** **т**ашаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон; инкишоф ёфтани тафаккури мантиқии хонандагон; **т**арбия намудани хонандагон ба мулоҳизакорӣ ва дурандешӣ.

**Марҳалаҳои истифода бурдани бозӣ**

1. Аз тарафи омӯзгор ба тахтаи синф ҷумлаҳои подарҳаво навишта мешавад, ки худ оид ба нигоҳубини пӯсти рӯй маълумот медиҳад.

2. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки аз ҷумлаи нодуруст ҷумлаи мантиқан дурустро тартиб диҳанд.

3. Хонандагон дар дафтари кории худ ҷумларо дар тартиби лозима менависанд. Ҳамин тавр, такрор ва мустаҳкамкунии маълумот доир ба мавзӯи додашуда анҷом меёбад.

4. Ба хонандагон саволҳо дода мешавад.

**4.Намунаи истифодабарии бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1.Пӯст тамоми – тунукест, пардаи баданро мекунад рӯйпӯш ки

**(Пӯст – пардаи тунукест, ки тамоми баданро рӯйпӯш мекунад.)**

2. Мехоҳад пӯсти нисбат равғанин пӯсти муътадил хушк ба ва нигоҳубини камтар

**(Пӯсти муътадил нисбат ба пӯсти хушк ва равғанин нигоҳубини камтар мехоҳад)**

3. Равғанин равғани ғадудҳои пӯсти дорад инкишофёфта

(Пӯсти равғанин ғадудҳои равғани инкишофёфта дорад.)

**4. Хушк, ва нафис пӯсти нисбатан аст суфта нозук**

**(Пӯсти хушк нисбатан нафис, суфта ва нозук аст.)**

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?**

Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад; **х**онандагон уҳдабарӣ, ташаббускориро меомӯзанд; диққати хонандагон инкишоф меёбад.

**6.Кори амалӣ:** Тайёр кардани ниқоб (интихобӣ)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қарсон, зарфҳо, қошуқи калон, пахта, оина, соат,

**Миқдори масолеҳ:** интихобӣ

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Намуди ниқобро хонандагон мувофиқи завқи худ интихобан тайёр кунанд.

3.Ниқоб тайёр карда, мувофиқи талабот ба рӯйи молида шавад.

4.Ҳангоми молидани ниқоб ба рӯй муҳлати вақти он риоя карда шавад.

5.Мӯйҳо зери сарбанд гирифта шавад;

6.Бо пахтаи тар пок карда, ниқоб шуста шавад;

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нигоҳубини пӯсти рӯй ва пешгирӣ кардани доғи кунҷитак маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба намудҳои пӯст маълумот дода, хосияти пӯстро муайян карда метавонад? | | | |
| Оид ба доғи кунҷитак маълумот дода, пешгирӣ кардани доғи кунҷитакро медонад? | | | |
| Оид ба намудҳои ниқобҳо шарҳ дода, тарзи тайёр кардани ниқоб барои доғи кунҷитакро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 34
## Мавзӯъ: Бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича)

**Барнома:** Беҳдошти рӯй. Маълумоти мухтасар дар бораи бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича). Навъҳои пӯсти рӯй. Нигоҳубини рӯй. Қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва техникаи бехатарӣ. Пешгирӣ кардани нуқсонҳои рӯй. Тайёр кардани ниқобҳо барои рӯй.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) маълумот дода тавонад.
- Оид ба равандҳои тайёр кардани ниқоб барои пешгирии нуқсони рӯй маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Оид ба гузоштани ниқобҳои омехтаи меваю сабзавот вобаста ба навъҳои пӯст маълумот дода, дар амал иҷро карда тавонад.
- Эҳтиёткорона кор кардан ва истифодаи дурусти асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад.

– Баъзе қисматҳои тайёр кардани ниқобро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад.
– Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда тавонад.
– Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.
– Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

**1.Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш.

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон.

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Пӯст чист ва намудҳои пӯстро номбар кунед.

2.Фарқи пӯсти равғанин аз пӯсти муътадил дар чист?

3.Оид ба доғи кунҷитак маълумот диҳед.

4.Оид ба раванди тайёр кардани ниқоб барои доғи кунҷитак маълумот диҳед.

Пиромуни саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи хонандагонро ба хотирашон оред.

**3.Шиносоӣ бо мавзӯъ:** Суҳбат оид ба бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) гузаронида, доир ба тарзи тайёр кардани ниқобҳо: ниқоби пиёзу лимӯ, ниқоби тарбузӣ, гузоштани ниқобҳои омехтаи меваю сабзавот ба навъҳои гуногуни пӯст, намудҳои пӯст (пӯсти муътадил, пӯсти хушк, пӯсти раванда, пӯсти ҳасса ва мутаассиршаванда, пӯсти варамида, пӯсти ковок ё сӯрохчадор, пӯсти равғанӣ, пӯсти серравған, пӯсти гармичадор, пӯсти бетароват-пажмурда, пӯсти чиндор), қоидаҳои техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ, асбобу анҷомҳои истифодашаванда, аҳамияти витаминҳои А, В барои организми инсон маълумот дода мешавад.

Дар фасли тобистон, махсусан, баъди тирамоҳу зимистон, ки кам шудани витаминҳо дар организм як амри табиист, нури офтоб бадани одамро гарм мекунад.

Як қисми занҳо бояд ба сабаби нозук будани пӯсти рӯяшон дар офтоб на бештар аз 5-7 дақиқа истанд, чунки эҳтимоли дар офтоб сӯхтани пӯсти рӯй вуҷуд дорад. Барои пешгирии ин ҳолат якчанд навъи маҳлул вуҷуд дорад. Онро аз меваҷоту сабзавот тайёр кардан мумкин аст. Равғани чормағзи кӯҳиро бо сафедии тухм омехта ба рӯй мемоланд, ки он ба сӯхтагии ҳосилшуда аз нури офтоб ёрӣ мерасонад. Себ ва сабзӣ ҳам дар мавсими баҳорон ҳамчун воситаи косметикӣ ҳисоб мешаванд. Себро майда карда, ба рӯй мегузоранд. Сабзиро бошад, аз турбтарошак гузаронида, ба рӯй мемоланд.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ. Пеш аз истифодаи ниқобҳо қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва бехатариро риоя бояд кард. Асбобу анҷомҳои истифодашавандаро тоза шустан лозим аст. Дока, пахта ё латтапораи ниқобкашӣ бояд тоза бошанд, матоъҳои истифодашударо шустану дарзмол кардан зарур аст. Дар вақти гузоштани ниқоб ба чашм, гӯш ва бинӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳед, ки ин узвҳо осебе набинанд. Дар вақти истифодаи корд ва асбобҳои резакунии меваю сабзавот эҳтиёт кунед, ки дастатонро набуред. Дастро бо собунҳои хушбӯй бояд шуст.

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур маълумоти пурра дода шавад.



***Нуқсони рӯй (гармича)***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Роҳҳои бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) кадомҳоянд?

2.Оид ба тарзи тайёр намудани ниқоби пиёзу лимӯ маълумот диҳед.

3.Оид ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ ҳангоми молидани ниқоб ба рӯй маълумот диҳед.

4.Витамини А ва В ба организми инсон чӣ гуна аҳамият дорад?

**5.Истифодаи бозии «Чароғак»**

Чароғак бозиест, таҷҳизоти махсусро талаб намекунад. Фақат се ранг – нишона барои ҳар як хонанда тайёр кардан лозим аст (зард, сурх ва сабз). Моҳияти бозӣ аз он иборат аст, ки омӯзгор бо овози баланд даҳ сухани тасдиқии ба як мавзӯъ алоқамандро мегӯяд. Қисме аз онҳо хато доранд. Баъди ҳар як тасдиққунӣ хонандагон нишонаҳои худро мебардоранд.

Ин бозӣ ва бозиҳои ба ин монанд дар ниҳоди хонандагон масъулият ва худназораткуниро инкишоф медиҳад. Масалан, истифодаи ин бозӣ то чӣ андоза аз худ шудани маводди омӯхташударо муайян мекунад.

(Сурх, сабз ё зард), ки чунин маъно дорад; «розӣ» – сурх, «розӣ нестанд» – сабз ва “пурра карда метавонам” – зард.

**Мақсадҳои бозӣ:** инкишоф додани масъулиятнокӣ ва худназораткунӣ дар хонандагон; аз худ намудани маводди нав аз тарафи хонандагон; рушди бодиққатии хонандагон.

**Марҳалаҳои истифода бурдани бозӣ**

1. Аз тарафи хонандагон нишона (жетон)-ҳои сурх, сабз, зард сохта мешавад.

2.Аз тарафи омӯзгор вобаста ба як мавзӯъ 10 «тасдиқ» тайёр карда мешавад, ки як қисми он нодуруст мебошад.

3. Баъди ҳар як тасдиққунӣ хонандагон нишонаҳои худро мебардоранд.

4.Омӯзгор аз байни ҷавобҳои қайдшудаи хонандагон ҷавоби дурустро эълон мекунад. Духтарҳо нишонаҳои лозимаро бардошта ба худ 1 хол мегузоранд.

5. Духтарони 10 хол гирифта ба баҳои «5» сазовор мегарданд.

**Намунаи истифодаи бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1.Дар фасли тобистон, махсусан баъди тирамоҳу зимистон, ки кам шудани витаминҳо дар организм як амри табиист, нури офтоб бадани одамро гарм мекунад. (ранги сурх).

2.Дар зери нурҳои офтоб зиёд истед (ранги сабз)

3.Дар фасли тобистон таъсири офтоб касалиҳои зиёде, бахусус аллергия, дерматоз, доғҳои гармичаро ба вуҷуд меорад. (ранги зард)

(Дар фасли тобистон таъсири офтоб бемориҳои зиёде, бахусус ангезандаи касалиҳои саратони пӯст ва доҳҳои рӯйро ба вуҷуд меорад, аллергия, дерматоз, тез пир шудани пӯсти бадан, доғҳои кунҷитак ва гармича мушоҳида карда мешавад.)

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?** Хонандагон дониши худро нисбат ба маводди нав мустаҳкам мекунанд; хотираи хонандагон мустаҳкам мешавад; фикрронии хонандагон тез мешавад.

**Агар қайдҳои муҳим бошанд, онҳоро нависед:**

Чунин бозиро дар шакли ғайрианъанавӣ низ гузаронидан мумкин аст: Пурсиши фронталии хонандагонро гузаронида, бо машқ якҷоя кардан мумкин аст.

Дар бозӣ 7 нафар иштирок мекунанд: 5 нафар иштирокчии бозӣ, баранда ва довар. Дар раванди бозӣ саволҳои гуногун дода мешавад. Баранда аз рӯйи як мавзӯъ савол медиҳад ва тӯбчаро ба иштирокчии дилхоҳ мепартояд: Он касе, ки тӯбчаро медорад ба савол ҷавоб медиҳад ва тӯбчаро ба баранда бармегардонад. Довар дурустии ҷавоб ва вақти сарфшударо ба назар мегирад ва баҳо мегузорад.

**6.Кори амалӣ:** Тайёр намудани ниқоб аз картошка бо асал

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию беҳдоштӣ оид ба мавзӯъ назорат ва, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** зарф, асал, картошка, турбтарош, чумча

**Марҳала:**

1.Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ супориш дода мешавад.

2.Картошка тоза карда, шуста бо турбтароши майда тарошида шавад.

3.Ба 100 гр картошкаи тарошидагӣ 1 қошуқча асал омехта карда шавад.
4.Баъд омехтаи тайёр бо ғафсиии 1 см молида шавад.
5.Ба ҷойи газакгирифта ва варамида молида шавад.
6.Баъди 2 соат онро кушода, ниқобро оҳиста аз ҷойи осебдида гирифта, бо оби нарму муътадил шуста шавад.



***Раванди тайёр намудани ниқоб ва молидани он***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, ба заҳмати хонандагон баҳо диҳед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи лаёқатнокии онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.
*Мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад.*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича) маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба равандҳои тайёр кардани ниқоб барои пешгирии нуқсони рӯй маълумот дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба гузоштани ниқобҳои омехтаи меваю сабзавот вобаста ба намудҳои пӯст | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| маълумот дода, дар амал ичро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва истифодаи дурусти бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои тайёр кардани ниқобро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи мавод сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ БАРОИ ДУХТАРОН) СИНФИ 8-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррирон | Қ. Сатторӣ, Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | М. Ҳакимова |

Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 22,5
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 143/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Табъу нашр»
бо супориши №10 аз 25.08.2017
ба табъ расидааст.